АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343.27 (575.3)
ТКБ: 67.99 (2) 7 (2Т)
О–42

ОДИНАЗОДА НОСИР САДИР

ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ГАРДИШИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА САНГҲОИ ҚИМАТБАҲОИ ТАБИӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
ЗОИР Ҷ.М.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3

МУҚАДДИМА……4–22

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ.....23–89

1.1. Танзими ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.....23–56

1.2. Хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид: тавсифи миқдорӣ ва сифатии он.....56–75

1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.....75–89

БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА МУШКИЛОТИ БАНДУБАСТИ ОНҲО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....90–154

2.1. Аломатҳои объективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид.....90–111

2.2. Аломатҳои субъективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид.....111–130

2.3. Бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқ кардани он аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ.....130–154

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО……..…….....155–161

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)……....…….....162–188

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....189-191

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҲМ ҶТ – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КГ ҶТ – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

КА ҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

КМҶ ИДМ – Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

КҶ ФР – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

СМИТ– Сармаркази иттилоотию таҳлилӣ

ФР – Федератсияи Россия

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

б. – банд

б.б. – бандҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

МУҚАДДИМА

Мубрам будани мавзуи (предмет) таҳқиқот. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, роҳи сохтмони иқтисодиёти бозоргонӣ ва инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, махсусан истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминиро пеша намуд. Бояд қайд намуд, ки асоси муносибатҳои бозоргониро истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар бар мегирад.

Мутобиқи м. 13 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷкистон, замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар бойгарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати ҳалқ кафолат медиҳад[1].

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22- юми декабри соли 2017, чораҳои мушаххасро оиди ҳифзи иқтисодиёти мамлакат муайян намуданд. Президенти мамлакат, аз ҷумла, қайд намуданд, ки: «... мо бояд, минбаъд низ оиди ҳифзи мушкилиҳои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат кӯшиш намуда, барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, кофтуков ва дарёфти сарчашмаҳои нави болоравии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти ватанӣ, коркардҳо ва иҷроиши технологияҳои нави инноватсионӣ ҳаракат намоем»[2].

Бинобар ин, танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ», ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо) алоқаманд мебошанд, вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, ба мазмуни унсурҳои мафҳумҳои дар Қонуни ҶТ «Дар бораи

---

[1] Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2013 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[2] Ниг.: Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2017. – Душанбе: «Шарқи Озод», 2017. – С. 9.

металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12 – уми майи соли 2001, таҳти №21[3] аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Пас аз қабул шудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998), зиёда аз 24 сол сипарӣ гашта, дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Новобаста ба афзоиши бемайлони ҷинояткорӣ дар ин самт, баъзе паҳлуҳои мубрами қонунгузории ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода нашудааст ва меъёрҳои ҷудогонаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) аз лаҳзаи қабул шуданашон бо пуррагӣ татбиқ нагардидаанд, зеро дарки воқеии онҳо якранг нест.

Таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки сол то сол афзоиши ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар соли 2008 миқдори умумии ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда рӯ ба афзоиш ниҳода, суръати афзоиш дар муқоиса бо соли 2009 +125%-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда афзоиши шумораи ҷиноятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ 6,8 %-ро ташкил дода, шумораи кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ 9,5 % афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2010 – 2021 бошад, ин тамоюл идома меёбад. Тибқи маълумоти Сармаркази иттилоотию таҳлилии ВКД ҶТ (минбаъд–СМИТ ВКД ҶТ) бошад, дар давраи солҳои 2010 – 2021 дар миқёси ҷумҳурӣ 273 ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид (м. 284 КҶ ҶТ) аз ҷумла, солҳои 2010 – 9, 2011 – 9, с. 2012 – 11 (+22%); с. 2013 – 33 (+200%); с. 2014 – 20 (–39%); с. 2015 – 28 (+40 %); с. 2016 – 22 (–21 %); с. 2017 – 25 (+13 %); с. 2018 – 37 (+48%); с. 2019 – 28 (–24%); с. 2020 – 34 (+21%); с. 2021 – 17 (–50%) адад ба қайд гирифта шудааст[4].

Аз ҷумла, аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои

[3] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[4] Ниг.: СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи ҷинояткорӣ дар солҳои 2008 – 2021.

қиматбаҳоро манъ мекунанд, новобаста ба проблемаҳои ҷойдошта мукаммал гардонида нашудаанд.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти хусусияти бланкетӣ доштани ҷиноятҳои зикркарда, омӯзиши ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муомилоти қонунӣ ва ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо манфиатпазир мебошад.

Зеро имрӯз номувофиқатии мазмун ва моҳияти бархе аз меъёрҳои қонунгузории вобаста ба пешгирии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, сабаби пайдоиши мушкилоти муайян дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст.

Аз мадди назар дур мондани танзими ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ», ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо) алоқаманд мебошанд ва ихтилофоти назаррас вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, аломатҳои объективии таркиби ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз қабили «муомилот», «муомилоти ғайриқонунӣ (шартнома, қарордод)», «нигоҳдории ғайриқонунӣ, интиқол, кашонидан» ба тавсифи ин мафҳумҳо дар қонуни дар боло зикршуда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсуси соҳа мувофиқат намекунанд.

Мубрамии мавзуъ боз дар он ифода меёбад, ки зарар аз ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, нисбат ба дигар кирдорҳои ҷиноятӣ бештар буда, ба асосҳои иқтисодии давлат сахт таъсир мерасонад. Зеро маблағҳое, ки мутобиқи м. 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз хариду фурӯши сарватҳои Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба даст меоянд, одатан барои пӯшонидани камомадҳои буҷети давлатӣ истифода карда мешаванд ва дар қисмати даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аммо имрӯз меъёрҳои

дар КҶ ҶТ пешбинишуда, муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи зарурӣ ҳифз карда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ яке аз мақсадҳои асосии ҳукумату давлат ба шумор рафта, чунончӣ дар зербанди 12, б. 3 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028» омадааст, ки яке аз асосҳои қабул намудани ин ҳуҷҷати стратегӣ – пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар мебошад[5].

Талаботи муҳимми амнияти иқтисодии Тоҷикистон ин нигоҳ доштани назорати давлатӣ аз болои захираҳои стратегӣ, нагузоштани содироти аз меъёр зиёди он, ки ба манфиатҳои дохилии мамлакат зарар мерасонад, ҳамчунин нигоҳ доштани муҳити ягонаи иқтисодӣ ва роҳандозӣ намудани муносибатҳои васеи иқтисодии минтақавии безарар ба шумор меравад[6].

Бинобар мураккабии қоидаҳои қонунгузорӣ ва аломатҳои бланкетӣ доштани таркиби м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ дар тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тафриқакунонии ҷиноятҳои мазкур мавқеи мушаххас мавҷуд нест.

Коркарди аломатҳои таркибии ҷиноятҳои мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти калони амалӣ доранд, чунки набудани аломатҳои мушаххаси илмӣ ба камбудиҳои ҷиддии қонунгузорӣ, ба ихтилофоту бесамарӣ дар муборизаба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ оварда мерасонад. Ин дар навбати худ, зарурати таҳқиқи мувофиқати мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ба дигар мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷойдоштаро ба вуҷуд меорад.

---

[5] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 16.09.2021).

[6] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – С. 24.

Инчунин, таҳқиқоти назариявӣ вобаста ба муайян намудани шакл ва намудҳои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ барои ошкор сохтани дараҷаи хавфнокии он мусоидат намуда, онҳо на танҳо таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки ҳуқуқӣ-маъмуриро низ тақозо менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Солҳои охир баъзе ҷанбаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар асарҳои олимони зиёди ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода[7], А.А. Аламшозода[8], Ҷ.М. Зоир[9], А.Қ. Назаров[10], Р.Ҳ. Раҳимзода[11], Ш.Н. Саидов[12], А.И. Сафарзода[13], Т.Ш. Шарипов[14] ва муҳаққиқони хориҷӣ А.Ф. Бантышев[15], Б.В. Волженкин[16], В.И. Гладких[17], А.Г. Иванов[18], И.Г. Иванов[19], В.В. Кулыгин[20], В.З. Салманов[21] ва дигарон дида баромада шудаанд, ки ба

---

[7] Ниг.: Азизов У.А. Развитие уголовного законодательства Республики Таджикистан (1961-2007): автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – 23 с.

[8] Ниг.: Аламшозода А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури илмӣ-методӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 204 с.

[9] Ниг.: Маҷидзода Ҷ.З. Ҷиноятҳои муташаккил ва трансмиллӣ. – Душанбе: «Дақиқӣ», 2014. – 271 с.; Зоир Ҷ.М., Одиназода Н.С. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.М. Зоир, Н.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С 124–133.

[10] Ниг.: Назаров А.Қ. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо дар соҳаи манфиатҳои корхонаҳои тиҷоратӣ / А.Қ. Назаров // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати кормандону устодони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадони», «Соли оила», ва «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 560–562.

[11] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Отмывание денег и правовые аспекты борьбы с легализацией незаконных доходов: монография. – Душанбе, 1999. – 78 с.; Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 176 с.

[12] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[13] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[14] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептульные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-й годовщине дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557–559.

[15] Ниг.: Бантышев А.Ф. Борьба органов внутренних дел с нарушениями правил о валютных операциях: учебное пособие. – Киев: НИиРИО КВШ МВД СССР, 1990. – 71 с.

[16] Ниг.: Волженкин Б.В. Экономические преступления: монография. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 1999. – 312 с.

[17] Ниг.: Гладких В.И. Уголовно-правовая квалификация незаконного оборота драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга (ст. 191 УК РФ) / В.И. Гладких // Вестник МГОУ. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №3. – С. 112–119.

[18] Ниг.: Иванов А.Г. Законодательные противоречия как проблема квалификации незаконного оборота драгоценных металлов / А.Г. Иванов // Законодательство. – 2010. – №9. – С. 77–80.

[19] Ниг.: Иванов И.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / И.Г. Иванов // Современное право. – 2010. – №1. – С. 86–92.

[20] Ниг.: Иванов А.Г., Кулыгин В.В. Возможности уголовного законодательства и иных мер по декриминализации сферы оборота драгоценных металлов и камней / А.Г. Иванов, В.В. Кулыгин // Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического

ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, махсусан таҳқиқи кирдорҳои ҷиноятии хусусияти иқтисодидошта бахшида шудаанд.

Бевосита ба таҳқиқи ҳуқуқи ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ олимони зерин рисолаҳои номзадии худро бахшидаанд: М.В. Архипова[22], А.Н. Иванова[23], А.Г. Иванов[24], А.Г. Королев[25]. С.Н. Мальтов[26], Р.О. Степанов[27].

Новобаста ба ин, имрӯзҳо, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба доираи масоили камтаҳқиқшуда марбут мебошанд. Дар даврони шуравӣ, масоили мубрамро вобаста ба «вайронкунии қоидаҳои амалиёти асъорӣ», «кирдорҳои ҷиноятии ба муқобили иқтисодиёти давлат равонакардашуда» дар доираи КҶ ҶШФСР ва КҶ ҶШС Тоҷикистон ҳамонвақта дар заминаи қаринаҳои тамоман дигарро (на дар доираи мазмуни м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ) дар бар доштанд.

Таҳаввулоте, ки дар тӯли зиёда аз ду даҳсола дар низоми давлатдории тоҷикон рух додааст, боиси ба вуҷуд омадани тағйироти назаррас дар арзёбии низоми муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии кишвар гардидааст. Аз ин лиҳоз, пешгирии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо барои олимони соҳа «масъалаҳои комилан нав»-ро ба миён мегузоранд. Дар Тоҷикистон омӯзиши мушкилоти ин намуди ҷиноятҳо ба тозагӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд. Ғайр

семинара (Хабаровск, 21 декабря 2011 г.) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 15–24.

[21] Ниг.: Салманов В.З. О мерах, принимаемых главным управлением МВД России по ДФО по декриминализации сферы оборота драгоценных металлов / В.З. Салманов // Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического семинара (Хабаровск, 21 декабря 2011 г.) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 43–46.

[22] Ниг.: Архипова М.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ...канд. юрид. наук. – Иркутск, 2008. – 187 с.

[23] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2000. – 183 с.

[24] Ниг.: Иванов А.Г. Преступления в сфере оборота драгоценных металлов и драгоценных камней: дис. … канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2010. – 215 с.

[25] Ниг.: Королев А.Г. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия незаконному обороту драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2004. – 147 с.

[26] Ниг.: Мальтов С.Н. Уголовная ответственность за нарушения законодательства о драгоценных металлах и драгоценных камнях: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2006. –163 с.

[27] Ниг.: Степанов Р.О. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и природных драгоценных камнях: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. –187 с.

аз корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин соҳа, шумораи назарнораси мақолаҳо вобаста ба масъалаи мазкур ба қалами А.А. Фаттоев тааллуқ дошта, асосан онҳо ба омӯзиши предмети ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудаанд[28].

Масоили мубрами вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст ва ин таҳқиқот аввалин кори илмии хусусияти монографидошта маҳсуб меёбад, ки аҳаммиятнокии таҳқиқоти мазкурро собит месозад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои татбиқи он аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ» ва «Мукаммалгардонии асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мазкур асосҳои омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ба танзим медарорад ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои фаъолияти ғайриқонунӣ дар ин соҳа, ошкор сохтани проблемаҳои қонунгузорӣ, инчунин маводи таҷриба ва амалияи татбиқи қонунҳо, ба роҳ мондани таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдори ҷиноятӣ мутобиқи м.м.

[28] Ниг.: Фаттоев А.А. Сфера оборота драгоценных металлов как объект оперативно-розыскной деятельности (по материалам Республики Таджикистан) / А.А. Фаттоев // Значение трудов профессора А.Г. Лекаря в становлении и развитии теории оперативно-розыскной деятельности: сборник научных статей / Отв. за вып.: Музеев А.И. – М.: Акад. управ. МВД России, 2010. – С. 154–158.

284 КҶ ҶТ ва таҳия кардани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин самт маҳсуб мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди муаллиф ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамоянд:

омузиши танзими илмӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид;

– таҳлили илмии гардиши муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

– таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субективии бастани аҳди ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ;

– таҳия ва масоили ҳалталаби илмӣ вобаста ба бандубасти таркиби ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ;

– коркарди тавсияву пешниҳодоти илман асоснок оид ба мукаммалсозии қонунгузорӣ ҶТ дар содир намудани ҷиноят дар соҳаи муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи батанзимдарории ҳуқуқии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва амалияи истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар ҳолати татбиқи назариявӣ ва амалии қонунгузорӣ маҳсуб меёбад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқотро асосҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ИДМ мебошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим мекунанд; инчунин санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ, ки «қоидаҳои муомилоти» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро муайян мекунанд; таҷрибаи татбиқи ҷавобгарӣ; ҳамчунин тамоюлҳои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ин самтро ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи таърихи падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар қаламрави Тоҷикистони мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки дар рисолаи илмии мазкур бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ва қонунгузории давлатҳои ИДМ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2010–2021 мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, махсусан таҳқиқи кирдорҳои ҷиноятии хусусияти иқтисодӣ дошта мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба асарҳои олимони тоҷик У.А. Азиззода, В.А. Абдуҳамитов, Н.Б. Азимзода, А.А. Аламшозода, С.Э. Баҳриддинзода, Ҷ.М. Зоир, З.Х. Зокирзода, А.И. Сафарзода, К.Х. Солиев, Ш.Н. Саидов, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҷ.М. Раҳмонзода, Т.Ш. Шарипов ва олимони хориҷӣ М.В. Архипова, Б.В. Волженкин, В.И. Гладких, А.Г. Иванов, А.Н. Иванова, А.Г. Королев, Н.А. Лопашенко, С.Н. Мальтов, Р.О. Степанов, М.Е. Туранов ва дигарон такя намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқон дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои баҳсталаб оид ба бандубасти ҷиноятҳо оиди муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мавриди омӯзиши комплексӣ қарор дода нашудаанд, ки ҳамаи ин ҳолатҳо, дар маҷмуъ, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот дарак медиҳанд.

Асоси методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии рисоларо ин таҳқиқи маҷмуи усулҳои илмӣ, ки мавқеи марказиро дар байни онҳо усули диалектикии маърифати илмӣ ишғол мекунад, ташкил намудаанд. Махсусан усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил дода, барои ҳалли вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз маҷмуи усулҳои хосси илмӣ ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, мусоҳиба, раванди омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ оид мавзуи таҳқиқшаванда, гирифтан ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ барои муайян намудани проблемаҳои қонунгузорӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он мусоидат намудаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Дар раванди таҳияи рисола бо мақсади дуруст муайян кардани таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид диққати асосиро ба таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва маълумотҳои омории расмӣ равона намудааст. Инчунин, 120 парвандаи ҷиноятии марбут ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, таҳлили амиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии масоили пайгиришаванда гузаронида шуда, дар асоси он оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои илман асоснок пешниҳод карда шуд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажӯҳиши хусусияти монографӣ

дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавии манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбиникардаи м. 284 КҶ ҶТ, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ гузаронид, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ пешбинӣ менамояд. Навгонии илмии корро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар партави дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии ҶТ ва давлатҳои ИДМ ба амал омадаанд. Дар сатҳи рисолаи номзадӣ ҳаллу фасл намудани мушкилиҳои зиёде, ки ҳатто дар ФР мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, дар бар мегирад. Дар муносибат бо илми Тоҷикистон бошад, таҳқиқоти мазкур аввалин рисола дар ҶТ мебошад.

Дар ҶТ ин мушкилот ба таври амиқ баррасӣ карда нашуда, он дар сатҳи нашр ва таҳлили мухтасар дар китобҳои дарсӣ ва шарҳу тафсирҳо ба КҶ ҶТ оварда шудааст. Мутаносибан бо ин, дар кори таҳқиқотии мазкур бори аввал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо қонунгузории дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ бо назардошти тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, гузаронида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар натиҷаҳои пешниҳодот ва тавсияҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, зоҳир мегардад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки нуктаҳои зерини илмӣ ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:

1. Хулоса дар бораи хусусиятҳои тарафи объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ:

а) бо мақсади рафъи зиддиятҳои байни қонуни ҷинояти (м. 284 КҶ ҶТ) ва қонунгузории махсус дар баробари муомилоти ғайриқонунии металҳои

қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҳамчун кирдорҳои ҷиноятие, ки тарафи объективии ин таркиби ҷиноятро тавсиф мекунанд, бояд амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба омӯзиши геологӣ ва таҳқиқу ҷустуҷӯи конҳои ин сарватҳо, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо низ эътироф карда шаванд. Ин фаъолият бояд дар мавридҳои вайрон кардани на танҳо қонунҳо, балки ҳангоми вайрон кардани талаботи зерқонунӣ низ ғайриқонунӣ дониста шаванд;

б) ҷинояти мавриди назар аз ҷиҳати тарафи субъективӣ бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита содир карда мешавад. Яъне, гунаҳкор хусусияти барои ҷамъият хавфнок будани бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё марворидро дарк намуда, содир кардани чунин кирдорро мехоҳад. Ба андешаи мо, гунаҳкор бояд ҳатман ғайриқонунӣ будани кирдори худро дарк намояд, ки набудани он маънои мавҷуд набудани таркиби чиноятро дорад.

2. Мафҳумҳо ва категорияҳои асосие, ки объект ва предмети ҷиноятро дар м. 284 КҶ ҶТ тавсиф медиҳанд:

а) бо мақсади бартараф намудани номувофиқатиҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳангоми муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, пешниҳод карда мешавад, ки муносибатҳои соҳаи омӯзиш ва таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, низ дар доираи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ворид карда шаванд;

б) предмети ҷиноят мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ эътироф карда шудаанд: 1) Металҳои қиматбаҳо – тилло, нуқра, платина ва металҳои гуруҳи платина (палладиӣ, иридиӣ, родиӣ, рутениӣ ва осмиӣ), ки метавонанд дар ҳар шаклу ҳолат, аз ҷумла шакли худруӣ, холис ва тоза кардашуда ва ҳамчунин дар шакли ашёи хом, хӯла, нимтайёр, маҳсулоти саноатӣ, пайвасти химиявӣ, маснуоти заргарӣ, маснуоти дигар, танга, шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот бошад; 2) Сангҳои қиматбаҳои табиӣ – алмос,

зумуррад, ёқут, сапфир, лаъли асил ва александрити табиӣ, ҳамчунин гавҳари табиии хом ва суфта.

Истиснои предмети ҷиноят инҳоянд:

1) сангҳои қиматбаҳо, ки барои заргарӣ корношояманд;

2) сангҳои қиматбаҳои сертификатсияшуда;

3) ганҷҳои синтетикӣ ва сунъӣ;

4) маснуоти заргарӣ;

5) маснуоти маишӣ;

6) маснуоти партов ва ашёи рӯзгор.

II. Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:

3. Дар доираи қонунгузории амалкунанда мавҷуд набудани меъёри муайянкунандаи андозаи зарар дар шакли нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба фарқгузории кирдори маъмурӣ аз кирдори ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки агар андозаи зарар аз ҷинояти дар боло зикршуда то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил кунад, ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шавад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки аломатҳои таркиби ин ҷиноят аниқ муайян карда шуда, катигорияҳои ин ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ба онҳо алоқаманд буда ҷудо карда шавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ на фақат барои таркиби ин ҷиноят, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо муқаррар карда шавад.

III. Пешниҳодҳое, ки ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидаанд:

6. Вобаста ба ворид намудани тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, пешниҳод карда мешавад, ки м. 285 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, ки ин сар карда аз фаъолиятҳои вобаста ба таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё саркашӣ кардан аз супоридан ё ба давлат фурӯхтани ин сарватҳо то иҷрои

ҳама гуна шаклҳои гуногуни гузариши ҳуқуқи амвол ба ин объектҳо ҳамчун як ҷараёни ягонае, ки дар доираи як низоми (маҷмуи) муносибатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ягона ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад.

7. Вобаста ба мукаммал сохтани предмети ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, чунин нуктаҳои илмӣ манфиатпазиранд:

а) Дар ном ва диспозитсияи моддаи 284 КҶ ҶТ «марворид» ба ҳайси предмети ҷиноят зикр ёфтааст, аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» дар доираи мафҳуми «металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «марворид» инъикос нашудааст. Ҳамчунин, дар канданиҳои фоиданоки ҶТ марворид вуҷуд надорад. Аз ин рӯ таклиф карда мешавад, ки калимаи «марворид» аз ном ва диспозитсия м. 284 КҶ ҶТ бардошта шавад.

8. Ҳаракатҳое, ки тарафи обективии м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ-ро ташкил мекунанд, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ якхела фаҳмида намешаванд. Аммо аз рӯйи моҳият ва мазмуни ин ҷиноятҳо ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо алоқаманд мебошанд. Ҷиҳати дуруст фаҳмидани ин масъала ва риояи принсипи қонуният чунин таклиф карда мешавад:

а). бо ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, м. 285 аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

б). номи м. 284 КҶ ҶТ бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид мебошад. Бинобар ин, номи м. 284 КҶ ҶТ ба «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» иваз карда шавад.

9. Дар б. *«а»* қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ таклиф карда мешавад, ки калимаи *«такроран»*, ба калимаи *«якчандкарата»* иваз карда шавад.

10. Бо мақсади ҳар чи пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар мебуд, агар ба санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо

як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ омадааст мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда» (б. 26)-ро тақозо менамояд.

11. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои вазнинкунанда дохил карда шаванд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гуруҳи муташаккил. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он, бештар буда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҷудо намудани онҳо ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, таҳлил ва омӯзиши ин ҷиноят пешниҳод менамоем, ки ном ва диспозитсияи м. 284 ҚҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

Моддаи 284. Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ

1) Додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо вайрон кардани қоидаҳои ҳатман ба давлат фурӯхтан ё супоридан, таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард ва истифодаи онҳо бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан, кашондан ё ба соҳибияти каси дигар додани ин сарватҳо дар ҳар намуди ҳолат, бо истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар

а) якчандкарата;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор, агар

а) ба миқдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз вазифаи хизматӣ содир шуда бошад,

– бо … ҷазо дода мешавад».

Эзоҳ:

1. Зери мафҳуми «сарватҳо» дар диспозитсияи моддаи мазкур – ин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фаҳмида мешавад.

2. Зери мафҳуми «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо» дар диспозитсия моддаи мазкур – шахсоне, ки барои вайронкардани тартиботи муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо айбдоранд ва маблаге, ки аз муомилоти ғайриқонуни ба даст оварда мешавад, тибқи қонунгузории ҶТ ба қисми даромади буҷети давлат ворид карда мешавад.

Инчунин, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки ба нобудшавии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо оварда расонидаанд, фаҳмида мешавад.

3. Зери мафҳуми «ба миқдори махсусан калон» кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҳамон вақт ба миқдори махсусан калон содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ қарор гирифтаанд, аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии назариявӣ, инчунин пешниҳоду тавсияҳои амалии он метавонанд, ҳам дар раванди таълим, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои

дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фанҳои ба он марбут, аз ҷумла, дар омода кардани адабиёти дахлдори таълимӣ оид ба ин фанҳо ва ҳам дар фаъолияти амалии мақомоте, ки ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд, истифода бурда шаванд. Пешниҳодҳои дар кори мазкур омодагардида метавонанд бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар дигар соҳаҳо, ки муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим мекунанд, истифода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар муомилоти ғайриқонунӣ металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пеленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии фикру ақидаҳо, тавсияҳо дар қонунгузорӣ, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, онҳо дар мақолаҳои илмӣ,

маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссерататсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима шуда, дар Шӯрои олимони Академия аз ташхиси муқаддамотӣ гузашта, барои ҳимоя пешниҳод шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалӣ: – «Совершенствование методики преподавания уголовно–правовых дисциплин в условиях реформирования образовательной системы и отраслевого законодательства» дар мавзуи «Ответственность за незаконный оборот драгоценых металлов и каменей по уголовному законодательству Таджикистана и России» (Филиали Москвагии Донишгоҳи ВКД Россия ба номи В.Я. Кикотя; ш. Москва, 22 мая 2015 г.);

– Конференсияи илмӣ-амалӣ: – «Пути повышения уровня правосознания и правовой грамотности в современном гражданском обществе» дар мавзуи «Тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Казань, 25-уми августи 2022 с.).

б) ҷумҳуриявӣ:

– «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар давраи муосири инкишофи низоми давлатӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (ш. Душанбе, 29-уми апрели соли 2016);

– «Форуми IV миллӣ оид ба волоияти қонун» дар мавзуи «Асосҳои мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маталҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (ш. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2018);

– «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо» дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши маталҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Душанбе, 1-уми майи соли 2019).

– «Рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии гардиши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Душанбе, 16-уми феврали соли 2022).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби унвонҷӯ 1 дастурамали таълимӣ ва 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар интишор гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 2 боб ва 6 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 191 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

1.1. Танзими ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар солҳои охир, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳар чи бештар ба масъалаҳои зарурати иҷтимоии ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои дорои хавфи калони ҷамъиятӣ ва муайян намудани табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки диққати олимони ҳуқуқшиносро пайваста омилҳои иҷтимоии кирдорҳои ҷиноятӣ ба худ ҷалб менамояд[29]. Дар корҳои олимони ватанӣ У.А. Азиззода[30], В.А. Абдуҳамитов[31], Н.Б. Азимзода[32], С.Э. Баҳриддинов[33], Ҷ.М. Зоир[34], З.А. Камолов[35], Н.А. Қудратов[36], Ф.А. Мирзоахмедов[37], А.Қ. Назаров[38], М.Ҷ. Раҳмонзода[39], Т.Ш.

---

[29] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации.Общая и Особенная части: учебник / Под ред. А.И. Чучаева. – М.: Изд-во «Контакт», 2013. – С. 3.

[30] Азизов У.А. Развитие уголовного законодательства Республики Таджикистан (1961-2007): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – 23 с.; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис. ... д-ра юрид. наук.– Душанбе, 2015. – 413 с.

[31] Ниг.: Абдухамитов В.А. Уголовное право: учебно-методическое пособие (Особенная часть). – Душанбе РТСУ, 2013. – 81с.

[32] Ниг.: Азимов Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовном законодательстве Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 441 с.

[33] Ниг.: Бахриддинов С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан / С.Э. Бахриддинов // Правовая жизнь. – 2017. – №2(18). – С. 98–102.

[34] Ниг.: Зоиров Ҷ.М. Приоритетные направления профилактики и предупреждения этносоциального аспекта преступности / Ҷ.М. Зоиров // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №3 (39). – С. 32–41; Зоиров Ҷ.М. Преступность современного Таджикистана: предварительные подходы к исследованию / Ҷ.М. Зоиров // Правовое поле современной экономики. –2015. – №12. – С. 176–183; Зоиров Ҷ.М. Ҷиноятқории муташаккил ва трансмиллӣ: монография. – Душанбе: ҶДММ «Даҳиқӣ», 2014. – 270 с.

[35] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009.– 193 с.

[36] Ниг.: Қудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Таджикский государ. университет коммерции, 2012. – 366 с.

[37] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ / Ф.А. Мирзоахмедов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати кормандону устодони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-

Шарипов[40] ва дигарон таркибҳои ҷиноятҳои мухталиф, аз ҷумла таркибҳои ҷиноятҳои иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гарифта, ҷанбаҳои нозуки падидаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ватанӣ ҳамчун саҳифаҳои нав кушода шудааст, ки саршор аз масоили қонунмандию адолатхоҳӣ буда, ғояҳои наздик ба мавзуи мавриди назарро фаро мегиранд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки яке аз роҳҳои дар ҷомеа барқарор намудани адолати иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад.

Аз ҷумла, О.С. Кучин оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқии муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ[41], С.В. Янкевич ба ҷанбаҳои молиявӣ ва ҳуқуқии танзими ҳуқуқии муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва ҳамчун қисми ҷудонашавандаи хазина эътироф намудани онҳо[42], К.В. Бессонов ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва тартиби ба давлат супоридани онҳо, ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар раванди ба давлат супурдани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ба самти татбиқи назорати прокурорӣ оид ба ошкор, пешгирӣ кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ва таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо[43] диққати махсус додаанд.

солагии Мир Сайид Алии Ҳамадони», «Соли оила», ва «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 562–563.

[38] Ниг.: Назаров А.Қ. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо дар соҳаи манфиатҳои корхонаҳои тиҷоратӣ / А.Қ. Назаров // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати кормандону устодони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадони», «Соли оила», ва «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 560–562.

[39] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгариии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 182 с.

[40]Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептульные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-й годовщине дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557–559.

[41] Ниг.: Кучин О.С. Проблемы правового регулирования оборота драгоценных металлов и драгоценных камней / Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического семинара (Хабаровск, 21 декабря 2011) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 46–58.

[42] Ниг.: Янкевич С.В. Правовое регулирование обращения драгоценных металлов и драгоценных камней в Российской Федерации (финансово-правовые аспекты): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. –198 с.

[43] Ниг.: Алчиев П.В. Прокурорский надзор за выявлением, пресечением преступлений и расследованием уголовных дел в сфере незаконного оборота драгоценных металлов / П.В. Алчиев // Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического семинара (Хабаровск,

Инчунин, дар адабиёти илмӣ баҳсҳо дар бораи ҷиноят ҳисобидан (криминализатсия) ва ҷиноят наҳисобидани (декриминализатсия) кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла, вобаста ба муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, андешаҳои гуногун ҷолиби диққатанд.

Олимони соҳа бо пайдарҳамии мантиқӣ «сабабҳои номувофиқатии зарурати иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро мавриди омӯзиш қарор дода, таъиноти ҷамъиятии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мушкилоти вобаста ба иҷрои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломатҳои диспозитивии меъёрҳо, ки хусусияти бланкетӣ доранд» кушода истода, як қатор мисолҳоеро, ки ба «набудани асосҳои кофӣ барои муқаррар кардани манъкунии ҷиноятӣ» далолат мекунанд, оварда истода, хулоса мебароранд, ки «ягона асоси ҷиноят ҳисобидани (манъкунии) кирдорҳо мавҷудияти хавфи калони ҷамъиятии онҳо мебошад. Аммо вуҷуд надоштани чунин хатар боиси ҷиноят эътироф накардани кирдорҳо мегардад»[44].

Сабаби бисёри мушкилоти ҷойдошта, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегарданд, номувофиқатӣ, дуршавӣ ва холигии танзимоти қонунгузорӣ вобаста ба муҳофизати ҳуқуқии муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, сохтани критерияҳои (талаботи) муайян вобаста ба зарурати иҷтимоии ҷиноят ҳисобидан (криминализатсия) ва ҷиноят наҳисобидани (декриминализатсия) баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳо яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад».

Нуктаи назари мазкурро ҷонибдорӣ карда, зикр кардан лозим аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар баробари дигар мақсадҳои татбиққунии меъёрҳи ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноятҳо ва ислоҳи маҳкумшудагон, ҳамчун ҳадаф муқаррар шудани «барқарор намудани адолати иҷтимоӣ» комилан дуруст ва одилона мебошад.

Мо бо муаллифи яке аз асарҳое, ки ба масоили зарурати иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст – П.С. Таболкин ҳамфикрем. Ӯ қайд мекунад, ки «дар асл, аҳаммияти мушкилоти зарурати

21 декабря 2011) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 94–98.

[44] Ниг.: Алчиев П.В. Асари зикргардида. – С. 113.

иҷтимоӣ, яъне таъиноти иҷтимоӣ ба чунин омилҳо такя мекунад, ки зарурати вуҷуд доштани стандартҳои соҳаҳои қонуни ҷиноятиро ба вуҷуд меорад»[45] ва бешубҳа, бояд ҳамчун моҳияти манъкунии ҳуқуқии ҷиноятиро тавсиф кунанд.

Мушкилот, тазодҳо ва холигиҳо вобаста ба таъиноти ҷамъиятии манъкунии ҳуқуқӣ ва махсусан маънкунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ масъалаи нав нест. Аз ин лиҳоз, тағйироту иловаҳои дар қонунгузории соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ даровардашуда, аз нуқтаи назари асосҳои консептуалии ин соҳа бояд мувофиқат кунанд, зеро онҳо на ҳамеша ба низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонанд.

Аз сабаби дар амалияи Суди конституцсионии ҶТ мавҷуд набудани қарорҳои дахлдор вобаста ба ҳалли ингуна мушкилоти қонунгузорӣ, баррасии баъзе қарорҳои Суди конституцсионии Федератсияи Россияро ҷоиз мешуморем. Масалан, мо ба Қарори Суди конституцсионии ФР, таҳти №4–П аз 20.04.2006[46] истинод мекунем, ки чунин мавқеъро пешниҳод кардааст: «Муқаррар кардани мамнуъиятҳо ва ҷазоҳо барои вайрон кардани онҳо, қабули меъёрҳои қонунгузорие, ки ҷиноят ва ҷазоро пешбинӣ мекунанд, яъне, равандҳои ҷиноят эътироф кардан (манъкунӣ) ва ҷиноят наҳисобидан (бекор кардани манъкунӣ) бояд бо асосҳои конституцсионии давлати ҳуқуқбунёд ва принсипи адолат мувофиқат кунанд». Мо ҷонибдори мавқеи мазкур мебошем, зеро аксарияти олимони соҳаи ҳуқуқ низ онро пазироӣ кардаанд[47].

Ҳамчунон қарори дигари Суди конституцсионии ФР, ки дар он ба ҷанбаи муҳимми танзими ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ), махсусан бо истифода аз қонуни ҷиноятӣ, диққати махсус дода шудааст. Ин Қарори Суди конституцсионии ФР аз 19.11.2015, таҳти №2659–0 мебошад, ки чунин таъкид мекунад: «Танзими муносибатҳои байни давлат аз як тараф, ки таъқиби

[45] Тоболкин П.С. Социальная обусловленность уголовно-правовых норм. – Свердловск, 1983. – С. 23.
[46] Ниг.: Постановление конституционного Суда Российской Федерации от 20.04.2006, №4-П «По делу о проверке конституционности части второй статьи 10 Уголовного кодекса Российской Федерации.в связи с жалобами граждан А.К. Айжанова, Ю.Н. Александрова и других».
[47] Ниг.: Атагимова Э.И., Потемкина А.Т., Цопанова И.Г. Социальная обусловленность уголовно-правового запрета и ее реализация в законодательстве / Э.И. Атагимова, А.Т. Потемкина, И.Г. Цопанова // Правовая информатика. – 2016. – №3. – С. 114–115.

ҷиноятиро ба воситаи ҳукумат ва мақомоти он анҷом медиҳад ва аз ҷониби дигар, шаҳрванд, ки дар ҳолатҳои содир кардани кирдори ҷиноятӣ ҷазо дода мешавад, дар шаклҳо ва ҳудудҳои пешбининамудаи қонун, бо назардошти мақсаднокӣ, адолат ва зарурати иҷтимоӣ, яъне, таъиноти иҷтимоии принсипи башардӯстӣ амалӣ карда мешаванд»[48]. Мавқеъҳои зикршудаи Суди конститутсионии ФР барои таҷрибаи амалии татбиқи ҳуқуқ дар ҶТ қобили қабуланд.

Э.И. Атагимова, А.Т. Потемкина, И.Г. Цопанова бар он назаранд, ки «дар марҳилаи кунунӣ тазодҳои (ё нокифоятии) зарурати иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷиноят ҳисобидан) ё ҷиноят наҳисобидан (бекор кардани манъкунӣ) дар пеши назар зиёд шуда истодаанд ва чунин тазодҳо (ё нокифоягиҳо) «метавонад табиати гуногун дошта бошанд»[49]. Масоили мазкурро муаллифон мавриди омӯзиш қарор дода, сабабҳои мавҷудияти чунин ихтилофотро ба се гуруҳи асосии зерин ҷудо кардаанд:

1) нокифоягии асоснокии муқаррар намудани манъкунӣ ҳангоми ворид кардани он дар доираи қонун;

2) набудани мувофиқат бо манъкуниҳои мавҷудаи қонунгузории ҷиноятӣ (ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ), аз ҷумла, дар соҳаҳои дигари қонунгузорӣ ва умуман ҳуқуқ;

3) на ҳамеша истифода бурдани шакли дурусти дарҷ намудани манъкунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.

Фикрҳои пешниҳодшуда ба мо имкон медиҳанд, ки манъкуниҳои ҳуқуқии дар баъзе меъёрҳои КҶ ҶТ ифодаёфтаро бо назардошти талаботи зарурати иҷтимоии онҳо, ба гуфтаи Э.И. Атагимова, А.Т. Потемкина, И.Г. Цопанова, «то андозае номуваффақ» шуморем.

Ба ақидаи муаллифони ёдоваршуда, «қонун бояд дар як вақт ба ду талаботи душвор ҷавобгӯ бошад: он бояд устувор бошад, яъне манъкунӣ

---

[48] Определение Конституционного суда Российской Федерации от 19.11.2015, №2659-0 «Об отказе в принятии к рассмотрению жалобы гражданки Ломовой Ирины Олеговны на нарушение ее конституционных прав подпунктом 5 пункта 13 постановления Государственной Думы от 24 апреля 2015 года, №6576-6 ГД «Об объявлении амнистии в связи с 70-летием Победы в Великой Отечественной войне 1941-1945 годов».

[49] Атагимова Э.И., Потёмкина А.Т., Цопанова И.Г. Современные тенденции в уголовном праве / Э.И. Атагимова, А.Т. Потёмкина, И.Г. Цопанова // Мониторинг правоприменения. – 2015. – №3. – С. 115.

дирӯз эътибор дошт, имрӯз амал мекунаду пагоҳ ҳам ва ба шароити тағйирёбандае, ки зарурати навовариҳои қонунгузориро таҳозо мекунанд, ҷавобгӯ бошад. Бешубҳа, чунин вазифа душвор ба даст меояд, аммо ин зарурати ҳалли онро рад намекунад»[50].

Ҳамин тариқ, бояд эътироф кард, ки ҳар як давраи инкишофёбии ҷинояти қасдона аз зиёдшавии хавфи ҷамъиятии кирдор шаҳодат медиҳад ва оид ба ин масъала мавҷудияти муқаррароти КҶ ФР ва КҶ ҶТ шаҳодат медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки давлат ва мақомоти он, тарафҳои манфии ҷазоро ба назар гирифта истода, маҷбуранд ҷиҳати татбиқи он андешанд. Суол дар бораи он, ки «оё ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳои вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ манъкунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳатман лозим мебошад, ки дар паси он қудрати маҷбуркунии давлатӣ (қудратӣ) меистад?» ҳамеша мавзуи баҳсталаб боқӣ мемонад. Ва, пеш аз ҳама, ин, ба фикри мо, маҳз ба зарурати ба ҳадди ақал расонидани кирдорҳои аз тарафи ҳокимияти қонунгузор манъкардашуда дахл дорад.

Татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси меъёрҳое, ки диспозитсияҳои онҳо хусусияти бланкетӣ доранд ва чунин моддаҳо дар Қисми махсуси КҶ ҶТ хеле зиёданд, аз ҷумла, м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ аз аҳаммият холӣ нест. Хусусияти ин меъёрҳо дар он аст, ки онҳо аломатҳои таркиби ҷиноятро бо пуррагӣ дар бар намегиранд ва «истинод ба дигар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёриро талаб мекунанд». Агар тамоми аломатҳои ҷиноятҳои хусусияти бланкетидошта бо пуррагӣ дар Кодекси ҷиноятӣ мустақар шаванд, пас, ҳаҷми он бисёр калон ва беҳадду ҳудуд мегардад. Зиёда аз ин, аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо, ки бо пуррагӣ бо воситаи ошкор сохтани мамнуоти дар қонунгузории самти пешбинишуда муайян гардидаанд, боиси дубора такрор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад.

[50] Атагимова Э.И., Потёмкина А.Т., Цопанова И.Г. Современные тенденции в уголовном праве / Э.И. Атагимова, А.Т. Потёмкина, И.Г. Цопанова // Мониторинг правоприменения. – 2015. – №3. – С. 115–116.

Бояд ёдовар шуд, ки мувофиқи талаботи м. 11 КҶ ҶТ «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбинигардида аст».

Барои ҳамин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ он вақт дуруст ҳисобида мешавад, ки агар аломатҳои таркиби ҷинояте, ки дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳои кирдори воқеие, ки шахс содир кардааст, пурра мувофиқ оянд. Чунин таҳлиле, ки аз муқоиса кардани аломатҳои таркиби ҷиноят бо аломатҳои кирдори содиршуда бармеояд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «квалификатсияи ҷиноят» арзёбӣ мегардад.

Л.Д. Гаухман бошад, квалификатсияи ҷиноятро «Муайян сохтан ва бо таври ҳуқуқӣ мустақар сохтани мувофиқати дурусти байни аломатҳои кирдори содиршуда ва аломатҳои таркиби ҷиноят, ки қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар кардааст, инчунин, дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар диспозитсияи бланкетии моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба онҳо ишора шудааст»[51], ба қалам додааст.

Чунин ҳолат қонунгузорро водор месозад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо таври пурра коркард намояд ва мутмаин бошад, ки онҳо барои татбиқ намудани меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Пеш аз ҳама, ин ба қоидаҳои марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои муайян дахл дорад. Таҳлили баъзе манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибашон бланкетӣ аз ҷониби мо ва дигар олимон собит месозад, ки баъзан чунин вазифа хеле душвор аст.

Хулосаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки дар амал татбиқ намудани меъёрҳои КҶ ҶТ, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ нигаронида шудаанд, ҳамчун яке аз ҷузъҳои таъмини амнияти ҷамъиятӣ, ки нисбат ба кор ва хизматрасонӣ, бевосита ба истеҳсоли маҳсулот ва амсоли инҳо алоқаманд нестанд, маҳсуб ёфта, хеле масъалаи баҳсбарангез мебошад.

---

[51] Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика: монография. – М.: Изд-во «ЮрИнфоР», 2010. – С. 19.

Албатта, ин масъала омӯзиши мустақил ва таҳлили фаррохтарро талаб мекунад, ки дар доираи таҳқиқоти мо имконнопазир мебошад. Маҳз ҳамин суол хулосаеро дар бораи зарурати муносибати махсус ба тарҳрезии меъёрҳои хусусияти бланкетидошта, аз нуқтаи назари мавҷудияти ҳатмии далелҳои кофӣ барои шарҳи онҳо бо ишора ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти соҳавидошта (дигар соҳаҳои ҳуқуқ) тасдиқ мекунад.

Дар муносибат ба яке аз сабабҳои дар боло зикршуда «нокифоягии ба назар гирифтани аломати зарурати иҷтимоӣ», яъне таъиноти иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд қайд намуд, ки ин сабаб худ аз худ, агар истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро истисно накунад ҳам, аммо татбиқи он бо назардошти тасаввуроти субъективии истифодакунандаи ҳуқуқ оид ба муайян сохтани аломатҳои таркиби ҷиноят, моро водор месозад, ки оид ба равшан сохтани табиати ҳуқуқии ҷиноятии чунин кирдорҳо дар доираи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ чораҷӯӣ намоем.

Таҳлилҳои иброзшуда имкон медиҳанд, ки манъкуниҳои ҳуқуқии дар баъзе меъёрҳои КҶ ҶТ ифодаёфтаро бо назардошти таъиноти иҷтимоии онҳо, «то андозае номуваффақ» ҳисобем. Ва, ба назари мо, дар робита бо ин ё он вазъият далелҳои пешниҳодшударо бояд ҳамчун мавзуи муҳокима ба назар гирифт.

Барои равшан сохтани афкори иброзгардида вобаста ба муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, назар андӯхтан ба тавсифи танзими ҳуқуқии муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз манфиат холӣ нест.

Пеш аз ҳама, яке аз чораҳои манфиатпазир вобаста ба пешгирии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, татбиқи меъёрҳои дар КҶ ҶТ, хусусан м. 284 КҶ ҶТ – «Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид», ки дар боби «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгузин аст, маҳсуб меёбад. Дар қ. 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, ки «доду гирифти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, бар хилофи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додани ё кашонидани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворидҳо дар ҳама намуду ҳолат, ба истиснои маҳсулоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот» ба ҳисоб меравад.

Барои чунин кирдор, ҷазо дар шакли ҷарима дар ҳаҷми аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад маоши ҳадди ақал ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Қисми дуюми моддаи мазкур содир кардани чунин кирдорро дар ҳолатҳои вазнинкунанда пешбинӣ кардааст.

Ҳамин кирдор, агар: а) такроран; б) ба миқдори калон; в) аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир шуда бошад, – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад[52].

Моддаи 285 КҶ ҶТ – «Вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо» ҳолатҳои саркашӣ кардан аз ҳатман ба аффинаж супоридан ё ҳатман ба давлат фурӯхтани металҳои қиматбаҳо, ё сангҳои қиматбаҳои аз қаъри замин истихроҷшуда ё аз ашёи хом муштақ ба даст овардашуда, ҳамчунин бардошташуда ё ёфташуда, агар ин кирдор ба миқдори калон содир шуда бошад, ҷиноят эътироф карда, барои он ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол пешбинӣ карда шудааст.

Барои дарк кардани амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба кирдорҳои ҷиноятии номбурда, аз ҷумла, табиати ҳуқуқии «бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид», «супурдан ва ё ба давлат фурӯхтани онҳо», «мафҳуми сангҳои қиматбаҳо, металҳои қиматбаҳо» ва дигар истилоҳоти ҳуқуқӣ, ки барои муайян намудани табиати ҳуқуқии ҷиноятии ин кирдорҳои хусусияти бланкетидошта, назар андӯхтан ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳуқуқӣ ва соҳавӣ дошта

[52] Ниг.: Дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 с., №422.

талаботи ҳатмист, аз ҷумла, ба Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20.07.1994 с., таҳти №983[53], Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12.05.2001 с., таҳти №21[54], Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009 с., таҳти №10[55], Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти нархгузорӣ» аз 28.07.2006 с., таҳти №196[56], Қарори Шӯрои (Совети) вазирони ҶТ аз 01.11.1994 с., таҳти №511 «Дар бораи баъзе масъалаҳои алоқаманд бо қабул, нигоҳдорӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ ва фурӯши металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва маснуоти онҳо»[57] (аз рӯйи ҳолати 2-юми июли соли 2008), Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.12.2004 с., таҳти №514 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома дар бораи Фонди давлатии муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва санги қиматбаҳои табиӣ»[58], Қарори Ҳукумати ҶТ аз 06.05.2006 с., таҳти №215, «Доир ба танзими масъалаҳо, аниқтараш қоидаҳои хариду фурӯш, фаъолияти содироту воридот бо металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин молҳое, ки дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга мебошанд»[59], Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.05.2009 с., таҳти №301 «Дар бораи қоидаҳои ташкили Фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии ҶТ»[60], Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.07.2008 с., таҳти №309 «Дар бораи хазинадории давлатии маводи қиматбаҳо дар назди Вазорати молияи ҶТ»[61], Дастурамал доир ба тартиби баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металлҳои қиматбаҳо, сангҳои

---

[53]Ниг.: Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №15-16. – М. 235 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №22. – М. 259; – 2008. – №1. – қ. 2. – М. 16. – №12. – қ. 2. – М. 1005; – 2010. – №12. – қ. 1. – М. 822; ҚҶТ аз 28.12.13, таҳти №1048.

[54] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М. 194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №1156. – М. 665.

[55] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №5. – М. 331; – 2010. – №7. – М. 555; – 2011. – №12. – М. 846; – 2013. – №11. – М. 786; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014, таҳти №1154.

[56] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2006. – №7. – М. 344; – 2008. – №10. – М. 809.

[57] Қарори Шурои (Совети) вазирони ҶТ аз 01.11.1994, таҳти №511 «Дар бораи баъзе масъалаҳои алоқаманд бо қабул, нигоҳдорӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ ва фурӯши металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва маснуоти онҳо» (аз рӯйи ҳолати 2-юми июли соли 2008).

[58] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома дар бораи Фонди давлатии муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва санги қиматбаҳои табиӣ» аз 31.12.2004, таҳти №514.

[59] Қарори Ҳукумати ҶТ «Доир ба танзими масъалаҳо, аниқтараш қоидаҳои хариду фурӯш, фаъолияти содироту воридот бо металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин молҳое, ки дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга мебошанд» аз 06.05.2006, таҳти №215.

[60] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи қоидаҳои ташкили Фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии ҶТ» аз 28.05.2009, таҳти №301.

[61] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи хазинадории давлатии маводи қиматбаҳо дар назди Вазорати молияи ҶТ» аз 02.07.2008, таҳти №309.

қиматбаҳои табиӣ, маҳсулоти онҳо ва ба роҳ мондани тартиби ҳисобот ҳангоми истеҳсол, истифода ва коркарди онҳо, ки бо Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 05.05. 2009, таҳти №52[62] тасдиқ карда шудааст.

Омӯзиши қонунгузории иброзгардида собит месозад, ки дар доираи онҳо мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бо роҳи номбар намудани як гуруҳ металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ рӯи кор омадааст[63]. Ба гуруҳи металҳои қиматбаҳо мувофиқи зербанди 1 м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» тилло, нуқра, платина ва металҳои гуруҳи платина (палладиӣ, ирридиӣ, родиӣ, рутениӣ ва осмиӣ) дохил шуда, ба сангҳои қиматбаҳо – алмос, зумуррад, ёқут, сапфир, лаъли асил ва александрити табиӣ, ҳамчунин гавҳари табиии хом ва суфта дохил мешаванд[64].

Барои осон шудани таҳлили мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ», мо пешниҳод менамоем, ки мафҳуми «муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бо маънои дигаре, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» истифода шудааст, фарқ мекунад, пурра карда шавад. Яъне – кирдорҳои ифодакунандаи интиқоли моликият ва дигар ҳуқуқҳои соҳибмулкӣ вобаста ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, аз ҷумла, истифодаи онҳо ба сифати гарав. Чунин муқаррарот аз ҷумла, дар қонунгузории ФР вуҷуд дорад[65].

Як нукта ба таври умум қабул шудааст, ки раванди коркарди металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ маҷмуи кирдорҳоро аз рӯйи тағйироти хусусиятҳои табиии онҳо дар раванди истихроҷ ва истеҳсоли

---

[62] Ниг.: Дастурамал доир ба тартиби баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, маҳсулоти онҳо ва ба роҳ мондани тартиби ҳисобот ҳангоми истеҳсол, истифода ва коркарди онҳо, ки бо Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 05.05.20.2009, таҳти №52 тасдиқ шудааст.

[63] Ниг.: Янкевич С.В. Правовое регулирование обращения драгоценных металлов и драгоценных камней в Российской Федерации: монография. – М., 2015. –198 с.

[64] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-юми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М. 194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. – 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[65] Приказ Министерства финансов Российской Федерации от 29 августа 2001, №68н «Об утверждении Инструкции о порядке учета и хранения драгоценных металлов, драгоценных камней, продукции из них и ведения отчетности при их производстве, использовании и обращении».

сарватҳо, коркарди (заршӯйии) металҳои қиматбаҳо, тозакунӣ, барқарорсозӣ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо, муомилоти онҳо ва мутобиқан, тағйир додани мақоми ҳуқуқии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро дар бар мегирад. Раванди муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ роҳи дарозеро аз истихроҷ ва коркард то ба истифодаи онҳоро фаро мегирад[66].

Тавре ки қайд карда шудааст, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», намудҳои (номгӯи) металҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки воқеан қиматбаҳо ҳисобида мешаванд, зикр карда шудааст. Бо вуҷуди ин, барои ҳар як марҳилаи муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ба назари мо муайян кардани нишонаҳои асосӣ ва вижагии хосси ин сарватҳо муҳим аст.

Бо ин мақсад мо шаклҳо ва намудҳои муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар робита ба муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд, ҷудо мекунем. Ба фикри мо, чунин тақсимкунӣ ё таснифоти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» маънои онро надоранд, ки дар ҳар як марҳилаи муомилоти онҳо як навъ номутобиқатии дохилӣ вуҷуд дошта бошад, баръакс, он барои танзим ва такмили дастгоҳи мафҳумии Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» бояд мусоидат намояд.

Манбаи металҳои қиматбаҳо ҷинсҳои кӯҳӣ мебошанд, ки дар худ «пайвастагиҳои химиявии унсурҳои гуногун»-ро ифода мекунанд, ки одатан аз онҳо металҳои қиматбаҳо истихроҷ карда мешаванд. Тасодуфӣ нест, ки металҳои табиӣ «бо дигар металҳо пайваст нашударо одатан «худрӯй» меноманд. Барои намуна, мо тиллоро қайд мекунем, ки дар табиат дар шакли «худрӯй» нисбатан кам вомехӯрад. Барои ҳамин, дар илм чунин «порчаҳои табиии металӣ (сабикаҳо), ки «дорои ҳаҷми назаррас доранд», худрӯй номида мешаванд, аммо дар айни ҳол, аз нуқтаи назари он, ки кадом як порчаи (сабикаи) тиллоро ба қатори худрӯй бояд дохил кард, нуқтаи назари умумӣ

[66] Ниг.: Янкевич С.В. Правовое регулирование обращения драгоценных металлов и драгоценных камней в Российской Федерации. – М., 2015. –198 с.

вуҷуд надорад. Одатан, бисёре аз олимон ба ин ақида розианд, ки «порчаҳои (сабикаҳои) вазни зиёда аз 1 кг доштаро метавон худрӯй номид».

Тилло ба туфайли мулоимиаш аксар вақт бо металҳои дигар омехта мешавад. Барои ҳамин, табиист, ки хӯлаи маҳз табиии ғайри худрӯйи тиллоро «метали қиматбаҳо номидан душвор аст, зеро дар худ қиматеро ифода намекунад, ки тиллои тозашуда дорад». Дурусттар ва саҳеҳтар мебуд, агар мо металҳои дорои чунин хусусиятро «канданиҳои фоиданок» ва ба истилоҳи Кодекси андози ҶТ (минбаъд – КА ҶТ) «канданиҳои фоиданоки ба даст овардашуда» меномидем.

Дар зери мафҳуми «раванди истихроҷи металҳои қиматбаҳо» чунин истихроҷи металҳои қиматбаҳо – ҷудо карда гирифтани металҳои қиматбаҳо аз конҳои асосӣ (маъданӣ), конҳои пошхӯрдаю техногенӣ ва ҳосил кардани консентрат ва дигар ниммаҳсулоти дорои металҳои қиматбаҳо «барои ба даст овардани пайвастагиҳо ва дигар маводи хом ё нимтайёри дорои металҳои қиматбаҳо» фаҳмида мешавад. Бинобар ин, зарурате пайдо мешавад, ки раванд тарзе ташкил карда шавад, ки «маъданҳои истихроҷшудаи ба дастовардашуда» ҳамчун «як объекти ҷинсҳои куҳӣ бо омехтаҳои муайяне, ки дар натиҷаи заршӯии металҳои қиматбаҳо нест карда мешаванд», дониста шаванд.

Чи тавре ки аз муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» бармеояд, чунин конҳо метавонанд «асосӣ, пошхӯрда ва техногенӣ»[67] бошанд.

Дар ҷараён ё раванди ҷустуҷӯи геологӣ ин ё он кони металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии «ҳамчун қисми зеризаминӣ, ки нисбат ба онҳо баҳодиҳии пешакӣ ва баҳисобгирии давлатӣ гузаронидан мумкин аст», муайян карда мешаванд. Мувофиқи КА ҶТ, «ҳангоми истихроҷ аз қаъри замин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ истихроҷ карда намешавад, балки канданиҳои фоиданок» аз «қаъри ҷинси куҳӣ» гирифта

[67] Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12- уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М. 194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. М. 893; – 2014. – №1156. – М. 665.

мешаванд, аниқтараш «маъданҳои гуногун ва пайвастагиҳои минералӣ» ба даст оварда мешаванд, ки дар натиҷаи коркард аз он металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҷудо карда гирифта мешаванд. Ва ин таҳти назорати давлатии маҳак бо роҳи «холискорӣ ва ба сарватҳо додани шакли зарурӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва манфиатҳои давлат» амалӣ карда мешавад.

Ин раванд аз ҷониби мутахассисон назорат карда мешавад ва яке аз омилҳои муҳим дар ташаккули соҳаи амалии илми ҳуқуқи молиявӣ мебошад, ки дар доираи он қисмати коркарди металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ташаккул ёфтааст. Ин бахши илми ҳуқуқи молиявӣ дар ФР дар асри XIX ва ибтидои асри XX дида шуда, дар даврони Шуравӣ инкишоф дода шудааст. Аммо дар Тоҷикистон бошад, он фақат дар даврони Шуравӣ шурӯъ шудааст. Ва ин давраҳо, хусусан дар ФР, дар адабиёти илмӣ ба таври муфассал баррасӣ карда шудаанд[68].

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаҳои захираҳои тиллои Бонки миллии ҶТ-ро ба таври муфассал танзим намекунад. Масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» танҳо ду меъёр мавҷуд мебошанд, ки бевосита ба идоракунии захираҳои тиллои Бонки миллии ҶТ алоқаманд мебошанд. Меъёри аввал чунин баён мекунад: «Бонки миллии ҶТ ҳуқуқ дорад, металҳои қиматбаҳоро харад, нигоҳ дорад, фурӯшад ...». Меъёри дуюм чунин баён мекунад: «Таъминоти қарзии Бонки миллии ҶТ метавонад, тилло ва дигар металҳои қиматбаҳо дар шакли сабикаҳои стандартӣ ва андозагирифта бошанд ...».

Ғайр аз ин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», меъёре дар бораи идоракунии захираи тиллоии Бонки миллии ҶТ мавҷуд мебошад, ки мутобиқи он «Қисми захираи тиллои ҶТ, ки дар Бонки миллии ҶТ мавҷуд аст, дар суратҳисобҳои он ба қайд гирифта мешавад. Қарорро дар бораи харҷ кардани ин қисми захираи тиллои ҶТ

[68] Ниг.: Янкевич С.В. Правовое регулирование обращения драгоценных металлов и драгоценных камней в Российской Федерации. – М., 2015. –198 с.

Бонки миллии ҶТ бо тартиби мувофиқакардаи Ҳукумати ҶТ қабул мекунад. Ҳисоботро дар бораи ҳолати дар суратҳисоби Бонки миллии ҶТ ба ҳисоб гирифтани қисми захираи тиллои ҶТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии ҶТ ҳамчун қисми таркибии маърузаи Раиси Бонки миллии ҶТ пешниҳод менамояд». Ба ақидаи мо, ин муқаррарот дар қонунгузории ҶТ оид ба танзими пурраи захираҳои тиллои Бонки миллии ҶТ комилан нокифоя мебошанд.

Масъалаи танзими ҳуқуқии истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ба назар гирифта, бояд қайд намуд, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», муносибатҳои иҷтимоии марбут ба муомилоти шаҳрвандии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим намекунанд. Дар айни ҳол, ба воситаи қонуни мазкур муносибатҳои марбут ба «ҷустуҷӯи геологӣ, истихроҷ ва коркарди» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва инчунин интиқоли минбаъдаи онҳо ба фонди дахлдори ҶТ ва ё ба соҳибмоликони онҳо (мутобиқи қонунгузорӣ) ба таври амиқ ба танзим дароварда нашудаанд.

Бешубҳа, чунин як «танзими муфассал ва ба таври ҷиддӣ ба низом даровардашуда» аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор дар муносибат бо «истихроҷ ва коркарди» сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо бо «арзиши баланди ин объектҳо» алоқаманд аст. Барои ҳамин дар Қонуни мазкури ҶТ «ҷараёни истихроҷ ва коркарди» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо «то ҳадди имкон шаффоф сурат гирифтааст», яъне давлат ва мақомоти он дар ҳама ҳолатҳо қодиранд, ки «раванди истихроҷ ва муомилоти» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро «бо назардошти маҳдудияти муомилоти шаҳрвандии онҳо» назорат кунанд.

Қабл аз ҳама, қобилияти назорати давлатӣ бояд дар он зоҳир карда шавад, ки як қисми металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо пас аз истихроҷ аз ҷониби давлат ва мақомоти давлатӣ «амалан ва воқеан» аз ин ё он моликшудагон (бо роҳи харидорӣ намудан) гирифта мешавад. Боқимондаи сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо (гирифта нашуда) моликияти хусусии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро ташкил

мекунанд, аммо қисмати зиёди онҳо «дар муомилот маҳдуд» боқӣ мемонанд, дар ҳоле ки қисмати дигари онҳо «аз ҳар гуна назорат» озод боқӣ монда, метавонад «дар муомилоти шаҳрвандии номаҳдуд» бошад.

Аз ҳолатҳои зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи сангҳои қиматбаҳо ва металҳои қиматбаҳоро мувофиқи қонунгузории муносибатҳои молӣ ба се гуруҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) «дар моликияти давлат қарордошта ва аз муомилоти озоди шаҳрвандӣ гирифташуда»;

2) «дар моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарордошта, ки муомилоти шаҳрвандии онҳо маҳдуд нест ва ҳамзамон аз ҷониби «давлат ва мақомоти он таҳти назорат гирифта мешаванд», бинобар ин, дар ин ҳолат ҷараёни муомилот (шартнома, қарордод) «танҳо бо назардошти шартҳои муайян» имконпазир аст;

3) «моликияте, ки дар «муомилоти озоди шаҳрвандӣ» қарор дошта, то андозае онҳо аз назорати давлатӣ озод мебошанд, зеро онҳо ба «категорияи (бахши) маснуоти заргарӣ ва маишӣ» дохил мешаванд.

Айнан ҳамин тавр, онҳоро мувофиқи объекти танзими қонунгузорӣ (ҳуқуқӣ) ба се гуруҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) сангҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо, ки бо тарзҳои зерини таъсиррасонӣ пайдо ва истифода карда мешаванд:

– ҷустуҷӯи геологӣ;

– истихроҷ ва коркард;

– истеҳсол ва истифодаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо.

2) объекти танзими ҳуқуқӣ қарор ёфтани фаъолияти мақомоти давлатӣ:

– ин муносибатҳои пайдошаванда дар алоқа бо назорати давлатӣ;

– доираи фаъолият дар алоқа бо инҳисори давлатӣ;

– мақоми махсус, пеш аз ҳама, дар шахси «назорати маҳаки давлатӣ»;

– ваколат, аниқтараш салоҳияти мақомоти ваколатдори марказӣ ва маҳаллии «ҳокимияти давлатӣ»;

3) гуруҳи сеюмро субъектҳое ташкил мекунанд, ки бо объектҳои танзими ҳуқуқӣ алоқаманданд:

– шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие баромад мекунанд, ки фаъолиятҳои истихроҷ, ҷустуҷӯ ва коркарди металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро амалӣ мекунанд;

– онҳо, пеш аз ҳама, талаботи бозори металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро дар қаламрави ҶТ таъмин менамоянд;

– фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ таҳти «назорати давлатӣ» қарор доранд.

Ҳамчунон, бояд қайд намуд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» меъёри иловагие мавҷуд аст, ки ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии ҶТ дар сатҳи минтақавӣ имкон медиҳад, ки дар самти «таҳқиқи геологӣ ва ҷустуҷӯи конҳо»-и металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва истихроҷи онҳо «санадҳои иловагии худро, аз ҷумла, санадҳои дорои хусусияти зерқонуниро ба тасвиб расонанд».

Бояд таъкид кард, ки металҳои қиматбаҳо бо номи худ дар «Системаи даврии элементҳои химиявии Д.И. Менделеев» муайян карда шудаанд. Ва бо назардошти он, ки Системаи даврии элеменҳои химиявӣ мунтазам ва ба таври динамикӣ тағйир меёбад, рӯйхати металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо низ ҳамеша имкон дорад, аз ҷониби мақомоти қонунгузор илова карда шавад. Сангҳои қиматбаҳои табиӣ низ вобаста ба номгӯи аз тарафи умум қабулкарда рӯйхати худро доранд ва набояд фаромӯш кард, ки «ҳар як санги қиматбаҳо» аз маҷмӯи элементҳои (унсурҳои) химиявӣ «дар шакли муайяни физикиашон» таркиб ёфтааст, бинобар ин, рӯйхати онҳо низ метавонад тағйир ёбад. Дар айни замон, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, баръакси металҳои қиматбаҳо, метавонанд аз элементҳои аввалияи химиявӣ ба таври сунъӣ сохта шаванд, барои мисол, дар ҳоли ҳозир зумуррадҳои сунъӣ парвариш карда мешаванд. Дар оянда рӯйхати кунунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо метавонад аз тарафи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ тағйир дода шавад. Агар нисбати металҳои қиматбаҳо дар натиҷаи кашфи унсурҳои нави химиявӣ аз ҷониби илм ин амр ба вуҷуд ояд, нисбати сангҳои қиматбаҳои табиӣ бошад, ин тағйирот тавассути истеҳсоли сунъии

пайвастагиҳои химиявии ҳар гуна сангҳои қиматбаҳои нав ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, табиист, ки дар қонунгузорӣ маҷмуи сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳоро бо мафҳуми умумии «сарватҳо» муайян кардаанд.

Дар муносибат ба истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бояд қайд намуд, ки истихроҷи онҳо аз ҷудо карда гирифтани онҳо аз муҳити табиӣ сурат мегирад. Одатан металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҷинсҳои куҳӣ (маъданҳо) ҷойгиранд, бинобар ин, истихроҷи онҳо раванди мураккаби технологӣ ва истеҳсолии «ҷудо карда гирифтан ва саракории ҷинсҳои куҳӣ» дар он минтақаҳо ва ҷойҳое мебошад, ки дар онҳо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ мавҷуданд. Ғайр аз ин, агар сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар табиат асосан дар шакли пайвастагиҳо ва омехтаҳои хосияташон гуногун дида шаванд, ки онро дажғол (шлак – ҷинси куҳие, ки дар таркибаш сангҳои қиматбаҳо надорад) меноманд, пас, металҳои қиматбаҳо дар шакли софи онҳо амалан дар табиат вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ ҳангоми таҳияи мафҳумҳои «истихроҷи металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳо» ду таърифи аз ҳамдигар хеле фарққунандаро пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, вобаста ба қонунгузорӣ, истихроҷи металҳои қиматбаҳо – «ҳосил кардани консентрат ва дигар ниммаҳсулоти дорои металҳои қиматбаҳо» ва истихроҷи сангҳои қиматбаҳои табиӣ – «ин истихроҷ, саракорӣ, навъҷудокунӣ варекуператсияи сангҳои қиматбаҳои табиӣ» мебошад.

Дар айни замон, рӯйхати металҳои қиматбаҳо мукаммал мебошанд, аммо, тавре ки аз ҷониби мо борҳо қайд гардид, ин рӯйхатро метавон пурра кард, аммо танҳо ба воситаи дар қонун муқаррар намудан. Вале то ҳол ба ин рӯйхат металҳои истихроҷ ва коркардшудаи зерин шомил мебошанд: тилло, нуқра, платина, металҳои гуруҳи платинаи (палладий, иридий, родий, рутений ва осмий).

Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки металҳои қиматбаҳо метавонанд дар ҳар шаклу ҳолат, аз ҷумла дар шакли худрӯй, холис ва тозакардашуда ва ҳамчунин дар шакли ашёи хом, хӯла, нимтайёр, маҳсулоти саноатӣ, пайвасти

химиявӣ, маснуоти заргарӣ, маснуоти дигар, танга, шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот бошад.

Мақомоти қонунгузорӣ рӯйхати мукаммали сангҳои қиматбаҳои табииро низ пешниҳод менамояд, ки рӯйхати онро танҳо бо қонун тағйир додан мумкин аст.

Ҳамчунин, сангҳои нимқиматбаҳо, ки дар асоси хулосаи иёргирӣ ба сангҳои қиматбаҳо баробар карда шудаанд. Албатта, бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дохил намудани ин ё он сангҳо ва пайвастагиҳои табиии нисбатан қиматбаҳо, ки беназир дониста шудаанд, ба гуруҳи сангҳои қиматбаҳо бо Қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ ва муқаррар карда мешавад. Мувофиқи тартиби айни замон тасдиқшуда, меъёрҳои асосии ба ҳайси сангҳои нимқиматбаҳо қабул намудани ин пайвастагиҳо, ки беназиранд аз руи ранг, тозагӣ, вазн, вазни қисми коршоями онҳо ба назар гирифта мешаванд, аз ҷумла, инҳоянд:

– вазн ё массаи ин сангҳои қиматбаҳо бояд аз 1000 грамм зиёд бошанд;

– шакл – гуногуншакл, тахаюллотӣ, вобаста ба шароити ташкилёбии дарунӣ;

– яклухтӣ – аз рӯйи сохташон нисбатан яхлухт (на камтар аз 80%), сӯрохиҳои дутарафа надошта, тарқишҳои ба назар намоён, ки ба яклухтии намунаҳо таҳдид мекунанд;

– дохилшавӣ – намунаҳои шаффофи дорои дохилшавии намояндагони олами наботот ва ҳайвонот, ки ҳаҷми он аз 10 мм калонтарро доранд;

– ранг – тобишҳои рангҳои гуногуни ба ин ҷинсҳо хос.

Мутобиқи тартиби муқарраршуда, баҳодиҳии ин ҷинсҳои куҳии (сангҳои) аз ҷониби ташкилотҳои истихроҷкунанда интихобшуда, ки ҳамчун беназир эътироф шудаанд, тавассути комиссияҳои экспертӣ, ки дар асоси баробарии мутақобил ва намояндагони тарафҳои манфиатдор таъсис дода мешаванд, муқаррар менамояд[69].

---

[69] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

Ба таври алоҳида қайд кардан зарур аст, ки тартиби муайян кардани «баҳисобгирии махсус», ки, қабл аз ҳама, ба муассисаҳо ва соҳибкорони алоҳидае дахл дорад, ки муомилоти додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро анҷом медиҳанд, аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудааст ва рӯйхати чунин муассисаҳое, ки ба истихроҷ, коркард ва истифодаи металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ машғуланд, вуҷуд дорад.

Рӯйхати онҳо динамикӣ буда, дар ҳоли ҳозир ба чунин корҳо ҳуқуқ доранд:

1. Ба холискории металҳои қиматбаҳо;

2. Ба коркарди металҳои қиматбаҳо;

3. Ба истихроҷи сангҳои қиматбаҳои табиӣ;

4. Ба коркарди ин ҷинсҳо.

5. Ба истихроҷ ва коркарди зумуррад, александритҳо ва дигар сангҳои қиматбаҳои нисбатан муҳим;

6. Ба истеҳсоли асбоби коркард ва саракории ин ҷинсҳо.

Қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур инчунин ҳама намуди амалиётро муқаррар менамояд, ки минбаъд анҷом додани онҳо бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, масалан, пас аз истихроҷ ва тозакунии онҳо имконпазир мегардад. Дар қонун инчунин амалиёте нишон дода шудаанд ва ин аз рӯйи интиқоли ҳуқуқи моликият ба сарватҳо афзалиятнокӣ дорад. Дар ин ҳолат, мақомоти қонунгузорӣ хусусиятҳои муомилоти шаҳрвандии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро низ «ҳамчун объекти ҳуқуқи шаҳрвандӣ» муқаррар намудааст, ин ҳуқуқ пеш аз ҳама, ба хариди имтиёзноки сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, фурӯши сангҳои қиматбаҳо ва металҳои табиӣ тавассути биржаҳо мебошад[70]. Ғайр аз ин, қонун хусусиятҳои пардохти

[70] М. 5. Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

пешмуздро (аванс) барои хариди сангҳои қиматбаҳо ва металҳои қиматбаҳои табиӣ барои ҶТ муқаррар менамояд.

Азбаски ҳолати физикии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ доимо тағйир меёбад, амалан фаҳмиши устувори онҳо ташаккул ёфтааст. Ва дар таҳти мафҳуми «тағйирёбии ҳолати физикии сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо», пеш аз ҳама, «фаъолияти истеҳсолӣ» фаҳмида мешавад, ки дар он сарватҳои мазкур иштироки бевосита доранд. Раванди мазкури истеҳсоли металҳои қиматбаҳо аз маъданҳои истихроҷшуда, маҷмуи маъданҳо, хокаҳои ғанишуда (консентратҳо) ва дигар нимамаҳсулот, инчунин шикастапораҳо ва партовҳое, ки дорои металҳои қиматбаҳо мебошанд ва тағйирпазирии сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва холискории металҳои қиматбаҳоро фаро мегирад. Минбаъд, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои аллакай тайёр метавонанд дар раванди истеҳсолоти «таҷҳизоти мураккаби дақиқи ҳарбӣ», аксар вақт «дар истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» ва дар ҳаҷми на он қадар кам «барои гузаронидан таҳқиқоти илмӣ» истифода бурда шаванд.

Навъҳои зерини амалиёт метавонанд ва бояд бо сарватҳо иҷро карда шаванд, инҳо амалиёти вобаста ба ҳамлу нақли (интиқоли) ин сарватҳо мебошанд. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», субъектони металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ уҳдадоранд, ки муҳофизати зарурӣ ва ҳифзи махсуси онҳоро таъмин кунанд, бо вуҷуди ин муҳофизат вобаста ба ин сарватҳо бояд ба таври кофӣ муҷаҳҳаз бошад. Қонуни мазкур, инчунин, ду намуди амалиётро барои интиқоли чунин сарватҳо нишон медиҳад:

1. Интиқол дар дохили ҶТ;
2. Интиқол аз сарҳади гумрукии ҶТ.

Вобаста ба ин, зарурати ба тартиб даровардани як қатор ҳуҷҷатҳо пеш меоянд, ки дар байни онҳо қайди декларатсияи гумрукӣ мавқеи асосӣ дорад. Ғайр аз ин, содироти сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо аз ҶТ иҷозат дода намешавад, агар бо давлате, ки муваққатан барои намоиш он сарватҳо интиқол дода мешаванд, шартномаи (қарордод) дахлдоре, ки дар

асоси он сарватҳои мазкур бозпас ба ҶТ баргардонида шаванд, мавҷуд набошад. Маҳз барои ҳамин, қонун танзими каме фарқкунандаи муомилоти ҳуқуқиро ҳангоми интиқоли металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ пешбинӣ менамояд, алахусус ҳангоми интиқоли онҳо аз сарҳади ҶТ.

Дар умум, қонунгузорӣ ҳангоми муайян кардани амалиёти зикршуда, ки бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо иҷро карда мешаванд, ду амали асосиро, ки нисбати металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ иҷро карда мешаванд, дар зери мафҳуми «амалиёт» якҷоя мекунад:

– амалӣ намудани муомилоти шаҳрвандӣ, яъне, дар асоси муомилоти шаҳрвандӣ–ҳуқуқӣ;

– дар асоси истифода ва интиқоли саноатӣ ва технологӣ.

Ҳамин тавр, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо метавонанд дар моликияти ҷумҳуриявӣ ва коллективӣ, инчунин моликияти шахсони алоҳидаи ҳам воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ қарор дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, моликияти хусусии мазкур метавонад на ба ҳамаи иштирокчиёни муомилоти шаҳрвандӣ, балки танҳо ба «субъектҳои истихроҷкунандаи» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо татбиқ гардад. Зимнан, нуктаи муҳим он аст, ки ҳадди ақал се шарт барои ба шахси хусусӣ гузаштани моликияти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фароҳам оварда шавад:

– инҳо метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ё воқеие бошанд, ки барои коркард ва истихроҷи металҳо ва сангҳои қиматбаҳо иҷозатнома (литсензия) гирифтаанд;

– агар ҶТ ҳуқуқи афзалиятноки хариди металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро истифода накарда бошад;

– агар дар иҷозатномаи (литсензия) мувофиқ, шартномаи маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, дигар шартномаҳо ва розигии субъекти истихроҷ бо мақомоти танзимкунандаи давлатӣ пешбинӣ нашуда бошанд, яъне соҳибмулкии ин сарватҳо, яъне металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба ҶТ тааллуқ дошта бошад.

Ухдадорӣ оид ба пешпардохт (додани пасандоз) аз ҳисоби пардохтҳо оид ба шартномаҳо бо субъектҳои истихроҷ ва истеҳсоли сангҳои қиматбаҳо ва

сангҳои қиматбаҳои табиӣ оид ба таҳвили ин сарватҳо ба Фонди давлатии ҶТ низ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» муқаррар шудааст[71]. Ҳаҷми пешпардохти шартномаҳо оид ба таҳвили металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба Фонд аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки ба уҳдадории субъектҳои истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дохил мешавад, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии истихроҷшударо барои харидорӣ намудан аввал ба мақоми ваколатдори давлатӣ ва баъдан ба шахсони дигар пешниҳод намоянд.

Ба истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ танҳо ба ташкилотҳо – шахсони ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад ва мутаносибан ин «ташкилотҳо бояд иҷозатнома (литсензия) дошта бошанд». Иҷозатномаи мазкур мутобиқ ва дар асоси Қонунҳои ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» дода мешавад, ки ҳамчунин ба Қонуни ҶТ «Дар бораи конҳои зеризаминӣ» истинод карда мешавад ва ҳамин тариқ, ҳамоҳангсозӣ ва ба даст овардани заминаи ҳуқуқиро барои истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ таъмин менамояд, мутаносибан иҷозатномаи мазкур барои «истифодаи конҳои зеризаминӣ» асос мешавад. Литсензия барои ба истифода пешниҳод кардани конҳои зеризаминӣ «иҷозатномаи махсуси давлатӣ» мебошад, ки он шакли (бланкаи) муқарраршударо «бо Нишони давлатии ҶТ», инчунин як қатор замимаҳои графикӣ, матнӣ ва як қатор ҳуҷҷатҳои дигарро, ки қисми ҷудонашавандаи литсензияи (иҷозатномаи) зикршудаи давлатӣ мебошанд, доро буда, «шартҳои асосии истифодаи конҳои зеризаминиро» муайян мекунад.

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, корхонаҳои холискорӣ амали холис карданро анҷом медиҳанд, яъне холискории металҳои қиматбаҳо аз омехтаҳои онҳо то овардан ба дараҷаи мувофиқи матлаб – «то сатҳи холисии

[71] Қ.3 М. 7. Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

мувофиқи матлаб». Дар баробари ин ба чунин фаъолият фақат он корхонаҳое машғул шуда метавонанд, ки дар Рӯйхати бо Қарори дахлдор тасдиқшудаи Ҳукумати ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, ташкилотҳои холискорӣ хизматрасонии тозакунии металҳои қиматбаҳои истихроҷшуда аз омехтаҳо бо ҳама ҷузъҳои пайвасти онҳоро таъмин мекунанд, металҳои қиматбаҳоро то дараҷаи сифати муқарраршуда оварда мерасонанд, ки ба хусусиятҳои техникӣ ва муҳимтар аз ҳама, ба стандартҳои давлатӣ ва соҳавӣ дар ҶТ ва ё стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошанд. Ба уҳдадориҳои ташкилотҳои холискорӣ «истихроҷи ҳадди ниҳоии» металҳои қиматбаҳо аз ашёи хом (маъдани хом) дар мутобиқат бо «нишондодҳои технологии» муқарраршуда шомил мешавад.

Дар аксари мавридҳо аз «захираи миқдорӣ ва сифатии» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар кишвар «вазъи иқтисодӣ ва сиёсии» давлат дар ҷаҳон вобаста аст, ғайр аз ин, ин захира дар худ як навъ «кафолат» ё ба ибораи дигар, «кафолати устувории молиявӣ дар ҳолати буҳрони иқтисодӣ» ва ё дигар намуди «вазъиятҳои манфии иқтисодӣ ва сиёсӣ»-ро ифода мекунад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин захира намудҳои зерини фондҳо ва захираҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро пешбинӣ менамояд:

– Фонди давлатии конҳои захиравӣ;

– Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ;

– Захираи тиллои ҶТ.

Инчунин, бояд қайд карда шавад, ки мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» барои муайян намудани маҳак ва «тамғаи давлатии маҳак» гузоштан ба ҳамаи маснуоти металҳои қиматбаҳо, махсусан тамғаи маҳакӣ задан ба «маснуоти заргарӣ ва маснуоти дигари маишии металҳои қиматбаҳо» инҳисори давлатӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар робита бо инҳисори давлатӣ оид ба маҳак ва задани тамғаи давлатии маҳак ба маснуоти заргарӣ ва дигар маҳсулот ва ашёи

маишии сохташуда аз металҳои қиматбаҳо, бидуни истисно муқаррар карда шудааст, ки ҳама маснуоти заргарӣ ва дигар ашёи маишии сохташуда аз металҳои қиматбаҳо дар қаламрави ҶТ, аз ҷумла «маснуоти мазкур, ки барои хариду фурӯш ба қаламрави ҶТ ворид карда мешаванд» бояд бо маҳакҳое, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ муайян карда шудаанд, мутобиқ гардонида шуда, бо тамғаи давлатии маҳак тамға зада шаванд. Дар сурати мутобиқат накардан бо маҳаки давлатӣ ва паст будани маснуоти заргарӣ ва дигар маҳсулот ва ашёи маишии сохташуда аз металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, бо тартиби муқаррар намудани қонунгузорӣ, ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад.

Масалан, дар ҳисоботи Бонки миллии ҶТ маълумот «оид ба рушди ҳаҷми умумии захираҳои тилло» инъикос меёбад ва дар худи ҳамон ҳисобот сабабҳои тағйирот (динамикаи захираҳои тилло) нишон дода мешаванд[72], масалан, агар дар асоси шартномаҳои умумӣ ва азнавбаҳодиҳии металҳои қиматбаҳо бо нархҳои шартномавӣ аз ташкилотҳои қарзӣ миқдори муайяни тилло харидорӣ шуда бошад, пас, ҳамин нишондод ҳамчунон нишон медиҳад, ки ин афзоиш асосан бо миқдори теъдоди муайяни тиллое, ки аз «ташкилотҳои қарзӣ дар асоси шартномаҳои умумӣ бо азнавбаҳодиҳии металҳои қиматбаҳо бо нархи шартномавӣ харида шудаанд» вобаста мебошад. Аз ин бармеояд, ки рушди захираи тиллои кишвар ва баҳисобгирии он ҳуқуқи имтиёзноки Бонки миллии ҶТ мебошад. Зимнан, ҳисоботро дар бораи ҳолати дар суратҳисоби Бонки миллии ҶТ ба ҳисоб гирифтани қисми захираи тиллои ҶТ ба Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии ҶТ, Бонки милли Тоҷикистон ҳамчун қисми таркиби маърузаи Раиси Бонки милли ҶТ пешниҳод менамояд. Дар бораи захираҳои тиллои Бонки миллӣ дар ҶТ ҳеҷ гуна маълумоте надорад ва мутаносибан имконияти «назорат кардани фаъолияти мақомоти идоракунандаи пулию қарзиро вобаста ба идоракунии сарватҳои дар тавозун доштаи онҳо» надорад, ки мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар

[72] М. 9. Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

бораи Бонки миллии ҶТ»[73] ва мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», яъне тибқи қонунгузории ҶТ дар Тоҷикистон моликияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар масъалаи тартиби қабули қарор оид ба хароҷоти захираи тиллои Бонки миллии ҶТ аз хароҷоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар суратҳисоби Вазорати молияи ҶТ ихтилофҳо мавҷуданд. Дар муносибат ба Вазорати молия қарорҳо мутақобилан аз ҷониби Президент ё Ҳукумати ҶТ қабул карда мешаванд. Махсусан, Ҳукумати ҶТ нақшаи солонаи барориши сарватҳоро дар доираи муқаррароти Қонуни ҶТ дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли ҷорӣ тасдиқ менамояд. Дар муносибат ба Бонки миллии ҶТ ин раванд бо шаффофияти худ фарқ намекунад, маълумотҳо доир ба муомилот (шартнома, қарордод), ки аз ҷониби Бонки миллии ҶТ амалӣ карда мешавад, дар муқоиса бо амалиёте монанди Вазорати молияи ҶТ камтар назорат карда мешавад, ҳамчунин мақомоти ваколатдори ҳимояи давлатии дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ, бояд таҳти назорат бошад.

Фурӯши тилло аз ҷониби Бонки миллии ҶТ чунин амалӣ карда мешавад. Дар аввал, Раёсати масъули амалиёти хориҷӣ дар Бонки миллии ҶТ бо мақсади баҳисобгирии бухгалтерӣ ва амалӣ намудани ҳисобдорӣ «лоиҳаи шартномаи хариду фурӯш ва қайди расмиро оид ба муомилоти гузаронидашаванда» омода мекунад ва ҳамзамон, онро барои имзо ба шахси ваколатдори Бонки миллии ҶТ ирсол менамояд. Ғайр аз ин, пас аз бастани муомилот (шартнома, қарордод) (одатан дар рӯзи ояндаи бонкӣ) Раёсати мазкур, ки масъули амалиёти хориҷӣ дар Бонки миллии ҶТ мебошад, нусхаи 1-уми ёддоштро бо замимаи ду нусха тавсифнома ва нусхаи шартномаи дахлдор ба Раёсати «амалиёти эмиссионӣ–хазинадорӣ» мефиристад. Дар рӯзи дигар, «пас аз он ки аз ҷониби муштарӣ маблағ барои пардохти металҳои

[73] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми июни с. 2011, таҳти №722 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №6. – М. 435; – 2014. – №7. – қ. 2. – М. 409–410; – 2018. – №7–8. – М. 531; – 2019. – №7. – М. 474 (Қонуни ҶТ аз 26.07.2014, таҳти №1112–1113; аз 3.08.2018, таҳти №1548; аз 19.07.2019, таҳти №1645; аз 07.08.2020, таҳти №1721).

қиматбаҳо ворид карда мешавад» Раёсати масъули амалиёти хоричӣ дар Бонки миллии ҶТ фармоишро омода мекунад ва ба анбор барои ҳамлу нақли металҳои қиматбаҳо месупорад. Вазифаи анбор назорат кардани «ворид шудани маблағ ба суратҳисоби худ» мебошад. Ва баъд аз ин, металҳои қиматбаҳои дар фармоиш нишондодашуда ба муштарӣ аз анбор «яклухт мутобиқи тартиби муқарраршуда аз рӯйи нишондодҳо ва шиносномаҳои корхонаи истеҳсолкунанда» дода мешаванд. Мутаносибан, додугирифти металҳои қиматбаҳо мутобиқи нишондодҳо ва мушаххасоти зикршуда, бо баркашии назоратӣ ва яклухти дастаи металҳои қиматбаҳо, бо танзими санади мазкури додугирифт, бастабандӣ ва мушаххасоти вижа (махсус) анҷом дода мешавад.

Дар танзими меъёрии истихроҷи металҳои қиматбаҳо ҳамчун як ҷузъи муҳим, чунин падидаеро ҳамчун махсусиятҳои андозсупорӣ қайд кардан лозим аст. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, он ба назар гирифта мешавад, ки дар байни ҳамаи довталабони «рақобаткунанда дар музояда» он иштирокчии хариду фурӯше эътироф карда мешавад, ки барои сарвати ба фурӯш гузошташуда «нархи нисбатан баланд» пешниҳод мекунад. Мутобиқан аз рӯйи натиҷаҳои музояда протокол (суратмаҷлис) тартиб дода мешавад, ки онро аъзои комиссияи музояда имзо мекунанд. Дар муносибат бо шартномаи хариду фурӯши сарватҳо аз Фонди давлатии ҶТ бошад, суратмаҷлис аз ҷониби тарафҳо «на дертар аз 20 рӯз аз лаҳзаи гирифтани харидори ғолибшуда нусха аз протоколи дахлдор» тартиб дода мешавад. Мутобиқан, дар муҳлат ва шароити муқарраршудаи пардохт, «харидори ғолибшуда» уҳдадор аст, ки «пардохти намудҳои сарвати ба даст овардашударо» амалӣ кунад.

Мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи ҶТ, маблағҳои аз савдои ин навъи сарватҳои Фонди давлатӣ бадастомада дар қисмати даромадҳои буҷети давлатӣ ба таври ҳатмӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд[74].

[74] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

Дар қаламрави ҶТ Вазорати молияи ҶТ ҳамчун сарраёсати асосии даромадҳо аз хариду фурӯши захираҳои давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ муайян карда шудааст.

Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», маблағҳое, ки аз хариду фурӯши сарватҳои Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ ба даст меоянд, ки одатан барои пӯшонидани камомадҳои буҷети давлатӣ таъин (ҳамчунон амалӣ) карда мешаванд, бояд дар қисмати даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб гирифта шаванд[75], аммо, ба фикри мо, ин маблағҳо даромади буҷети давлатӣ шуда наметавонад. Ин мулоҳиза ҳам аз талаботи меъёрии қонун ва ҳам аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие бармеояд, ки манбаъҳои маблаггузории камомади буҷети давлатиро аз таркиби даромади буҷети давлатӣ истисно менамояд, чунончи бархе аз муаллифон дар ин бора навиштаанд. Ин муқаррарот, инчунин, ақидаҳои назариявиро, алалхусус самти молиявӣ-ҳуқуқии табиати ин маблағҳоро, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ инъикос шудаанд, тасдиқ мекунанд.

Барои ҳамин, бояд ин як амри бадеҳӣ шуморида шавад, ки маблағҳои моддии ба низоми буҷавӣ дохилшуда даромад ҳисобида шаванд (ва онҳо чунин ҳам ҳастанд), пеш аз ҳама, бебозгашт «барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти ташкилотҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ» бояд ба назар гирифта шаванд. Аломати бебозгашт будан яке аз нишонаҳои асосии даромади буҷет мебошад ва аз ин рӯ, ин маънои онро дорад, ки маблағҳои пулии мазкур, ки ба моликияти давлатӣ дохил шудаанд, тибқи қонун, ба субъектҳои ин маблағҳо баргардонида намешаванд. Ва дар назари аввал ин ҳукм ҳамчунон ба фаъолияти мақомоти давлатии ҶТ дахл дорад. Аммо ин ҳам муайян аст, ки давлат ва мақомоти он ба зарурати пурра кардани (баргардонидани) захираҳои Фонди давлатии ҶТ, пас аз истифодаи онҳо алоқаманд карда

[75] М. 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

шудаанд, ки ин ба аломати бебозгаштии даромади буҷети давлатӣ зиддият дорад (онро истисно мекунад).

Далели мазкур қонунҳои ҳамасола амалигарданда дар бораи буҷети давлатиро дар ҶТ ба таври равшан нишон медиҳад, ки дар онҳо, аз рӯйи қоида, яъне ҳамасола миқдори маблағҳое, ки «ҳам барои хариду фурӯш ва ҳам барои ба даст овардани ин сарватҳо ба нақша гирифта шудаанд», муайян карда мешавад.

Бешубҳа, хариду фурӯши сарватҳои Фонди давлатии ҶТ қисмати даромади буҷаи давлатиро зиёд мекунад ва дар айни замон маҷмуи қарзҳои Фонди давлатиро зиёд мекунад ва илова бар ин, ҳаҷми хазинаи ҶТ-ро низ коҳиш медиҳад. Барои он ки истифодаи чунин маблағҳо «чораи муваққатии раҳоӣ аз камомади буҷет» набошанд, мақомоти давлатӣ бояд ба пур кардани фондҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аҳаммият диҳанд. Раванди мазкур (пур кардани буҷа) дар таҳқиқоти як қатор олимон, аз ҷумла, С.В. Янкевич хеле хуб асоснок карда шудааст[76].

Ин амр низ ҷойи шубҳа надорад, ки маблағҳои аз фурӯши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бадастовардае, ки барои маблағгузории камомади буҷети давлатӣ истифода мешаванд, воқеан, ба афзоиши хазинаи давлатӣ оварда намерасонанд. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, бояд бо андешаи Э.Н. Берендтс, розӣ шуд, ки маблағҳои аз фурӯши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиие, ки ҳамчун манбаи маблағгузории дохилии камомади буҷети давлатӣ истифода мешаванд «манбаъҳо, аммо на даромадҳо» дониста шаванд. Дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ ин маблағҳо аллакай дар буҷетҳои давлатӣ ҳамчун «захираҳо» нишон дода шудаанд, масалан, дар Белорус.

Маълум аст, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ» қисман ва Қонун дар бораи буҷети ФР ба пуррагӣ маблағҳои аз харидуфурӯши захираҳои давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии бадастомада аз ҳисоби пардохтҳо ба онҳо кам карда

[76] Ниг.: Янкевич С.В. Правовое регулирование обращения драгоценных металлов и драгоценных камней в Российской Федерации / С.В. Янкевич. – М., 2015. –198 с.

мешаванд, зеро маҳз он маблаге, ки аз арзиши ба даст овардани сарватҳо «озод карда мешавад», барои маблаггузории камомади буҷети давлатӣ истифода мешавад[77].

Ин муқаррароти қонунгузории буҷет, пеш аз ҳама, дар ФР дар шакли пурра дар ҶТ низ мавриди татбиқ мебошад, зеро, ба ақидаи мо, он ҷуброни хароҷоти давлат ва мақомоти онро қонунӣ мекунад. Мутаассифона, дар ФР тартиби баҳисобгирии ин маблағҳо барои омма эълон карда нашудааст. Гумон кардан мумкин аст, ки амалан ин маблағҳо барои ба даст овардани сарватҳои нав барои Фонди давлатӣ сарф карда мешаванд. Ва барои ин баъзе заминаҳо ва сабабҳо мавҷуданд. Масалан, барои пайдоиши уҳдадории хароҷотӣ дар ҶТ, ба назар гирифта мешавад, ки дар сурати ба даст овардани сарватҳо дар Фонди давлатии кишвар, мувофиқи қонунгузорӣ дар соҳаи буҷет шартномаҳо барои харидуфурӯши ин сарватҳо, ки бо тартибот ва аз номи Ҳукумати ҶТ қоидаҳои харидуфурӯш, воридот ва содироти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва рангаро мегирад ва тавассути онҳо назорати давлатии муомилоти онҳо амалӣ карда мешавад[78], зеро мутобиқи муқаррароти мазкур қоидаҳои хариду фурӯши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва рангаро ба танзим медарорад[79], ин мақом дарёфткунандаи маблағҳои буҷети давлатӣ дар ҶТ мебошад. Ин раванд дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба таври амиқ таҳлил шудааст, ки дар ин маврид О.С. Кучин дар омӯзиши танзими ҳуқуқии муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ саҳми назарраси худро гузоштааст[80].

Қайд кардан зарур аст, ки имрӯзҳо қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табии»–ро бо

---

[77] Ниг.: Ст. 020000 «Государственные запасы драгоценных металлов и драгоценных камней» подгруппы 0106 «Иные источники внутреннего финансирования дефицитов бюджетов» группы 0100 «Источники внутреннего финансирования дефицитов бюджетов».

[78] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Қоидаҳои харидуфурӯш, воридот ва содироти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо ва ранга доранд» аз 06.05.2006, таҳти №215.

[79] Ниг.: Ҳамон ҷо.

[80] Ниг.: Кучин О.С. Вопросы правового регулирования оборота драгоценных металлов и драгоценных камней / О.С. Кучин // Вестник Международного института экономики и права. – 2012. – С. 115–124.

номи мушаххас ва ҷомеи «сарватҳо» ифода мекунад[81]. Гузашта аз ин, маълум аст, ки ин «сарватҳо» метавонанд «дар ҳама шаклу ҳолатҳо мавҷуд бошанд», махсусан дар «низоми маҳдудкунандаи муомилоти онҳо». Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, истифодаи ду намуди мафҳумҳо мувофиқи мақсад мебуд, ки аз якдигар фарқ кунанд, низомҳои фарққунандаи онҳоро нишон диҳанд– «сарватҳо» ва «сарватҳое, ки дар муомилоти шаҳрвандӣ маҳдуданд». Чунин пешниҳодҳо дар адабиёти илмӣ шуда бошанд ҳам, аммо, мутаассифона, то ҳол аз ҷониби қонунгузорӣ қабул нашудаанд. Бояд бо он муаллифоне розӣ шуд, ки менависанд, ки чунин фаҳмиши ду намуди сарватҳоро – «бо назардошти дақиқӣ, фарогирӣ, умумият ва инчунин эътирофи воқеии онҳо дар сатҳи қонунӣ»[82] бояд эътироф кард.

Зиёда аз ин, ба ақидаи мо, мафҳуми «сарватҳои дар муомилот маҳдуд» назар ба мафҳуми «сарватҳо» ва ҳатто «металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» фаҳмотар мебошанд, зеро ба ғайр аз номи ашё, мафҳуми «сарватҳои дар муомилот маҳдуд» ҷузъи ҳуқуқии онро муайян мекунад, маҳз онро ишора мекунанд, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҳолати моддии муайяне қарор доранд, модоме ки муомилоти қонунӣ–шаҳрвандии онҳо бо қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳолати охири зикршуда мустақиман ба он вобаста аст, ки мутобиқи Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ), металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ҳамчун объекти махсусан мушаххаси ҳуқуқи шаҳрвандӣ, моҳиятан як навъ сарватҳои беназир мебошанд, ки муомилоти онҳо дар ҳудуди ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби қонунҳои амалкунанда ба таври муфассал танзим карда мешавад.

Бо назардошти афкори иброзгардида хулосаҳои зеринро манфиатпазир мешуморем:

---

[81] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М. 194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[82] Кучин О.С. Кучин О.С. Вопросы правового регулирования оборота драгоценных металлов и драгоценных камней / О.С. Кучин // Вестник Международного института экономики и права. – 2012. – С. 115–124. – С. 115.

1. Умумияти мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо», «сангҳои қиматбаҳои табиӣ», «сарватҳо», «муомилоти (муомилоти шаҳрвандии) сарватҳо», «сарватҳои дар муомилот маҳдуд» ва «муомилоти ғайриқонунии сарватҳо» дар он ифода меёбад, ки мафҳуми «сарватҳо» метавонад на танҳо маҷмуи ҷинсӣ, балки маҷмуи намудии онҳоро (ҳам металҳои қиматбаҳо ва ҳам сангҳои қиматбаҳои табиӣ) дар якҷоягӣ ва ё дар алоҳидагӣ ифода кунад.

2. Дар муносибат бо худи мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бошад, қонунгузорӣ таърифи онҳоро дода истода, ба онҳо усули тартиб додани рӯйхати мукаммали намудҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро татбиқ кардааст ва илова бар ин, ҳолатҳои алоҳидаи мавҷудияти онҳоро ишора намудааст[83].

3. Дар адабиёт мафҳуми «арзиш» ҳамчун «арзиши мусбат ё манфии объектҳои ҷаҳони атроф барои як фард ва ё дар маҷмуъ барои ҷомеа, ки дар усулҳо, меъёрҳо, идеалҳо, муносибат ва ҳадафҳо ифода ёфтааст» муайян карда мешавад. Маънои филологии калимаи «арзиш» ҳамчун як чизи арзишманд ва қимат шарҳ дода мешавад, ки «ҳамеша дар муқоиса бо нархи дигар ашёи муносиб нархи нисбатан баланд дорад», яъне ин ашёе, ки бо арзиши эквивалентии пулӣ қимати нисбатан баландтар дорад. Аз ин бармеояд, ки «сарватҳо» бояд ҳамчун ашёи дорои арзиши баланд, ҳамчун «ганҷ», «ашёи арзишнок» ва ғайра муайян карда шаванд.

4. Ба андешаи мо, мафҳумҳои зикргардида ва таърифҳои қонунгузорӣ «дар бораи хусусиятҳои табиӣ ягон аломатеро зикр намекунанд», ки барои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ умумӣ бошанд. Ҳамзамон, таърифҳои мазкур «тақозои амрие доранд», ки ҳар як рӯйхати таҳияшуда (тартибдодашуда) танҳо дар асоси қонун метавонад тағйир дода шавад, ки амалан маънои онро дорад, ки «ислоҳи таърифи (тавсифи) мафҳумҳои зикршударо на танҳо истисно намекунад, балки эҳтимоли қавии онро таъкид мекунад».

---

[83] Ниг.: Кучин О.С. Вопросы правового регулирования оборота драгоценных металлов и драгоценных камней / О.С. Кучин // Вестник Международного института экономики и права. – 2012. – С. 115–116.

5. Бинобар хусусияти холигӣ доштани диспозитсияи м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ барои пурра фаҳмидани мазмуни мафҳумҳое, ки предмети ҷиноятро ташкил медиҳанд, ба қонунгузории махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа рӯй оварданро таҳлил мекунад. Пеш аз ҳама, ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»[84].

6. Бинобар бо пуррагӣ мавҷуд набудани муҳофизати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии сарватҳо ва як қисми ин раванд ифода ёфтан дар м. 284 КҶ ҶТ ва вайрон намудани қисми дигари ин раванд дар м. 285 КҶ ҶТ бояд бо қатъ гардидани эътибори м. 285 КҶ ҶТ бартараф карда шавад ва тамоми аломатҳои таркиби ин гуна ҷиноят бояд дар доираи м. 284 КҶ ҶТ бо пуррагӣ фаро гирифта шавад.

7. Сангҳои қиматбаҳо дар шакли алмос, зумуррад, ёқут, сапфир, лаъли асил ва александрити табиӣ, ҳамчунин гавҳари табиии хом дар шакли хом (табиӣ) ва ҳам коркардшуда (суфта) мушоҳида мешаванд[85]. Дар навбати худ, сангҳои қиматбаҳои табиӣ асосан ба ду зергуруҳ гуруҳбандӣ мешаванд: минералӣ ва биологӣ. Чи тавре ки дар боло зикр гардид, ҳамчунин сангҳои нимқиматбаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ ба сангҳои қиматбаҳо баробар карда мешаванд, ки дар сурати аз тарафи Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи ҶТ хулосаи экспертиза мавҷуд бошад.

8. Дар адабиёти соҳавӣ оид ба «муҳтавои рӯйхати» металҳои қиматбаҳо ҳеҷ гоҳ мубоҳисаҳои илмӣ ба вуҷуд наомадаанд. Ҳамаи онҳо дар асарҳои мухталифи олимони металшинос амалан ва моҳиятан якдилона ҳамчун «маводҳои гаронбаҳои металӣ, дорои арзиши баланди бозорӣ» муайян карда шудаанд. Аммо ин нуктаро дар муносибат бо «матбуоти илмӣ ва иҷтимоӣ–сиёсӣ» гуфтан мумкин нест, зеро ки дар онҳо нуқтаи назарҳои мухталифе

---

[84] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[85] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

изҳор карда мешаванд, масалан, борҳо гуфта шудааст, ки иридийро метавон ва бояд аз рӯйхати дар боло зикршуда хорич кард, зеро ирридий «дар соҳаи заргарӣ ва саноат хеле кам истифода бурда мешавад», монанди ҳамин пешниҳодҳо роҷеъ ба палладий низ карда мешаванд, ки он «ҳамон хосиятҳое монанди платина дорад, аммо нархаш нисбатан арзонтар мебошад».

9. Аз рӯйи ақидаи умум, аз ҳама метали арзон, аз рӯйи арзиши бозориаш паст дар байни металҳои қиматбаҳо, ба ақидаи олимон ва мардуми оддӣ, нуқра мебошанд. Аз ин рӯ, дар як қатор таснифот нуқра «ба гуруҳи металҳои қиматбаҳои дараҷаи дуюм дохил карда мешавад». Бояд тазаккур дод, ки талабот ба нуқра дар бахши саноатии иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамеша, доимо болораванда мебошад ва дер боз раванди болоравӣ аз миқдори воқеии гудозиши нуқра аз ашёи хоми аввалия ба назар мерасад.

10. Бо назардошти қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳлили барҳӯрди усулии (доктриналии) олимон ва мутахассисон дар тафсири мафҳуми «металҳои қиматбаҳо», таърифи пурраи дақиқгардонидашудаи зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: «Металҳои қиматбаҳо ин арзишҳое мебошанд, ки ба гуруҳи «моддаҳои металии асил» дохил шуда, «арзиши баланди бозорӣ доранд».

11. Дар асоси таҳлили гуфтаҳои боло мафҳуми «сангҳои қиматбаҳои табиӣ»-ро чунин муайян кардан бамаврид аст, ки «Сангҳои қиматбаҳои табиӣ» – ин «сарватҳое» мебошанд, ки ба гуруҳи минералҳои табиӣ мансуб шуда, сифати баланди истеъмолӣ дошта, дар натиҷа «арзиши баланди бозорӣ» доранд.

1.2. Хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид: тавсифи миқдорӣ ва сифатии он

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии кишвар мебошад, чунин ҷиноятҳо ба маблағи садҳо миллион сомонӣ зарари моддӣ расонида, боиси рушди иқтисодии давлат мегардад.

Таҳлилҳои оморӣ ва илмӣ нишон медиҳад, ки дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ, қисми назаррасро ҷиноятҳо дар соҳаи бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид ташкил медиҳад.

Хавфнокии ҷамъиятии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда ба предмети хосси ин ҷиноятҳо вобаста аст. Предмети ин ҷиноятҳо сангҳои қиматбаҳо ва металҳои қиматбаҳо ашёи беназири табиӣ ва арзиши баланддошта мебошанд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12- уми май соли 2001, таҳти №21 онҳо бо мафҳуми «сарват»[86] муайян карда шудаанд. Таҳлили ин санади ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибати баррасишаванда барои давлат муайян карда шавад. Ҳамин тавр, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо «як ҷузъи захираҳои тиллову асъори Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд», ки «барои таъмини эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст»[87] (м. 7), «барои амалӣ сохтани сиёсати молиявии давлат ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти фаврии ҶТ дар ҳолатҳои фавқулодда таъин гардидааст»[88] (м. 9) ва ғайра.

Муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим буда, пешгирии хавфи ин категорияи ҷиноятҳо имкон медиҳад, ки суботи молиявии кишвар нигоҳ дошта шавад ва ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат хизмат хоҳад кард. Металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дорои имконоти бузурги истифода шудан ба сифати яке аз муҳимтарин самтҳои молиявии сиёсати иқтисодии дохилию хориҷии давлат мебошанд. Аҳаммиятнокии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар он

---

[86] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[87] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[88] Ҳамон ҷо.

зоҳир мегардад, ки дар ҶТ санади алоҳида – Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» – санади асосии меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳоро дар соҳаи муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба танзим медарорад.

Мусаллам аст, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар баробари дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ, яке аз хафҳое мебошад, ки ба амнияти иқтисодии давлат таъсири бевоситаи худро мерасонад. Хавфи ҷамъиятии ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки он низоми назорати қатъии давлат аз болои муомилот бо сарватҳои асъориро заиф мегардонд. Бастани аҳди ғайриқонунии бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид назоратро барои риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва разведкаи конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол ва муомилоти онҳо заиф мекунад. Назорате, ки дар давраи монополияи давлатӣ ба муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо амалӣ мегардид, вақте ки ба онҳо ҳамчун арзишҳои асъорӣ муносибат мекарданд, назорат дар ин самт заифтар гардидааст. Дар баробари ин, назорати нокифоя дар ин самт боиси содир шудани ҷиноят дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда мегардад.

Р.Ҳ. Раҳимзода қайд менамояд, ки ҳангоми тағйир ёфтани сохти давлатдорӣ, инчунин ҳаракат ва кирдорҳое, ки ба давлат ва шаҳрвандон зарари моддӣ ва маънавӣ мерасонад ва дар низоми қонунгузории амалкунанда оид ба ин кирдорҳо ҷазо пешбинӣ нашуда буд, зарурият пеш омада буд, ки заминаи қонунгузорӣ аз нав таҳия гардида, ба тақозои замон мутобиқ гардонида шавад[89].

Хавфнокии ин ҷиноят дар алоқамандии он бо дигар ҷиноятҳо зоҳир мегардад, аз ҷумла, бо қочоқ ҳамчун нишондиҳандаи хатари ҷамъиятии он дар айни замон қайд мегардад. Олимон, ба монанди В. Ларичев ва В. Докучаев, қайд мекунанд, ки ҷиноятҳо бо гардиши ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид алоқаманд аксар вақт бо

[89] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2020. – С. 21.

ҷиноятҳои дигар ва ҳатто ҷиноятҳои хафноктар муттаҳид мешаванд. Ба инҳо ришвахорӣ, қочоқ, саркашӣ аз андоз дохил мешаванд[90].

М.Боярская робитаи ҳар ду ҷиноятро бо қочоқ, дуздӣ, тиҷорати ғайриқонунӣ, қоидаҳои тайёр кардан ва истифодабарии тамғаҳои давлатӣ нишон медиҳад[91].

Н.А. Лопашенко низ қайд мекунад, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аксаран бо дигар ҷиноятҳо, ки предмети онҳо ҳамин арзишҳо мебошанд, дуздӣ, ҷиноятҳои хизматӣ ва ғайра мебошанд, баъзан дар алоқамандӣ содир мегардад[92].

Инчунин, ба андешаи Н.А. Лопашенко, хавфи ҷамъиятии ҷиноятии баррасишванда дар хусусияти ғайриқонунии муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо зоҳир мегардад[93]. Албатта, хусусияти ғайриқонунии гардиш, албатта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он бар хилофи қонунгузоӣ дар бораи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо сурат гирифтааст, аммо муаллиф далелҳое наовардааст, ки ҳама гуна муомилоти ғайриқонунӣ бо ин сарватҳо барои ҷамъият хафнок будани онро тасдиқ кунанд.

Яке аз далелҳои хатари ҷамъиятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун кам гардидани қисми даромади буҷети давлатиро М.В. Арзамастсев қайд менамояд[94]. Дар байни омилҳое, ки хатари иҷтимоии вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро шарҳ медиҳанд, М.В. Арзамастсев гирифтани фоидаи калон аз муомилоти ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсоне онро

---

[90] Ниг: Докучаев В.А., Ларичев В.Д. Практика борьбы с незаконным оборотом драгоценных камней / В.А. Докучаев, В.Д. Ларичев // Адвокат. – 2003. – №5 / СПС Конеультант Плюс

[91] Ниг: Боярская М. Пресечение преступлений в сфере оборота драгоценных камней и драгоценных металлов / М. Боярская // Закон и право. – 2004. – 10. – С. 46.

[92] Ниг: Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности. – Ростов-на-Дону: «Феникс», 1999. – С. 256–258.

[93] Лопашенко Н.А. Асари зикргардида. – С. 256.

[94] Ниг.: Арзамасцев М.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней (ст. 191 УК): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 3–4.

амаликунанда номида мешавад, ки «дар навбати худ ба истихроҷ ва истеҳсоли ғайриқонунии ин арзишҳоро ҳавасманд мекунад»[95].

Ба ин ақидаҳо розӣ шуда, қайд намудан ба маврид аст, ки дар баробари ин омилҳо, дигар омилҳое, ки хатари иҷтимоии вайрон кардани Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»-ро ба вуҷуд меорад, инҳо мебошанд:

– шахсоне, ки ба истихроҷ, коркард дар конҳои асосӣ (маъданӣ), яъне конҳои пошхӯрдаю техногениро бе иҷозатномаи истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое, ки ба онҳо дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» дода шудаанд, бо мақсади ба даст овардани фоидаҳои калон фаъолият менамоянд;

– ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки ба нобудшавии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо оварда мерасонад;

– вайрон кардани тартиботи муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо.

Омилҳои қайдгардида, пеш аз ҳама, ба амнияти рушди устувори иқтисодӣ ва нобуд кардани захираҳои старатегӣ, ки боиси расонидани зарари калони иқтисодӣ ба иқтисодиёти давлат мегардад шуда метавонад.

Ғайр аз он ки м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ хусусияти бланкетӣ доранд, инчунин, бисёр меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» низ хусусияти истинодӣ доранд, бинобар ин, доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ба қонунгузорӣ оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дохил карда шудаанд, ки ин масъалаи хавфи пешгирии ҷиноятҳои мазкурро мушкил мегардонад, ғайр аз он, қонунгузории

[95] Арзамасцев М.В. Арзамасцев М.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней (ст. 191 УК): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 4.

ҷорӣ табиати ҳуқуқии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро пурра ошкор намекунад.

Бояд қайд намуд, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки дар бозори асъор қарор доранд, ба вазъи низоми молиявии кишвар таъсири назаррас расонида, барои пур кардани фондҳои тиллою асъори он зарур буда, кафолати хафнокии тасарруфро пешгирӣ намуда, устувории қурби воҳидҳои пулӣ ва ҳамчун воситаи пардохт дар бозорҳои хориҷӣ истифода мешаванд, дар тараққиёти илму техника аҳаммияти калон дорад, онҳо инчунин сарвати эстетикӣ мебошанд.

Тибқи б. 5, м. 19 Қонуни мазкур, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое, ки бо тартиби афзалиятнок ба харидорони дар б. 5 м. 3 ҳамин Қонун ва б. 4 ҳамин модда номбаршуда фурӯхта нашудаанд, аз ҷумла металҳои худрӯйи қиматбаҳои нодир, ки аз харидани онҳо харидороне, ки аз харидани металҳои қиматбаҳои худрӯйи нодир даст кашидаанд, мумкин аст аз ҷониби субъектҳои истиҳроҷ ва истеҳсоли онҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фурӯхта шаванд[96]. Чунин тағйирот дар вазъи ҳуқуқии металҳои қиматбаҳо ба сиёсати Фонди Байналмилалии асъор барои ба як моли умумӣ табдил додани тилло мувофиқат мекунад. Қадами назаррас дар ин самт аз ҷониби қонунгузор даст кашидан аз иҷозатномадиҳии баъзе намудҳои фаъолият дар соҳаи истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун воситаи танзими давлатӣ мебошад. Дуюм, аҳаммиятнокии металҳои қиматбаҳо дар иқтисодиёти муосир ба таври назаррас бештар мегардад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масъалаи асоснокии мавҷудияти меъёрҳои он ҳамеша таваҷҷуҳи зарурӣ дода мешуд, зеро таҳқиқи таркиби ҳар гуна ҷиноят бе ошкор намудани мавҷудияти зарурияти пайдоиши хафноки ва ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, ки дар қонун муқаррар шудааст, имконнопазир аст.

---

[96] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

Зарурати ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии манфиати муайян дар меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ бо роҳи муайян намудани намудҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хафноки рафтори инсон, эътирофи қобили қабул, имконпазир ва мақсаднок будани муборизаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бар зидди онҳо ва дар қонуни ҷиноятӣ мушаххас муқаррар намудани намудҳои алоҳидаи кирдор ва ҷазо барои онҳо ифода меёбад. Мавҷудият ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ аз риояи қоидаҳои муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ инъикос менамоянд. Маълум аст, ки танҳо чунин кирдорҳое, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари калон мерасонанд ё расонидани ин зарарро зери хатар мегузоранд, бояд қонуни ҷиноятӣ манъ карда шавад. Аммо арзиши объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд ҳамеша ба назар гирифта шавад. Сарфи назар аз паҳн шудани истифодаи ин категория аз ҷониби қонунгузор, моҳият ва муҳтавои он бо пуррагӣ кушода дода намешавад, аз ин ҷост, ки зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ин категория («ба ҷамъият хафнокӣ») торафт муҳимтар мегардад.

А.П. Козлов барои ҷамъият хафнокиро ҳамчун «таҳдиди пайдо шудани зарар ё эҷоди зарар ба муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ муайян мекунад[97]. Ф.Н. Сотсков менависад, барои ҷамъият хафнокӣ «хусусияти дохилии кирдор мебошад, ки дар қобилияти объективонаи инсон оид ба расонидан зарар ё таҳдиди расонидани зарар ифода гардида, баҳои ҳуқуқии худро дар манъи содир намудани кирдор зери таҳдиди ҷазо пайдо менамояд[98].

Умуман, бо ин нуқтаҳои назар розӣ шуда, бояд қайд намуд, ки дар мавқеъгириҳои зикршуда норозигӣ ба нишонаи «таҳдиди расонидани зарар», ки кирдори ба ҷамъият хафнок гӯё дар худ дорад, изҳори норозигиро меорад. Маълум аст, ки на ба зарари воқеии расонидашуда, балки ба таҳдиди расонидани чунин зарар ишора карда истода, муаллифони номбурда ҷиноятҳои нотамом, пеш аз ҳама, «тайёрӣ ба ҷиноят»-ро дар назар доранд, зеро, ба андешаи мо ва ба андешаи олимони дигар, кирдори ҷиноятии

[97] Ниг.: Козлов А.П. Понятие преступления. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 709.
[98] Ниг.: Сотсков Ф.Н. Общественная опасность деяния в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 8.

хотимаёфта дар ҳама ҳолатҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари мушаххас мерасонад, на ин ки хавфи расонидани онро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, бо назардошти хусусияти ғайримоддии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки «объекти ҳифзи ҳуқуқӣ мебошанд», бояд қайд намуд, ки ҳатто «дар марҳилаи тайёрӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ» ба муносибатҳои ҷамъиятӣ воқеан зарар расонида мешавад, «на ин ки таҳдид эҷод карда мешавад, гарчанде ки албатта дараҷаи ин зарар аз зарари кирдори ҷиноятии хотимаёфта камтар аст»[99].

Барои ҷамъият хавфнок, ки аломати моддии хосияти дохилии кирдори ҷиноятӣ буда, моҳияти иҷтимоии онро ошкор сохта, аз расонидани зарар (хавфнокии ҳақиқӣ) ё ба вуҷуд овардани таҳдиди расонидани зарар (хафнокии потенсиалӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта, иборат мебошад.

Аломати моддии ҷиноят, ки моҳияти иҷтимоии онро тавсиф медиҳад хосияти объективии он буда, аз иродаи қонунгузор вобастагӣ надорад[100].

Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. қайд намудаанд, ки ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дорои хусусияти ба худ хос буда, вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хафнокӣ аз тарафи объективии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд[101].

Албатта, моҳияти «барои ҷамъият хавфнок» тавассути зарари воқеие, ки дар натиҷаи кирдори ҷиноятӣ расонида шудааст, ё мавҷудияти хатари воқеии ба вуҷуд омадани он муайян карда мешавад. Хусусияти ин зарари расонидашуда ба дараҷаи барои ҷамъият хавфнок таъсири бевосита мерасонад, барои ҳамин, дар ҳаёти иҷтимоии демократӣ ягон хатари иҷтимоӣ дар заминаи тафаккур, рӯҳия, тарзи фикрронӣ ва амсоли инҳо вуҷуд дошта наметавонад. Ин барои он аст, ки пеш аз ҳама, ин дар асоси категорияи «ба ҷамъият хавфнок» маҷмӯи унсурҳое меистанд, ки ба ҷанбаи афзалиятноки объективии кирдори ҷиноятӣ хос мебошанд. Вобаста ба

---

[99] Административное право: учебник / Под ред. Л.Л. Попова. – М.: Юристъ, 2002. – С. 314.

[100] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 51.

[101] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 6.

хусусиятҳои ҳуқуқии категорияи «ба ҷамъият хавфнок», дар ин ҷо аломатҳои тарафи субъективии чунин шахсияти ҷинояткор бояд ба инобат гирифта шаванд[102].

Ҳамин тариқ, категорияи «ба ҷамъият хавфнок», пеш аз ҳама, ифодаи хусусиятҳои объективии кирдори ҷиноятӣ мебошад. Азбаски ба ҷамъият хавфнок «новобаста аз идрок ва иродаи қонунгузор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад» барои ҳамин, он «бо моҳияти дохилии он мухолиф аст», илова бар ин, ба шароити зиндагонии муқаррарии аҳли ҷомеа халал мерасонад ва аз ин рӯ, «вазифаи қонунгузор аз он иборат аст, ки ба шароити зиндагии ҷомеа дар ин марҳила дуруст баҳо дода тавонад ва доир ба мансуб донистани чунин кирдор ба гуруҳи кирдорҳои ҷиноятӣ хулоса барорад»[103].

Муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо хатари зиёди расонидани зарари ҷиддии молиро ба миён овард, ба ҷаъмият хавфнок мебошад, зеро предмети ҷиноят дорои арзиши баланд ва хусусияти серхаридорӣ дошта, барои ҷинояткорон ба даст овардани фоидаи зиёдеро аз шуғли ҷинояткорона кафолат медиҳад ва барои ҷинояткории муташаккилона доираи васеи фаъолиятро фароҳам оварда[104] ба иқтисодиёти давлат зарар мерасонад.

Қонунгузор бо назардошти хусусияти хавфи махсуси ҷамъиятии кирдори ҷиноятӣ (яъне тавсифи сифатии он) дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, он ҳудудҳои ҷазодиҳиро барои кирдорҳое, ки ба навъи муайяни кирдорҳои ҷиноятӣ, ки ҳамчун муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ шинохта мешаванд, муқаррар мекунад. Дар ин маврид дар муҳокимаи ҷалласаи судӣ, судя инро бояд қайд намояд, ки он «дар доираи чораҳои муқарраршуда вазифадор аст, ки бо назардошти дигар меъёрҳо мушаххасгардонии ҷазоро идома диҳад». Ҳамин

---

[102] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 39.

[103] Уткина Е.Ю., Богунова Г.В. Понятие и признаки преступления / Е.Ю. Уткина, Г.В. Богунова // Ученые заметки ТОГУ. – 2014. – Том 5. – №4. – С. 507–508.

[104] Ниг.: Аламшозода А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С 113.

тавр, тавсифи сифатии кирдори ҷиноятӣ «гӯё як навъ калиди кори минбаъда оид ба мушаххасгардонии ҷазоро бо назардошти маҳдудиятҳои он ба даст медиҳад»[105].

Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ нишондиҳандаи миқдории ҷиноят буда, он «дар доираи як ҷиноят аз дараҷаи баамалбарории нияти ҷинояткорона, тарзи содиркунии ҷиноят, андозаи зарари расонидашуда, аз дигар аломат ва ҳолатҳои ҷинояти содиршуда вобастагӣ дорад»[106].

То кадом андоза хавфнок будани дараҷаи ҷиноят тавассути таҳлили ҳам аломатҳои объективӣ ва субъектии ҷиноят муқаррар мешавад. Хулоса, сатҳи категория ва падидаи «барои ҷамъият хавфнок» аз ҷониби мақомоти қонунгузор «ҳангоми фарқиятгузории кирдорҳои ҷиноятӣ» ҳамчун оддӣ, мураккаб, вазнин, махсусан вазнин, бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунанда ва ғайра ба назар гирифта мешавад.

Хусусияти мафҳуми «барои ҷамъият хавфнок» ва дараҷаи шаклкунонидаи он дар зери истилоҳи «барои ҷамъият хавфнок» бо роҳи сохтани меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои намудҳои алоҳидаи кирдорҳои ҷиноятӣ дар мавриди мо барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро қонунгузор худ муайян менамояд. Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки баҳодиҳии ба ҷамъият хавфноки ҷиноятҳо, масалан, марбут ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, бо назардошти «нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ»-и дар санксияҳои м. 284 ва 285 КҶ ҶТ инъикос ёфтааст. Ва дар ин бобат мо нуктаи назари Е.Ю. Уткина ва Г.В. Богуноваро[107] ҷонибдорӣ мекунем.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки дар назарияи муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ кӯшиши зиёд барои таҳияи «воситаҳои баҳодиҳии сатҳи мафҳуми «барои ҷамъият хавфнок» будани кирдорҳо амалӣ шудаанд.

---

[105] Уткина Е.Ю., Богунова Г.В. Понятие и признаки преступления / Е.Ю. Уткина, Г.В. Богунова // Ученые заметки ТОГУ. – 2014. – Том 5. – №4.– С. 508.

[106] Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан): дис. ... д-ра.юрид. наук.– М., 2008.– С. 134.

[107] Ниг: Уткина Е.Ю., Богунова Г.В. Понятие и признаки преступления / Е.Ю. Уткина, Г.В. Богунова // Ученые заметки ТОГУ. – 2014. – Том 5. – №4. – С. 509.

Чунин ба назар мерасад, ки вазъи кунунии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол ба қонунгузор иҷозат намедиҳад, ки мафҳуми ҳамаҷониба, арзёбии самараноки чунин падида ба монанди «барои ҷамъият хавфнок» кирдорҳоро ва мутаносибан, асосҳои ҷиноят ҳисобиданро пешниҳод кунад ва барои ҳамин мо чунин мешуморем, ки масъалаи мазкур ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки назарияи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монда, «коркарди минбаъдаро талаб мекунад.

Хавфи ҷамъиятии ин ҷиноятҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи содир гардидани онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятие зарар расонида мешавад, ки мазмуни онҳо уҳдадории субъекти хоҷагидор оид ба фурӯши ҳатмии металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо ба давлат, қонеъ гардондани эхтиёҷоти давлат барои ташкил намудани захираи тилоии давлат ва таъмини фаъолияти дурусти низоми назорати давлатии сифати металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, муомилот, баҳисобгирӣ ва истифодаи онҳо ташкил медиҳанд.

Муқаррар намудани ҷойгоҳи объекти ҷинояти мавриди назар дар низоми афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки мувофиқати ҳифз ба шароит ва тамоюлҳои рушди ҷомеаи муосир муайян карда шавад. Ин тамоилҳо то дараҷае дар м. 12 Конституцсия, ки тибқи он давлат ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад ва дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» иникос ёфтааст ва дар он гуфта мешавад, ки амнияти миллӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ[108] мебошад, манфиатҳои миллӣ – маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конституцсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад. Яъне, низоми амнияти миллӣ бояд амнияти мардумӣ таъмин кунад, ки ин ҳам

[108] Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №3. – М. 183; – 2011. – №6. – М. 457; – 2013. – №7. – М. 513. – №12. – М. 886; – 2014. – №11. – М. 654; – 2015. – №7-9. – М. 701; – 2016. – №3. – М. 138.

барои мавҷудияти давлат ва ҳам барои тараққиёти озоди ҷамъият зарур аст. Бояд қайд намуд, ки яке аз ҷузъҳои асосии чунин низом амнияти иқтисодӣ мебошад, ки илова бар ин, яке аз афзалиятҳои манфиатҳои миллии ҶТ ба шумор меравад.

Дар ин маврид олими тоҷик С.С. Ятимов таъкид месозад, ки: «Агар амнияти давлат маънои ҳолати бехатарии истиқлолият, тамомияти арзӣ, вазъи сиёси, иқтисодӣ, иҷтимоиро дошта бошад, пас он, ҳамзамон, рушди иқтисодӣ ва сатҳи баланди некӯаҳволии халқро дар назар дорад»[109].

Амнияти иқтисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд. Ҷузъҳои муҳимми амнияти иқтисодӣ дар баробари ҷузъҳои энергетикӣ, ҳарбӣ-иқтисодӣ, технологӣ, озуқаворӣ, демографӣ, амнияти ашёи хом, захиравӣ ва молиявӣ мебошанд.

Амнияти захираҳои табиӣ, аз ҷумла металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо яке аз осебпазиртарин самтҳои амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро аксари кишварҳои ҷаҳон натавонистаанд рушди иқтисодиро аз ҳисоби захираҳои худ таъмин кунанд. Бояд қайд кард, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо маъданҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ мебошанд, ки ба таркиби ашёи хом ва захираи кишвар дохил мешаванд. Аз ҷиҳати гуногунии канданиҳои фоиданок ва миқдори конҳои Тоҷикистон ба кишварҳое дохил мешавад, ки дар ҷаҳон аз ҳама бештар сарватҳои зеризаминӣ доранд. Сарфи назар аз он ки, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо як манбаи муҳимми стратегӣ барои ҳар як давлат ва инчунин барои Тоҷикистон, кафили истиқлолият ва қудрати он мебошанд, истихроҷи пурраи саноатии онҳо дар кишвар ҳанӯз оғоз нашудааст. Ба назари мо, ин аз он сабаб аст, ки рушди саноати маъдан ва истихроҷи маъдан маблағгузории бузурги асосиро тақозо мекунад ва ба ин ҷо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ мувофиқ аст. Ин равиш ба таъмини амнияти ашёи хом ва захираҳои Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард, ки ин на танҳо аз мавҷудияти захираҳои

[109] Ятимов С.С. Политической идеологии. – Душанбе, 2014.– С. 24.

бузурги ашёи хоми маъданӣ, балки истифодаи самараноки онҳо низ иборат аст.

Эътимоднокии амнияти ашёи хом ва захираҳои Тоҷикистон бе коркарди комплексии маъданҳо имконнопазир аст, аз ҷумла; истифодаи самараноки захираҳои рекриатсионӣ; гузаронидани корҳои геологоразветкавӣ ва истихроҷи саноатии тилло ва дигар металу сангҳои қиматбаҳо; андешидани тадбирҳои комплексӣ оид ба ҳифзи захираҳо ва табиат, барқароркунӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки эътимоднокии амнияти захиравӣ ва ашёи хом ва захираҳо вобаста ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз инҳо иборат аст:

1) мавҷудияти заминаи ашёи хом ва захираҳо;

2) истифодаи оқилонаи захираҳои зикршуда;

3) захираҳои кофтуковшудаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо;

4) гузаронидани кофтукови геологӣ ва истихроҷи саноатии металҳо ё сангҳои қиматбаҳо;

5) ҷалби сармоягузориҳо бо мақсади рушди саноати маъдан ва истихроҷ.

Ҷузъи муҳими амнияти иқтисодӣ – ин амнияти молиявӣ мебошад, ки он ҳамчун ҷузъи мустақили амнияти иқтисодӣ ҳамчун механизми азнавтақсимкунии сармоя баромад намуда, вазъи умумии иқтисодиёт аз фаъолияти самараноки он вобаста аст.

Барои тавсифи сатҳи амнияти молиявӣ нишондиҳандаҳои махсус истифода мешаванд, яъне касри буҷети давлатӣ, қурби пули миллӣ, қарзи дохилию берунӣ, ҳаҷми захираҳои тиллою асъор ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки тамоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ то андозае аз ҳамдигар вобастаанд ва бинобар ин вазъи номусоиди яке аз онҳо ба дигараш таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, нишондиҳандаҳо ба ғайр аз қурби пули миллӣ дорои арзишҳои ҳаддианд, яъне арзишҳои маҳдудӣ, ки риоя нашудани онҳо боиси тамоюли манфӣ (ба вуҷуд омадани таҳдидҳо) дар соҳаи амнияти молиявӣ мегардад, аз ҷумла, ба таҳдиди ба вуҷуд омадани равандҳои

харобиовар ва таназзули бебозгашти иқтисодиёти кишвар. Амнияти низоми иқтисодӣ дар маҷмуъ ва алалхусус низоми молиявӣ ба истилоҳоти «рушд» ва «субот» алоқаи бевосита дорад.

Чунин нишондиҳанда ба монанди ҳаҷми захираҳои тилло ва асъори устувории низоми молиявӣ ва мутаносибан дар маҷмуъ иқтисодиётро тавсиф мекунад. Мафҳуми захираҳои тилло ва асъор ҳам дар қонун ва ҳам дар иқтисодиёт падидаи бисёрҷанба аст. Тавсифи захираҳои тилло давлат дар м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» Захираи тиллои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз сабикаи тиллои холиси моликияти давлатӣ иборат буда, ҷузъи захираи тиллою асъори Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, барои амалӣ сохтани сиёсати молиявии давлат ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти фаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодда таъин гардидааст[110]. Онҳо захираҳои ҶТ мебошанд, ки дар тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, аз ҷумла дороиҳое, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун байналмилалӣ эътироф шудаанд ва барои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ истифода мегарданд.

Захираи тиллою асъорӣ маҳз механизми таъмини амнияти иқтисодии давлат, яъне фондҳои мутамаркази фондҳои давлатӣ ҳисоб мешаванд, ки аз инҳо иборат мебошанд: 1) Фонди давлатии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) захираҳои давлатии металҳои қиматбаҳои гуруҳи пулӣ ва сангҳои қиматбаҳо; 3) захираи тиллою асъори Бонки миллии Тоҷикистон, ки асоси он захираи расмии асъори ин бонк мебошад. Фонди давлатӣ барои таъмини эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст.

Тавре қайд намудем, яке аз ҷузъҳои захираҳои тиллою асъор захираи тилло мебошад, ки ҷамъоварии он воситаи сиёсати молиявии давлат мебошад, ки имкон медиҳад ҳолати амнияти фаъолияти иқтисодиёт таъмин

---

[110] М. 9, б. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

карда шавад. Принсипи корӣ ин воситаест, ки дар чунин ҳолатҳо зоҳир мегардад: таъмин намудани давлат бо воситаҳои байналхалқии пардохт, то ки он ё сохторҳои алоҳидаи он ва агентҳои иқтисодии ғайридавлатӣ ухдадориҳои берунии худро сари вакт пардохт намояд.

Ин ба истилоҳ таъиноти трансаксионии муомилотии захираҳои тиллою асъорӣ мебошад, ки ба хизматрасонӣ ба робитаҳои иқтисодиёти миллиро бо ҷаҳон нигаронида шудааст. Бо ин мақсад онҳо, аввалан, ҳамчун захираи фондҳои пардохтшаванда хизмат мекунанд, ки қобилияти пардохтпазирии давлатро дар бозори ҷаҳони таъмин менамоянд; дувум, дар таъмини имкони дахолати давлат ба бозори асъор ва бозори пул бо мақсади дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани талаботу пешниҳод ва қурби пули миллӣ зоҳир мегардад. Ин мақсади ба истилоҳ «интервенсионалӣ»-и захираҳо мебошад, ки ба нигоҳ доштани арзиши берунӣ ва дохилии пули миллӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд гуфт, ки сарфи назар аз демонетизатсияи расмии тилло, он ҳамчунон ҷузъи захираҳои тиллою асъории ҳам бонкҳои марказӣ ва ҳам дигар фондҳои давлатӣ ва ҷамъшавии захираҳои тиллою асъор боқӣ мемонад, ки ба устувории иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад ва ҳар гуна таъсиррасонии амалҳои манфии дохилӣ ва берунӣ пешгирӣ менамояд. Тилло воқеан «манбаи молиявии аз ҳама ҷиҳат дар амалисозии амалиёти тиҷорати хориҷӣ, ҳифзи боэътимод дар шароити шадид ва бӯҳронҳои иқтисодӣ мебошад»[111].

М.В. Арзамастсев хавфи баланди иҷтимоии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро, инчунин бо он асоснок менамояд, ки он имкон намедиҳад захираҳои тиллою асъор зиёд карда шавад; захираи тиллои кишвар ба сиёсати муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад ва рушди муътадили соҳаҳои хоҷагии халкро таъмин намоянд[112].

---

[111] Абрамов А.В. Государственное регулирование производства и обращения драгоценных металлов: автореф. дис. ... канд. эконом. наук. – М., 2000. – С. 15.

[112] Ниг.: Арзамасцев М.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней (ст. 191 УК): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 3.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ риояи қоидаҳои муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба мавҷудияти муносибатҳои муътадили иқтисодӣ, ки дар навбати аввал аз ҷамъшавии захираҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои давлатӣ иборат мебошанд, зарар мерасонанд, ки аввалан, барои таъмини устувории фаъолияти иқтисодиёт зарур мебошанд, дуюм, барои муайян кардан ва нигоҳ доштани дараҷаи аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки истихроҷи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо; сеюм, дар истифодаи оқилонаи металу сангҳои қиматбаҳо дар саноат, инчунин таъмин намудани ҳар чи бештари ҳосил намудани ин сарватҳо аз такрористеҳсоли шикастапораҳо ва маводҳои такрорӣ.

Вайрон намудани қоидаҳои ба давлат супоридани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо хавфи ҷамъиятиро ба миён меорад ва дар расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятие зоҳир мегардад, ки муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо; ташаккул додани захираи давлатии тиллои кишвар ва Фонди давлатӣ; таъмини кори дурусти низоми назорати давлатии сифати металҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ба ҳисоб гирифтан ва самаранок истифода бурдани онҳо зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, вайрон намудани қоидаҳои қонунии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо манфиатҳои давлат, шаҳрвандон ва хавфи зарари харидорони металҳо ва сангҳои қиматбаҳоро пайдо намуда, ба низоми муқарраршудаи назорати давлатии сифати металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои истеҳсолшуда, инчунин ба муомилот ва баҳисобгирии ин арзишҳо зарар мерасонад. Метали қиматбаҳое, ки дар корхона аз марҳилаи тозакунӣ нагузаштааст, метавонад ба талаботи стандартҳои давлатӣ ҷавобгӯ набошад ва пастсифат бошад, яъне дар таркибаш ифлосиҳои зараровар ё миқдори камтари метали софи қиматбаҳо нисбат ба талаботи муқарраргардида дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи чунин металҳои гаронбаҳо метавонад ба сифати маҳсулоти аз он истеҳсолшуда таъсири манфӣ расонад ва мутаносибан ҳам ба истеҳсолкунандагон ва ҳам харидорони ин гуна маҳсулот зарар расонад.

Илова бар ин, метавонад ба ҳар як шахс ё ташкилоте, ки коркарди металҳои қиматбаҳоро ҳамчун арзиши заминавӣ истифода мебарад, инчунин ба бонкҳо зарар расонад.

Хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳои марбут ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷиноятҳо ногузир боиси пайдоиши рушди «бозори сиёҳ» мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли металҳои қиматбаҳо аз шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот масъалаи муҳим аст, зеро он ба нигоҳ доштани ҳаҷми умумии истеҳсолоти чунин сарватҳо дар давлат барои наслҳои оянда имкон медиҳад. Вайрон намудани қоидаҳои қонунии гардиши металҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба манфиатҳои давлат дар масъалаи ташаккули захираи давлатии тиллоӣ ва Фонди захиравии давлатӣ зарар мерасонанд.

Иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба фурӯши маснуоти заргарӣ ба тараққиёти соҳаҳои саноат ҳам ба ҷамъ гардидани захираҳои тиллою асъории кишвар ва ҳам ба имконоти гузаронидани таҳқиқоти муҳимми истеҳсолӣ, илмӣ ва дигар, инчунин ба инкишофи муътадили сектори бонкии иқтисодиёт халал мерасонад.

Бо назардошти паҳншавии нисбии ҳуқуқвайронкунӣ, бояд қайд намуд, ки пешбинӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар сурати ба назар гирифтани шаклҳои хос ва ба таври кофӣ паҳншудаи рафтори зиддиҷамъиятӣ асоснок мегардад. Дар давоми солҳои 2010–2021 дар миқёси ҷумҳурӣ 273 ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ба қайд гирифта шудааст. Аммо, ҳангоми таҳлили маълумоти гуногуни оморӣ, масалан, Кумитаи давлатии омор нишондодҳои вазъи воқеии корҳоро дар соҳаи муомилоти арзишҳои зикршуда инъикос намекунанд ва аз дараҷаи баланди латентии ин ҷиноятҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ин сарватҳо дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти кишвар зарур мебошад. Аз ин рӯ, дуруст ба назар мерасад, ки

муносибатҳои иҷтимоӣ набояд дар доираи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул ёбанд, балки баръакс, меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд муносибатҳоеро самаранок ҳифз намояд, ки дар соҳаи муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар ҳар марҳилаи истихроҷ ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки ҳам ба қонунгузории ҷории соҳавӣ ва ҳам ба диспозитсияи моддаҳои баррасишаванда ислоҳоти муайян ворид карда шавад.

Аз хавфи баланди ҷиноятҳои баррасишаванда зарурати таъсир расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо чораҳои қонунии ҷиноятӣ мебошад, яъне «ҷиноят донистани кирдор дар сурате мувофиқ аст, ки агар меъёре мавҷуд набошад ва ё меъёрҳои мавҷуда наметавонад бошад, ки муносибатҳои дахлдорро бо истифода аз усулҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба таври муассир танзим кунад» гувоҳӣ медиҳад. Қонуни ҷиноятӣ воситаи муҳим, вале ягона воситаи мубориза бо ҷиноятқорӣ нест. Барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ, ба монанди вайрон кардани қоидаҳои истифодаи интиқоли металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин ҷавобгарии граждани, маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо чораи охирин дар самти муқовимат ба нақзи қонун дар соҳаи муомилоти ин арзишҳо мебошад.

Таърихи истихроҷ ва истифодаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби инсон бевосита бо таърихи рушди тамаддун алоқаманд аст. Дар ҳама давру замон заргарӣ рамзи сарват ва бузургӣ буд. Дар аввал ба онҳо сифатҳои эстетикӣ ва таъсири эмотсионалӣ баҳои баланд медоданд, баъд нақши пулҳои ҷаҳониро бозӣ кардан гирифтанд. Дар шароити муосир металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо яке аз ҷузъҳои захираи тиллою асъори ҳар як давлат буда, бинобар хосиятҳои физикию химиявии худ дар саноат беш аз беш истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳифз мекарданд, дар ҳама Кодексҳои ҷиноятии қаблӣ вуҷуд доштанд. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории ҷиноятии Шуравӣ барои чунин

кирдорҳои ҷиноятӣ ҳатто ҷазои қатл пешбинӣ карда шуда буд, ки он аз аҳаммиятнокии танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, хавфи баланди ҷамъиятии кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки бо вайрон кардани тартиби муқарраршудаи муомилот алокаманданд, гувоҳӣ медод.

Аз ҳамин зербоби дуюми боби аввали таҳқиқоти худ натиҷагирӣ карда, метавон якчанд муқарраротро ҷудо намуда, ба таври мухтасар ифода кард:

1. Ба эътибори қонуни даромадани Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» боиси бекор гардидани як қатор мамнуъиятҳо дар муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо гардид. Сарфи назар аз декриминализатсияи назарраси як қатор амалҳо бо муомилоти ғайриқонунӣ бо онҳо, тасаввурот оид ба доираи криминализатсияи ин амалҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ тағйир наёфтааст.

2. Хавфи ҷамъиятии аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки бо вайрон кардани қоидаҳои дар м. 284 КҶ ҶТ муқарраргардида анҷом дода шудааст, шубҳанок аст, бинобар ин, дар м. 284 КҶ ҶТ бидуни нишон додани хусусият ва намуди онҳо, дар навбати худ боиси криминализатсияи аз ҳад зиёд мегардад. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки қонунгузор ҳадди ақал дар шакли умумӣ бояд аниқ кунад, ки бар хилофи кадом қоидаҳо содир намудани чунин аҳдҳо ҷиноят мебошанд.

3. Вобаста ба дараҷаи категорияи «барои ҷамъият хавфнок», инро бояд қайд намуд, ки хусусияти миқдории кирдори ҷиноятӣ бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: ба оқибатҳои вазнинии расонидашуда, усули содир кардани кирдори ҷиноятӣ, намуди ҷиноят ва ғайра. Хусусияти мафҳуми «ба ҷамъият хавфнок» ҳамчун категорияи сифатӣ, пеш аз ҳама, аз ҷониби ин ё он гуруҳи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки кирдори ҷиноятӣ ба он халал мерасонад, муайян карда мешавад. «Барои ҷамъият хавфнок» ченакҳои асосии зиёд дорад, ки моҳияти онро муайян мекунанд. Яке аз чунин ченакҳо зараре мебошад, ки расонида шудааст ё метавонад аз ҷониби субъекти ҷиноят расонида шавад.

4. Қонунгузор барои ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои баррасишаванда дар КҶ ҶТ, бешубҳа, тамоми омилҳои хавнокии ҷамъиятии зарурӣ ва кофии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва криминологиро барои асосноккунии меъёри қонуни ҷиноятии зикршударо ба инобат гирифтааст. Аммо тавре таҳлилҳо нишон медиҳад, моддаи мазкур ба такмили минбаъда ниёз дорад.

5. Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ва вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо хавфи баланди ҷамъиятӣ дошта он дар расонидани зарар: ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки гардиши қонунии метали қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро таъмин менамояд, ифода меёбад; ба ташкил намудани захираи давлатии тиллоии кишвар ва таъмини кори дурусти системаи назорати давлатӣ ба сифати сарватҳо, баҳисобгирӣ ва истифодаи самараноки онҳо ифода меёбад.

1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Таҷрибаи танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар давлатҳои хориҷӣ, метавонад дар раванди такмил додани қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузории ҶТ ба назар гирифта шавад. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, сабаби дигари зарур будани омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷӣ аз он иборат аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ, дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ташаккул ёфта истодааст[113]. Бинобар ин, таносубан ҳангоми такмил додани танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятии ҷавобгарӣ барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид бояд, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои

[113] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 49.

хорӣҷӣ, пеш аз ҳама, қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ ба назар гирифта шавад.

Чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ки дар меъёрҳои дахлдори қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ муқаррар шудаанд, диққатҷалбкунанда мебошанд. Зеро қонунгузории ҷиноятии ҶТ-ро бо қонунгузориҳои давлатҳои мазкур муносибати бо ҳам наздики техникаи қонунгузорӣ, умумиятҳои таърихӣ дар ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ муттаҳид месозад. Қонунгузории аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ аз бисёр ҷиҳат бо қонунгузории ҷиноятии ҶТ монанд мебошанд. Чунки истиқрор ва нумӯи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ аз Кодекси ҷиноятии Моделии давлатҳо – аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки бо қарори Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳо – аъзои ИДМ аз 17–уми феврали соли 1996 қабул гардидааст, маншаъ мегирад[114].

Дар Кодекси модели барои давлатҳои аъзои ИДМ дар моддаҳои алоҳида муқаррар сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ пешбинӣ мешуд. Дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ»-и фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» бо эътироф кардани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳамчун «сарватҳои асъорӣ» дар ин кодекс барои «Аҳдҳо бо арзишҳои асъорӣ дар намуди металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ки ба андозаи назаррас бо вайрон намудани қонунгузорӣ дар бораи батанзимдарории асъорӣ содир шудаанд», муқаррар сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мешуд. Ба таври мушаххас онҳо дар м. 276 КҶ ҶТ таҳти унвони «Аҳдҳои ғайриқонунӣ бо сарватҳои асъорӣ» ва м. 277 КҶ ҶТ «Вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани

[114] Ниг.: Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ / Принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург. – 17.02.1996.

металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» мустаҳкам карда шудаанд.

Дар м. 276 КҶ Кодекси моделӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ, ба ҳайси нишонаҳои тарафҳои объективии таркиби муайяншуда ва содир кардани кирдори мазкур дар миқдори назаррасро пешбинӣ мекард, аммо дар м. 284 КҶ ҶТ ин ҷиҳат пешбинӣ карда нашудааст, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба м. 284 КҶ ҶТ новобаста аз арзиши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба вуҷуд меояд.

Қонунгузории ҷиноятии аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ дар аввал ҳангоми ҳифзи муносибатҳо дар соҳаи муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо меъёрҳоеро пешбинӣ менамуданд, ки аз Кодекси модели барои давлатҳои аъзои ИДМ сарчашма мегирифт. Вале солҳои охир баъзе аз ин давлатҳои кодекси ҷиноятии нав қабул намуданд, ба монандӣ, Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон дар давлатҳои дигар бошад, ба меъёрҳои муайянкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тағйироти назаррас ворид карда шуданд, ки аз меъёрҳои дахлдори дар Кодекси моделӣ барои давлатҳои узви ИДМ муқарраршуда (м.276) ба куллӣ фарқ менамоянд.

Бинобар ин, қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ-ро дар ин самт мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар КҶ Федератсияи Россия[115], ҳифзи муомилот бо металҳои қиматабаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ду меъёр – м.м 191 ва 192, ки дар фасли ҳаштуми «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ», боби 22 «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир шудаанд, пешбинӣ гардидааст. Аз 8-уми январи соли 2020 ба м.191 КҶ ФР, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии янтар, нефрит ё дигар сангҳои нимқиматбаҳо, металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё марворид пешбинӣ месозад, тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуданд. Қонунгузории ФР сохт ва мазмуни

[115] Моддаҳои 191 ва 192 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия аз 13-уми июни с. 1996, таҳти №63-ФЗ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 13.10.2021).

м.191 КҶ ФР-ро ба таври назаррас тағйир дод. Баъд аз тағйироти воридшуда, м.191 КҶ ФР, ки чун м. 284 КҶ ҶТ аз ду қисм иборат буд, ба панҷ қисм ҷудо карда шуда, ба модда эзоҳ илова карда шуд. Агар матни куҳнаи м.191 КҶ ФР таркиби асосии ҷинояти мазкурро дар қисми 1 ва таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунандаи онро дар қ. 2 мустаҳакам менамуд, пас, матни нави м.191 КҶ ФР дар доираи як модда се таркиби мустақили ҷиноятро пешбинӣ менамояд.

Қисмҳои 1 ва 2 таҳрири пештараи м.191 КҶ ФР бе ягон тағйироти ҷиддӣ ба қисмҳои 3 ва 4 матни нави м.191 КҶ ФР гузаронида шуданд. Аз ибораи «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» калимаи «табиӣ» хориҷ карда шуд. Ин бо он асоснок мешавад, ки мутобиқи қонунгузории ФР зери мафҳуми «сангҳои қиматбаҳо» танҳо сангҳои табиӣ фаҳмида мешаванд[116].

Қонунгузории ФР предмети ҷинояти дар м.191 КҶ ФР пешбинишударо аз ҳисоби ба он дохил намудани янтар, нефрит ва дигар сангҳои нимқиматбаҳо (қ.қ.1–3 м.191 КҶ ФР) васеъ намуд. Дар баробари ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо янтар, нефрит ва дигар сангҳои нимқиматбаҳо дар се сатҳ фарқгузорӣ карда шудаанд. Дар қ. 1 м.191 КҶ ФР ҷавобгарӣ барои бастани аҳдҳо марбут бо дидаву дониста худсарона ба даст овардани янтар, нефрит ё дигар сангҳои нимқиматбаҳо, инчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан ё интиқол додан дар ҳар намуду ҳолат, ба истиснои маснуоти заргарӣ ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот, аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои чунин кирдорҳои монанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, муқаррар мегардад. Яъне, таркиби ҷинояти дар қ. 1 м.191 КҶ ФР муайяншуда таркиб бо преюдисияи маъмурӣ мебошад.

Муайян намудани преюдисияи маъмурӣ барои таркиби асосии муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ё марворид бо он асоснок мегардад, ки муқаррар сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои миқдори ками

[116] Ниг.: Энциклопедия уголовного права. – Спб., 2012. – Т.19; Жалинский, А.Э. Преступления в сфере экономической деятельности / Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. Ю.И Скуратова и В. Лебедева. – М.: НОРМА, 2000. – С. 933.

муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои таббӣ таъқибнамоии изофагӣ ба ҳисоб меравад[117].

Дар қ. 2 м. 191 КҶ ФР ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳдҳо марбут бо дидаву дониста худсарона истихроҷ намудани янтар, нефрит ё дигар сангҳои нимқиматбаҳо, инчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан ё интиқол додан дар ҳар намуду ҳолат, ба истиснои маснуоти заргарӣ ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот, ки ба миқдори калон содир шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур дар қ. 3 м. 191 КҶ ФР содир намудани кирдорҳои дар қ. 2 м. 191 КҶ ФР пешбинишуда аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ муқаррар шудааст.

Муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо янтар, нефрит ва дигар сангҳои нимқиматбаҳо бо он асоснок мешавад, ки кирдорҳои мазкур ба тартиби муқарраршудаи муомилоти бо ин предметҳо таҷовуз менамоянд. Истихроҷи канданиҳои фоиданок, мутобиқи қонун, бояд танҳо дар асоси иҷозатнома анҷом дода шавад. Иҷозатнома мумкин аст, ба субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дода шавад. Шахси худсарона истихроҷкунандаи янтар, нефрит ва дигар сангҳои нимқиматбаҳо молики предметҳои мазкур буда наметавонад. Бинобар ин, беиҷозат истихроҷ намудан ва минбаъд соҳибӣ намудани канданиҳои фоиданок ғайриқонунӣ мебошад, яъне шахс ба молу мулке ихтиёрдорӣ мекунад, ки ба ӯ мутобиқи қонун тааллуқ надорад[118].

Тарафи объективии ҷинояти дар қ. 4 м. 191 КҶ ФР муайяншуда аз ҷинояти дар қ. 2 м. 191 КҶ ФР омада фарқ менамояд. Агар дар қ. 2 м. 191 КҶ ФР ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳдҳо марбут бо дидаву дониста худсарона ба даст овардани маъданҳо муқаррар шуда бошад, пас дар қ. 4 м. 191 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо,

---

[117] Ниг.: Симоненко И.В. Вопросы совершенствования уголовной ответственности по статье 191 УК РФ / И.В. Симоненко // Российский следователь. – 2011. – №2. – С. 28.

[118] Ниг.: Чернов А.В., Габеев С.В. Незаконный оборот янтаря, нефрита или иных полудрагоценных камней, драгоценных металлов, драгоценных камней либо жемчуга / А.В. Чернов, С.В. Габеев // Актуальные проблемы российского права. – 2021. – Т. 16. – №3 (124). – С. 99.

сангҳои қиматбаҳо ё бо марворид бо вайрон намудани қоидаҳои бо қонунгузории ФР муқарраршуда, инчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан ё интиқол додани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё бо марворид дар ҳар намуд, ҳолати дилхоҳ ба истиснои маснуоти заргарӣ ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот, ки ба миқдори калон содир шудааст, муқаррар шудааст.

Чи тавре маълум мешавад, қонунгузории ҷиноятии ФР дар фарқият аз м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро вобаста ба предмети ҷиноят тафриқабандӣ намудааст. Ба сифати предмети ҷиноят дар қ. 1 ва 2 м.191 КҶ ФР янтар, нефрит ё дигар сангҳои нимқиматбаҳо номбар шудаанд. Дар ҳолати ба сифати предмети ҷиноят баромад намудани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё марворид ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қ.қ. 4, 5 м. 191 КҶ ФР фаро мерасад, ки он ҷазодиҳии нисбатан вазнинтарро пешбинӣ месозад.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои дар бораи аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо дар м. 223 КҶ ҶБ муқаррар шудааст. Ҷинояти мазкур дар фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ», дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ» ҷой дода шудааст[119].

Ҷавобагрии ҷиноятӣ дар м. 223 КҶ Ҷумҳурии Белорус барои вайрон намудани қоидаҳои дар бораи аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳо чунин муайян шудааст: «Аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои муқарраршуда ба андозаи калон содир шудааст». Санксияи модда алтернативӣ буда, ҷазоро дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҳабс ё маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ муайян месозад.

КҶ Ҷумҳурии Белорус дар фарқият аз м. 284 КҶ ҶТ тарафи объективии ин кирдори ҷиноятро аз ҳисоби дохил накардани кирдорҳо, ба монандӣ,

---

[119] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус аз 9-уми июли соли 1999, таҳти №275-З [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=Hk9900275 (санаи муроҷиат: 13.10.2021).

нигоҳ доштан, интиқол додан ё кашонидани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки дар КҶ ҶТ маълуманд, ба таври назаррас маҳдуд карда шудааст. Дар диспозитсияи модда ба сифати предмети ҷиноят танҳо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо номбар шудаанд. Сангҳои нимқиматбаҳо ба мисли м. 284 КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят баромад наменамоянд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳо дар бораи аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳо дар фарқият аз м. 284 КҶ ҶТ танҳо дар ҳолати ба андозаи калон содир шудани он ба вуҷуд меояд. Ба андозаи кам содир намудани чунин кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятиро истисно месозад.

Мутобиқи эзоҳ ба боби 25 КҶ Ҷумҳурии Белорус, андозаи калон андозае ҳисоб мешавад, ки аз андозаи бузургии базавӣ ҳазор маротиба зиёд мебошад, ки ин тақрибан ба 143 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур дар қ. 2 м. 223 КҶ Ҷумҳурии Белорус содир намудани чунин кирдорҳо такроран, ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё ба андозаи махсусан калон пешбинӣ шудааст.

Ба сифати ҳолати вазнинкунанда муқаррар намудани содиршавии ҷинояти мазкур ба андозаи махсусан калон, ки дар қ. 2 м. 223 КҶ Ҷумҳурии Белорус муқаррар шудааст, асоснок ба назар мерасад. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хафнокии ҷинояти мазкур, ки ба миқдори махсусан калон содир мешавад бештар буда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҷудо намудани он ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон аз 28- уми октябри соли 2021[120] ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ муқаррар сохтааст. Ҷинояти мазкур дар фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ», боби «Ҷиноятҳо дар соҳаи пуливу қарзӣ ва асъорӣ» ҷойгир шудааст.

[120] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.04.2022) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz//Document (санаи муроҷиат: 18.01.2022).

Дар м. 236 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: «Бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо роҳи қасдан ё аз беҳтиётӣ вайрон намудани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан ё интиқол додани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҳар намуду ҳолат ба истиснои маснуоти заргарӣ ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот».

Санксияи ҷинояти мазкур назар ба санксияи м. 284 КҶ ҶТ сабуктар буда, ҷазоро танҳо дар намуди ҷарима бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян муқаррар менамояд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи муқаррар сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ мутобиқи КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон аз он иборат мебошад, ки қонунгузор тарафи субъективии ҷинояти мазкурро мушаххасан дар шакли қасд ё аз беэҳтиётӣ нишон додааст. Шакли гуноҳи беэҳтиётӣ мумкин аст, дар вайрон намудани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон ҳангоми бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ифода гардад.

Ғайр аз ин, м. 236 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо аз як қисм иборат буда, дар он қонунгузор ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноятро ҷудо насохтааст. Ба андешаи мо, чунин муносибати қонунгузор ба амалишавии принсипи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хафнокии ҷинояти содиршуда мувофиқат намекунад. Зеро ҳама ҳолатҳои содир намудани ин ҷиноят, масалан, чи ба миқдори калон ва чи ба миқдори махсусан калон як хел аз рӯйи қ. 1 м. 236 КҶ ҷазо дода мешаванд.

КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон кирдорҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф намекунад, аммо мувофиқи м.185, «Вайрон кардани қоидаҳои супоридани металҳо ё сангҳои қиматбаҳо» (Фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ», боби «Ҷиноятҳо алайҳи асосҳои

иқтисодиёт»), кирдорҳо дар шакли вайрон кардани қоидаҳои супурдани ин сарватҳо ба давлат ҷиноят ҳисобида мешавад, яъне танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо дар як модда ифода ёфтааст[121].

Дар м. 255 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон[122], ки «Муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид» номгузорӣ шудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додугирифти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунгузории Туркманистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ интиқол додан ё кашонидани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар ҳар намуду ҳолат, ба истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот пешбинӣ шудааст.

Аз рӯйи сохт моддаи мазкур такрибан ба м. 284 КҶ ҶТ монанд буда, дар он танҳо ғайриқонунӣ нигоҳ доштани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид пешбинӣ нашудааст, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои ғайриқонунӣ интиқол додан ё кашонидани предметҳои зикршуда муқаррар шудааст.

Ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноятӣ мазкур низ бо қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ монанд мебошад. Фарқият танҳо дар он аст, ки ба сифати ҳолати вазинкунандаи ин ҷиноят дар б. «в» қ. 2 м. 255 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон дар қатори содиршудани ин ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил, инчунин, аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудани он низ ба сифати ҳолати вазинкунанда нишон дода шудааст, ки бештар асоснок ба назар мерасад.

Дар КҶ Озарбойҷон[123] низ бевосита муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҷиноят эътироф нашуда, дар он ба

---

[121] Моддаи 185 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (бо Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 22-юми сентябри с. 1994, №2012-XII тасдиқ шуд) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document (санаи мурочиат: 16.10.2021).

[122] Ниг.: Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года, №222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.11.2021 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document (санаи мурочиат: 16.08.2022).

[123] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 27.12.2021) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document (санаи мурочиат: 16.08.2022).

монандӣ КҶ Ӯзбекистон танҳо барои саркашӣ намудан аз фурӯши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба давлат ҷавобгарӣ муқаррар шудааст. Мутобиқи м. 213–2 КҶ Озарбойҷон ба сифати субъекти ин ҷиноят нафароне баромад менамоянд, ки субъектони истихроҷкунанда, истеҳсолкунандаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошанд. Кирдориҳои вобаста ба саркашӣ намудан аз фурӯши металҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба давлат танҳо дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он ба андозаи назаррас содир шуда бошад.

КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, ки 3-юми июли соли 2014 қабул гардидааст, дар аввал ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо муқаррар намесохт. Кирдорҳои марбут ба муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҳанӯз аз 9-уми июли соли 1998[124] аз КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон хориҷ карда шуда буданд ва нисбати он танҳо ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шуда буд. Бинобар ин, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, ки 3-юми июли соли 2014 чунин таркиби ҷиноятро пешбинӣ наменамуд. Вале, ин боиси зиёдшавии содиршавии чунин кирдорҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо гардид[125], ва қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон маҷбур шуд, боз ба криминализатсия намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи муомилоти бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо баргардад. Дар натиҷа, бо Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 2-юми июли соли 2021 «Дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба масъалаҳои пурзӯр намудани мубориза бо рейдерӣ, ҳифзи фаъолияти соҳибкорӣ аз дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ва пурзӯр намудани чораҳои монеъшаванда ба муомилоти

[124] Закон Республики Казахстан от 9 июля 1998 г., №277 «О внесении изменений в некоторые законодательные акты Республики Казахстан по вопросам регулирования отношений, связанных с драгоценными металлами» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z980000277 (санаи мурочиат: 16.08.2022).

[125] Ниг.: Нигматулин Н.: Незаконный оборот драгметаллов станет уголовно наказуемым [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tengrinews.kz/news/nigmatulin-nezakonnyiy-oborot-dragmetallov-stanet-ugolovno-438476/ (санаи мурочиат: 16.08.2022).

ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо» ба КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон м. 295–1[126] илова карда шуд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳобуда муқаррар менамояд.

Дар м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон таркиби ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳобударо чунин муайян менамояд: ғайриқонунӣ истихроҷ намудан, соҳиб шудан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, кашонидани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо. Санксияи модда барои содир намудани чунин кирдорҳо ҷазоҳои зеринро пешбинӣ менамоянд: ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ, маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он.

Чи тавре мебинем, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар фарқият аз м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳаракатҳои алтеративиро ба монандӣ истихроҷ намудан, соҳиб шудан, ба соҳибияти каси дигар доданро бевосита дар таркиби ҷинояти м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ҷудо намудааст. Гарчанде соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳоро мафҳуми «додугирифти металҳои қиматбаҳо ...», ки дар диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ омадааст дар бар мегирад. Вале бевосита барои истихроҷи ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар фарқият аз м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ низ истихроҷи ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба сифати аломати ҷинояти мазкур дохил карда мешуд.

---

[126] Закон Республики Казахстан от 2 июля 2021 года, №62-VII ЗРК «О внесении изменений и дополнений в некоторые законодательные акты Республики Казахстан по вопросам усиления борьбы с рейдерством, защиты предпринимательской деятельности от незаконного вмешательства государственных органов и должностных лиц и усиления мер, препятствующих нелегальному обороту драгоценных металлов» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z2100000062 (санаи муроҷиат: 16.08.2022).

Ғайр аз ин, бо мақсади ҳар чӣ пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар мебуд агар ба санксияи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ чун санксияи м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон[127] омадааст, мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда» (б.26)-ро тақозо менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24-уми апрели соли 2010 чунин таъкид намуданд: «Тавре ки маълум аст, ҷиноятқориро танҳо бо пурзӯр намудани ҷазо барҳам додан ғайримкон мебошад»[128]. Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи ҷомеаи башарӣ истифодаи васеи чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидошта, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар қ. 2 м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии

---

[127] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018. – №1005 / Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 26.10.2021).

[128] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24-уми апрели соли 2010, шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (санаи мурочиат: 26.10.2021).

Қазоқистон ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд: содир намудани чунин кирдорҳо ба андозаи калон ё боиси расонидани зиёни калон шуда бошад.

Содир намудани ҷинояти мазкур аз ҷониби гуруҳи ҷиноятӣ ё ба андозаи махсусан калон ё расонидани зиёни махсусан калон ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 295–1 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон мустаҳакам шудаанд.

Дар қисмҳои алоҳида ҷудо намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо вобаста ба андозаи он (ба андозаи калон ва махсусан калон) аз нуқтаи назари фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок ба назар мерасад. Бинобар ин, дар м. 284 КҶ ҶТ низ дар қатори ба миқдори калон содир намудани содиршавии ҷинояти мазкур ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда пешбинӣ намудани содиршавии он ба миқдори махсусан калон ба мақсад мувофиқ мебошад.

Кодекси ҷиноятии давлатҳои дигар ба монандӣ, Ҷумҳурии Арманистон, Украина кирдорҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро ба сифати ҷиноят эътироф накарда, нисбати онҳо танҳо ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст.

Ҳамин тавр, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро дар самти муқаррар сохтани ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Дар аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ (Федератсияи Руссия, Ҷумҳурҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон) кирдорҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба сифати ҷиноят эътироф шудаанд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон ва Украина чунин кирдорҳо ҷиноят эътироф нашуда, барои онҳо танҳо ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар мешавад.

2. Ба сифати предмети ҷинояти мазкур асосан дар қонуни ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо баромад менамоянд. Дар баробари ин, дар КҶ ФР ва КҶ Ҷумҳурии Туркманистон чун

КҶ ҶТ ба марворид ҳамчун предмети ҷиноят ба таври алоҳида ишора мешавад.

Қонунгузории ҷиноятии ФР дар фарқият аз м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро вобаста ба предмети ҷиноят фарқгузорӣ намудааст. Ба сифати предмети ҷиноят дар қ. 1 ва 2 м. 191 КҶ ФР янтар, нефрит ё дигар сангҳои нимқиматбаҳо номбар шудаанд. Дар ҳолати ба сифати предмети ҷиноят баромад намудани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё марворид ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қ.қ. 4, 5 м.191 КҶ ФР фаро мерасад, ки он ҷазодиҳии нисбатан вазнинтарро пешбинӣ месозад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар қатори металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба сифати предмети ҷиноят ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо номбар мешавад.

3. Дар КҶ баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо танҳо ҳангоми ба миқдори калон содир шудани он ба вуҷуд меояд (КҶ ФР, Ҷумҳурии Белорус).

4. Дар КҶ ФР ҷавобгарии ҷиноятӣ на фақат барои доду гирифт, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо муқаррар шудааст, ки асоснок ба назар мерасад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар м. 284 КҶ ҶТ ғайриқонунӣ истихроҷ намудани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ҳамчун аломати тарафи объективии ҷинояти мазкур илова карда шавад.

5. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ, ба ғайр аз ҳолатҳои дар қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ муқарраршуда, ҳолатҳои зерин пешбинӣ шудаанд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон (КҶ Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон), аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (КҶ ФР, Ҷумҳурии Туркманистон), ки аз нуқтаи назари

фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок ба назар расида, мумкин аст, барои такмил додани м. 284 КҶ ҶТ истифода шаванд.

6. Санксияи моддаҳои дахлдори КҶ аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо доираи васеи ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набударо пешбинӣ месозанд. Бинобар ин, мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар радифи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санксияи м. 284 КҶ ҶТ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда таҷдиди назар карда шавад.

БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲОИ ТАБИӢ ВА МУШКИЛОТИ БАНДУБАСТИ ОНҲО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Аломатҳои объективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид

Барои пурра муайян намудани моҳияти дилхоҳ ҷиноят бояд таҳлилро аз обекти он оғоз намуд. Объекти ҷиноят – ин муносибатҳои муҳимми ҷамъиятие мебошад, ки аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор гирифтаанд[129]. Агар ба таърихи гузашта назар афканем, аксари намояндагони илми ҳуқуқшиносии пешазинқилобӣ ба объекти ҷиноят (А.А. Пионтовский)[130] диққати махсус додаанд ва аксар вақт онҳо оид ба масъалаи баррасишуда мулоҳизаҳои гуногун ва андешаҳои мухталиф доштанд (Н.Д. Дурманов)[131]. Ва ин, бо назардошти мураккабии (мушкилии) масъалаи мавриди баррасӣ қарордошта, на танҳо нисбат ба масъалаҳои дорои хусусияти назариявӣ ва методологӣ[132], балки аксар вақт ба ҷузъиёт ва қисматҳои алоҳида парешонӣ эҷод мекунад[133].

Ақидаи аз ҳама маъмул ва амалан бебаҳс ҳамон аст, ки объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад[134].

Дар мавриди объекти ҷиноятӣ нисбати металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз «таснифоти нисбатан маъмули объектҳои» кирдори ҷиноятӣ бартарӣ нишон медиҳад, ки мувофиқи он объектҳои кирдори ҷиноятӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд: «умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита». Объекти умумӣ, дар

---

[129] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 6.
[130] Ниг.: Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР. Общая часть. – М., 1924. – С. 129–130.
[131] Ниг.: Дурманов Н.Д. Понятия преступления. – М., 1948. – С. 84.
[132] Ниг.: Наумов А. В. Уголовное право. Общая часть: Курс лекций. – М., 1996. – С. 147.
[133] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник / Отв ред. И.Я. Козаченко и З.А. Незнамова. – М., 1997. – С. 135.
[134] Ниг.: Бобоҷонов И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия): Васоити таълимию амалӣ. Дар се қисм. Қисми 2. – Душанбе: «Ямини Содиқ», 2014. – С. 7.

муносибат бо кирдори ҷиноятӣ, ки дар м.м. 284, 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст – ин тамоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд[135]. Ба назари мо чунин менамояд, ки таърифи объекти умумӣ қисми «осонтарини» ин маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд. Масъалаи мафҳум ва фаҳмиши сатҳҳои дигари объекти таҳқиқшаванда хеле мураккаб мебошанд. Масалан, дар фаҳмиши объекти хелӣ (гуруҳии) дар адабиёти махсуси илмӣ муносибатҳо хеле гуногун мебошанд. Аз ҷумла, дар КҶ ҶТ соли 1998, м. 284 КҶ ҶТ, объекти хелӣ дорои хусусияти муайян мебошад. Ин ҷиҳати масъаларо профессор Е.В.Волженкин амиқан омӯхтааст ва ҳамчунон мавзуи рисолаи доктории В.И. Тюнин дар ин самт мавҷуд мебошад[136].

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки объекти хелӣ ба мавзуи таҳқиқоти мо мувофиқтар мебошад, ки ба ақидаи А.И. Сафаров, «гуруҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти муътадили иқтисодиётро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолӣ, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ фаҳмида мешавад» ҳамчун объекти хелӣ баромад мекунанд[137].

Ба назари мо, ақидаи олимони дигарро дар ин ҷо зикр кардан бамаврид аст, ки «дар бораи мавҷудияти категорияи алоҳидаи бандубасти объектҳо» менависанд. Яке аз онҳо профессор В.И. Динека мебошад. Номбурда чунин қайд мекунад, ки «ба ғайр аз унсурҳои дар боло зикршуда» дар низоми объектҳо инчунин унсури «ҳамгиро», яъне як объекти фарогуруҳӣ мавҷуд аст, ки онро чунин муайян мекунад: ин «гуруҳи муносибатҳои наздики иҷтимоӣ мебошад, ки дар асоси онҳо кирдорҳои ҷиноятӣ ба бахшҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ муттаҳид карда мешаванд», дар ҳоле, ки объекти хелӣ «дар Қисми махсуси КҶ вобаста ба бобҳо муайян карда шудааст». Ин мавқеъро Л.Д. Гаухман низ ҷонибдорӣ мекунад, ки шаклҳои монандӣ объекти

---

[135] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода.– Душанбе: «Эр- граф», 2019. – С. 126.

[136] Ниг.: Тюнин В.И. Уголовно-правовая охрана отношений в сфере экономической деятельности: автореф. дис ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 21–22.

137 Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. –Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 9–10.

намудиро (умумӣ, хелӣ) номбар менамояд[138]. Вобаста ба ин олимони ватанӣ объекти хелӣ барои созмон додани Қисми махсуси КҶ ҶТ аҳаммияти калон дорад. Асоси ба фаслҳо, баъдан ба бобҳо ҷудо намудани Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро ин намуди объект ташкил медиҳад[139]. Мисол, объекти хелии ҷиноятҳои таҳқиқшавандаи мо дар фасли 11 КҶ ҶТ пешбинишуда, иқтисодиёт мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар як бахш якҷоя кардани кирдорҳои ҷиноятӣ нисбат ба моликият ва кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолиятҳои хусусияти иқтисодидошта набояд ҳамчун кӯшиши «эҷоди як навъ объекти намудӣ» маънидод карда шавад. Кирдорҳои ҷиноятӣ алайҳи моликият «дорои объекти навъии худ, яъне, маҳз моликият мебошанд, ки дар сарлавҳаи боб зикр шудаанд». Ҳамин тавр, тамоми маҷмуи муносибатҳо, ки муҳтавои объекти хелиро ташкил мекунанд, хеле васеъ мебошанд ва барои мушаххас гардонидани муносибатҳое, ки аз тарафи меъёрҳои мавриди таҳқиқи мо ҳифз карда мешаванд, ба ақидаи мо, ба мафҳуми объекти намудӣ рӯй овардан лозим аст.

Агар дар тақсим кардани фасл дар Қисми махсуси КҶ меъёри объекти хелӣ ҳамчун асос гирифта шуда бошад, пас, бобҳо дар асоси объекти намудӣ ташкил карда мешаванд. Бо вуҷуди баъзе ихтилофи назарҳо, инро кори бисёре аз мутахассисон нишон медиҳад (В.И. Динека, Л.Д. Гаухман, В.Е. Мелникова, А.И. Сафарзода). Аз ҷумла, Н.Г. Кадников менависад: « ... бояд дар хотир дошт, ки Қисми махсуси КҶ ба фаслҳо ва бобҳо тақсим шудааст ва ба ҳайси меъёри чунин тақсимбандиҳо объектҳои хелӣ ва намудӣ гирифта шудаанд (объекти хелӣ дар сарлавҳаи фасли Қисми махсуси КҶ нишон дода шудааст ва намудӣ дар сарлавҳаи боб нишон дода мешавад, ки ба ин ё он фасл дохил мешавад...)». Айнан чунин андешаро профессор А.Н. Рарог ҷонибдорӣ намуда, бевосита қайд мекунад, ки «дар асоси тақсим намудани бобҳо объекти намудӣ меистад». Мо ин ақидаро нисбатан қобили қабул мешуморем. Омӯзиши нуқтаҳои назари мавҷуда оид ба муайян намудани

---

[138] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. 4-е изд., перераб. и дополн. – М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2010. – С. 79.

[139] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 78.

объекти намудии кирдорҳои ҷиноятӣ, дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, имконияти дар ин бора хулоса баровардан ро медиҳад, ки олимони соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ якдилона бар ин ақидаанд, ки ба ҳайси он муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баромад мекунанд, ки дар соҳаи фаъолиятҳои хусусияти иқтисодидошта ба вуҷуд меоянд[140].

Б.В. Волженкин м.м. 191, 192, 193 КҶ ФР-ро ба гуруҳи таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ алайҳи тартиботи муқарраршудаи муомилоти сарватҳои асъорӣ муттаҳид намуда, онҳоро кирдорҳои ҷиноятии асъорӣ меномад[141]. Мавқеи М.Б. Арзамастсев[142], Г.Л. Новоселов ва Т.Ю. Погосян дар ин маврид монанд аст, ки ҷиноятҳои иқтисодиро дар асоси усули содироти онҳо бандубаст намуда, ба мафҳуми «тартиби муомилоти сарватҳои асъорӣ» такя намуда, ба хулосаи муттаҳид намудани м.м. 191, 192, 193 КҶ ФР дар як гуруҳи умумии талаботи меъёрӣ омадаанд[143]. Вобаста ба КҶ ҶТ чунин гуруҳбандӣ дар як гуруҳи (блоки талаботи меъёрии) м.м. 284, 285 ва 286 КҶ ҶТ муттаҳид карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ин нуктаи назари олимон ҳам ҷанбаи муайян кардани объект ва ҳам дар ҷанбаи ташкили бандубасти ҷиноятҳо, ки дар м.м. 284, 285, 286 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дар муносибат бо воқеияти ҳуқуқии мавҷуда ба якдигар комилан мувофиқ нестанд. Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба гуруҳи махсуси сарватҳо ҷудо намуданд, ки онҳо дар ҷиноятҳои бо м.м. 284–285 КҶ ҶТ пешбинигардида предмети таҷовузро ташкил дода, аллакай шакли асъорӣ надоранд ва ба категорияи навъи махсуси моли серхаридор ва гаронарзиш, ки яке аз ҷузъҳои захираи стратегии тиллою асъори давлат ба шумор мераванд, гузаштаанд[144]. Тибқи

---

[140] Ниг.: Уголовное право России. Особенная часть: Учебник. – М., 1996. – С. 134, 135; Курс уголовного права. Особенная часть: учебник. Т. 4 / Под ред. Г.Н. Борзенкова и В.С. Комисарова. – М, 1997. – С. 246; Уголовное право. Особенная часть: учебник. – М., 1996. – С. 111.

[141] Ниг.: Волженкин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 55-58.

[142] Ниг.: Арзамасцев М.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 63.

[143] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник / Отв. ред. И.Я.Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Погосян. – М.,1998. – С. 267–345.

[144] Ниг.: Аламшозода А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури илмӣ-методӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 42.

ҚҶ ҶТ, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба предмети танзими моддаҳои КҶ ҶТ табдил ёфта, зерсистемаи алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқиеро ташкил медиҳанд, ки ба танзими муносибатҳои асъорӣ мансуб нестанд[145], танҳо м. 286 КҶ ҶТ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ бо асъор мувофиқ мебошад, ки объекти намудии он бо тавсифи дар кори А.Н. Иванова овардашуда, мувофиқат мекунад. Моддаҳои 191, 192 КҶ ФР (талаботи меъёрӣ) ва дар КҶ ҶТ (м.м. 284, 285) танҳо дар асоси нишонаи муштарак будани объекти суқасди ҷиноят, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мебошанд ва дар асоси мавҷудияти онҳо дар низоми муносибатҳои ягонаи иҷтимоӣ ва ягонагии танзими ҳуқуқии онҳо ба гуруҳи мустақил муттаҳид карда шаванд.

Аммо таваҷҷуҳи бештар дар масъалаҳои баррасишаванда муайян намудани объекти бевоситаи металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидҳо мебошад, ки ҳам барои бандубасти кирдори ҷиноятӣ ва ҳам барои ҷудокунии таркибҳои ҳамҳудуд ба ҷуз аҳаммияти назариявӣ, аҳаммияти бузурги амалӣ дорад. Ғайр аз ин, таърифи объекти бевосита барои дақиқтар ифода кардани моҳияти таркибҳои мавриди таҳқиқ ва муайян намудани ҳудуди муносибатҳои иҷтимоии ҳифзшаванда кӯмак мекунад.

Дар адабиётҳое, ки аз тарафи мутахассисони ватанӣ омода гардидаанд, вобаста ба объекти бевоситаи ҷиноятҳои мавриди таҳқиқи мо қарор дошта қариб, ки фикру ақидаҳои ягон вуҷуд дорад.

Масалан, А.А. Аламшозода қайд мекунад, ки объекти бевоситаи ҷинояти мазкур он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи танзими давлатии муомилоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидро ба вуҷуд меоянд, маҳсуб медонанд[146].

Дигар мутахассисон бошанд, объекти ҷиноятҳои номбурдаро муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки

---

[145] Ниг.: Аламшозода А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури илмӣ-методӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 42.
[146] Ниг.: Аламшозода А.А. Асари зикргардида. – С. 73.

фаъолияти муътадили муомилоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидро таъмин мекунад, маҳсуб медонад[147].

Вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ таърифи объекти бевоситаи кирдорҳои ҷиноятӣ, ки мавзуи он сангҳои табиӣ ва металҳои қиматбаҳо мебошанд, ба таври гуногун маънидод карда шудааст. Дар асарҳои мухталиф – «Ҷиноятҳои иқтисодӣ»[148], «Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[149] ва ғайраҳо мафҳуми объекти бевоситаи ҷиноят нишон дода шудааст.

Таснифоти объекти ҷиноят ба умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ин таснифоти амудӣ (вертикалнӣ) маҳсуб ёфта, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тақсимбандии уфуқӣ низ ҷой дорад, ки ба андешаи С.Ҳ. Ҳусейнов ба тариқи уфуқӣ (горизонталӣ) дар сатҳи объекти бевосита объекти ҳатмӣ (асосӣ, иловагӣ) ва факултативиро ҷудо мекунанд[150].

Ин сатҳи объект дар илми муосир низ тафсирҳои гуногун дорад, аммо нисбатан мушаххастар мебошад. Чунон ки Б.Б. Ятселенко, чунин меҳисобад, ки дар натиҷаи содир намудани ин кирдорҳои ғайриқонунӣ вайроншавии муносибатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат ба назар мерасад: Н.А. Лопашенко, ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро чун «кирдорҳое, ки субъекти он барои ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла манфиатҳои давлат, ҷамъият, субъектони хоҷагидорӣ ё шахсони алоҳида равона карда шудаанд» мефаҳмад[151]. Албатта, ин таърифи хеле васеъ аст ва ба он бисёр таркибҳои боби 22 КҶ ФР, мутаносибан ба боби 27 КҶ ҶТ мувофиқат мекунанд ва аз ҳама муҳим, он ба ҳеҷ ваҷҳ имкон намедиҳад, ки муносибатҳои бо м.м. 284, 285 КҶ ҶТ ҳифзшаванда ба таври алоҳида ҷудо карда шаванд.

---

[147] Ниг.: Ҳафиззода Ш.Х. Асосҳои муборизa бар зидди муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо: Дастури амалӣ-методӣ – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 20.
[148] Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. –Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 92–96.
[149] Ҳуқуқ ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 131–133.
[150] Ниг.: Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – С. 51–53.
[151] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 1997. – С. 18.

Аммо таърифҳои нисбатан мушаххас низ ҳастанд. Онҳоро як чиз сарҷамъ месозад, ки бо вуҷуди вариантҳои мухталифи онҳо, муаллифон таърифҳои худ дар бораи «объекти бевоситаро» ба тартиби муқаррарнамудаи қонун барои муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ оварда мерасонанд. Барои мисол, В.Е. Мелникова чунин меҳисобад, ки ин объект муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаҳое ба монанди танзими давлатии иқтисодиёт ва дигар фаъолиятҳо, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба ҳайси предмети онҳо баромад мекунанд, ташаккул меёбанд[152]. Дар сарчашмаҳои дигар, мутахассисон ба «муносибатҳои ҷамъиятию ҳаётие ишора мекунанд, ки ҳуқуқҳои истифода, моликият ва тасарруфи металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворидҳоро дар қаламрави ҶТ ба танзим медароранд»[153], ё ки «муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба иқтисодиёти давлат зарар мерасонад[154] «Муаллифони дигаре низ ҳастанд, ки бевосита муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро, ки қонун дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар кардааст ё тартиби муомилоти аз тарафи қонун муайяншудаи онҳоро нишон медиҳанд[155].

М.Ю. Туранов. чунин мешуморад, ки объекти бевосита ба ҳайси муносибатҳои иҷтимоие баромад мекунад, ки дар танзими тартиби содир намудани муомилот (шартнома, қарордод) бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар, иштирок мекунанд[156]. Ба ақидаи мо, дар муҳтавои ин таъриф нопуррагии назаррасе аён мегардад, зеро муносибатҳои номбаршуда, дар доираи соҳаи аз ҷониби муаллиф зикрнагардида, ҳамчунон тартиби нигоҳдории сарватҳои номбаршуда, интиқол ва кашонидани онҳоро

---

[152] Ниг.: Уголовное право России. Особенная часть: учебник / Отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М.: Юристь, 1996. – С. 221.

[153] Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов. – М.: Инфра-М-Норма, 1998. – С. 323.

[154]Ниг.: Зоир Ҷ.М., Одиназода Н.С. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №141. – С 124–133.

[155] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов.– Душанбе: «Глобус», 2006.-– С. 632.

[208] Ниг.: Туранов М Ю. Незаконный оборот драгоценных металлов, драгоценных камней или жемчуга: лекция. – М.: ЦИиНМОКП МВД РФ, 1999. – С. 15.

низ дар бар мегирад, ки онҳо махсусан дар диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ ифода ёфтаанд.

Мо он мавқеъро ҷонибдорӣ мекунем, ки мутобиқи он ба ҳайси объекти бевосита муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки мазмуни онҳоро қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ташкил мекунанд, ки ҳам тартиби амалӣ гардонидани муомилот бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, марворидҳо ва ҳам тартиби нигоҳдорӣ, интиқол ва инчунин, кашонидани ин сарватҳоро муайян мекунанд.

Бисёр олимон суолеро матраҳ мекунанд, ки чӣ гуна, чаро ва дар кадом асос то ҳол як маҷмуи хеле муҳимми муносибатҳои иҷтимоӣ аз соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ берун мондааст, ки бо таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо алоқаманд мебошанд, зеро ин муносибатҳо, бо муносибатҳои марбут ба муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар якҷоягӣ соҳаи ягона ва ҷудонопазири муносибатҳои танзимшаванда аз ҷониби қонунгузориро ташкил мекунанд. Дар Тоҷикистон ҳам м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ, ҳам Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ин муносибатҳоро пешбинӣ намудаанд[157]. Илова бар ин, бешубҳа, ҳифзи ин муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд ба воситаи муқаррар намудани маҳдудкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятии дахлдор амалан татбиқ карда шаванд, ки аз мазмуни қонуни зайл сарчашма мегиранд: «Шахсоне, ки ба вайронкардани тартиби муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо гунаҳгор ҳисобида шудаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва граждани мутобиқи қонунгузории ҶТ кашида мешаванд». Бо вуҷуди ин, ин муқаррарот то кунун ба назар гирифта нашудааст, ӯ шаҳодат медиҳад, ки дар ин самти танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ холигӣ вуҷуд дорад ва ҳангоми таҳрирҳои минбаъда мукаммал намудани онро тавассути қонунҳои ҶТ талаб мекунад. Аз ин ҷо

[157] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

ҳолати холигии ошкорои миқдори муносибатҳо, ки мавзуи онҳо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мебошанд, бо таъмини табиии миқдори ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии онҳо ба таври ошкоро намудор мегардад. Ва барои ҳамин, зарурати чунин хулосае ба миён меояд, ки сохтори ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонунгузории ҶТ номукаммал аст.

Бори дигар қайд мекунем, ки замони ворид кардани тағйироту иловаҳо ба м. 284 КҶ ҶТ, махсусан дар самти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ фаро расидааст. Азбаски чунин талабот ба ҳадди зарурат расида, дахолат аз ҷониби қонунгузориро ҳам дар ҶТ ва ҳам дар дигар кишварҳои ИДМ талаб мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ низ ба мавҷудияти чунин холигии мазкур дар қонун диққати махсус дода шудааст. Ҳамин тавр, дар кори Г.С. Тумалевич[158] интишори меъёрҳои дахлдори ҷиноятӣ пешниҳод карда шудааст, ки манфиатҳои номбурдаи давлатро аз кирдорҳое, ки ҳуқуқҳои онро поймол мекунанд, ҳангоми аз ҷониби шахсон (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) содир намудани коркарди ғайриқонунии маъданҳо, истихроҷи ғайриқонунии канданиҳои фоиданок, махсусан металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ҳимоят хоҳад кард ва ба ин васила, барои бартараф кардани камбудиҳои дар боло зикршуда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ имконият фароҳам меоварад. Чунин дахолат ба қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мушкилоти мавҷударо танҳо қисман – дар соҳаи истихроҷи металҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҳал мекунад, аммо дар маҷмуъ, ин масъала ба қадри кофӣ ҳалнашуда боқӣ хоҳад монд.

Дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин категория хеле амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудааст. Ба гуфтаи бисёре аз олимон, «ин субстрати моддӣ, объекти олами моддӣ, зинда ё беҷон аст, ки вобаста ба онҳо ҷинояткор бевосита бо

[158] Ниг.: Тумалевич Г.С. Спорные вопросы квалификации незаконных операций с драгоценными металлами и драгоценными камнями. Вопросы теории и практики: дис. ...канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2002. – С. 70.

содир кардани кирдори ҷиноятӣ таъсир марасонад»[159]. Дигарон бошанд, чунин мешуморанд, ки инҳо «шакли моддӣ, шарти мавҷудияти объекти муайяни таҷовуз»[160], «унсури моддии ҷаҳони моддӣ, ки ба он таъсир расонида истода, гунаҳгор ба объекти кирдори ҷиноятӣ таҷовуз мекунад»[161]. Ақидаҳои мазкур бархӯрд ба фаҳмиши предмети кирдори ҷиноятиро ба таври аён нишон медиҳанд ва дар ин бора ихтилофи назар аз ҷониби мутахассисон вуҷуд надоранд.

Ғайр аз ин, хусусияти холигии диспозитсияи м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ комилан аён аст, ки мутаносибан барои пурра фаҳмидани мазмуни мафҳумҳое, ки предмети ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ба қонунгузории махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа рӯй оварданро таҳлил мекунад. Пеш аз ҳама, албатта, бояд Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»[162] ҷудо карда шавад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавсифи мафҳумҳои мавриди назар нисбатан муфассалтар дода шудааст.

Ҳангоми таҳлили муқоисавии матни қонунҳо, пеш аз ҳама (номуносибии, номувофиқии), баръало намоёни байни тарзи баёни предмети кирдори ҷиноятӣ, ки дар КҶ ҶТ нишон дода шудааст ва мазмуни мафҳуми «сангҳои қиматбаҳои табиӣ», ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» нишон дода шудааст, диққатро ба худ ҷалб мекунад, зеро ки марворид тавассути санади меъёрии дахлдор (соҳавӣ) ба рӯйхати сангҳои қиматҳои табиӣ дохил карда мешавад, аммо меъёри КҶ онро ҳамчун предмети алоҳидаи кирдор, берун аз категорияи «сангҳои табиӣ» ҷудо мекунад. Ғайр аз ин, худи ин категория (мафҳум, истилоҳи «сангҳои қиматбаҳо») дар м.м. 284, 285 КҶ ҶТ дар шаклҳои мухталиф инъикос ёфтааст, алахусус, дар аввал сухан дар бораи сангҳои қиматбаҳои

---

[159] Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. 4-е изд., перераб. и дополн. – М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2010. – С. 82.
[160] Куринов Б А. Научные основы квалификации преступлений: уч. пособие. – М., 1984. – С. 63.
[161] Курс уголовного права. Общая часть.Т.1. Учение о преступлении / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. – М.: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 216.
[162] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

табиӣ меравад, дар қисми дигар – танҳо сангҳои қиматбаҳо, илова бар ин марворид номбар карда намешавад.

Ба моҳияти масъалаи тарафҳои объективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мутобиқи КҶ ҶТ, бояд қайд намуд, ки тарафи объективии кирдори ҷиноятӣ ҳоло ҳам дар илми соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсу мунозираҳои зиёдро ба вуҷуд меорад[163]. Тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ низ истисно нест, ки дар адабиёт оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ тафсири ягона надорад[164]. Ин мубоҳисаҳо таърихи тӯлонӣ дошта, бо шаклҳои гуногуни гузориши ақидаҳо, ҳатто бо такрори хулосаҳои тақрибан ҳафтод сол пеш то ба имрӯзҳо идома доранд[165]. Ва ин, албатта, рӯйхати мукаммали гуруҳҳои олимон ё афкор оид ба тарафи объективии кирдори ҷиноятӣ нест, бинобар ин, мо такрор накарда, бо гуфтаҳо дар боло зикргардида иктифо хоҳем кард.

Ба баррасии муқаррароти дар боло зикргардида, вобаста ба тартиботи ҳуқуқи ҷиноятии (меъёри) мавриди таҳлили худ (КҶ ҶТ «муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ») баргардем. Диспозитсияи он дар КҶ ҶТ дар чунин таҳрир: «Бастани аҳди ғайриқонунии бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид» омадааст, ки он бо вайронкунии қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин нигоҳдории ғайриқонунӣ, интиқол ё кашонидани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид низ дохил карда мешаванд, алоқамандӣ дорад.

Бо мақсади таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷониба, мо чунин мешуморем, ки ин сохтор ҳамчун тарафи объективӣ, дар заминаи мафҳуми умумӣ, ки намудҳои номбаршудаи кирдорҳои ҷиноятиро дар дохили як сохтор дарбар мегирад, ба назар гирифта шавад, зеро сухан дар бораи «муомилоти ғайриқонунӣ»

---

[163] Ниг.: Талан М.В. Объективные признаки преступления и проблемы дифференциации уголовной ответственности / Научные основы уголовного права и процессы глобализации / Отв. ред. В.С. Комиссаров. – М., 2010. – С. 861–865.

[164] Ниг.: Иванов А.Г. Преступления в сфере оборота драгоценных металлов и драгоценных камней: дис. … канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2010. – 215 с.

[165] Ҳуқуқи ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр- граф», 2019. – С. 123–125.

меравад. Донистани ин категория аз нуқтаи назариявӣ ва методологии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ногузир муҳаққикро ба ғояи зарурати дарк кардани моҳияти муайянкунандаи таркиби категорияҳои он водор мекунад:

а) дар зери мафҳуми «ғайриқонунӣ» будани муомилот чӣ бояд фаҳмида шавад;

б) «муомилот» дар доираи мавзуъ ва корҳои баррасишаванда чиро ифода мекунад.

Зоҳиран, яъне дар назари аввал, чунин менамояд, ки «ҳалли масъала баръало намоён аст», зеро, чи тавре ки қонунгузорӣ пешниҳод мекунад, «ғайриқонунӣ ҳар чизест, ки ба қонун мувофиқат намекунад». Дар асл, ҳама чиз хеле мураккабтар аст, масалан: оё фақат вайрон кардани муқаррароти Қонун (дар бораи муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо) дар ҳолати зикршуда, як қатор асосҳоро барои ҷавобгарии ҳуқуқӣ эҷод мекунад, оё чунин ҷавобгарӣ дар сурати вайрон кардани санадҳои меъёрии Ҳукумати ҶТ ё Фармони Президенти кишвар низ зарурат пайдо мекунад?

Ба андешаи мо, ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ барои содир кардани кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, на танҳо дар ҳолатҳои вайрон кардани муқаррароти қонун, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ дода шуданаш мумкин аст. Чунин мавқеъро муқаррароти аз ҷониби мо мавриди таҳлил қарордодашудаи Конституцсияи ҶТ низ асоснок мекунад, ки тибқи он масъалаҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз рӯ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ низ танҳо ба ихтиёри ҶТ мебошанд, на минтақаҳо ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ. Ҳамин тавр, на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, балки санадҳои минтақаҳо, махсусан мақомоти намояндагӣ, наметавонанд доираи ҷавобгарии ҷиноятиро, аз ҷумла мазмуни нишонаҳои чунин сохтори ҳуқуқӣ ба монанди таркиби кирдори ҷиноятии пешбининамудаи м. 284 КҶ ҶТ-ро муайян кунанд[166].

---

[166] Нуқтаи назари ба ин монандро дар адабиёти махсуси ба ин масъала нигаронидашуда дидан мумкин аст. Масалан, ниг.: Токарев С.А. Методическое пособие для борьбы с преступлениями в сфере обращения

Дигар ин ки, «муомилот» дар ҷанбаи матн мавриди назари кори мазкур мафҳуме мебошад, ки намудҳои гуногуни фаъолиятҳои дорои хусусияти ҷиноятиро дар бар мегирад, ки мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ бандубаст шудаанд. Мувофиқи диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ ин талаботи меъёрӣ ба таври алтернативӣ ба муҳтавои он дохил мешаванд:

1) Иҷрои муомилот (шартнома, қарордод) вобаста ба металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидҳо бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

2) Нигоҳдории ғайриқонунии ин сарватҳо;

3) Интиқоли ғайриқонунии сарватҳо;

4) Кашонидани ғайриқонунии онҳо.

Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ кирдорҳоро номбар карда истода, мазмуни онҳоро кушода намедиҳад. Дар заминаи ин барои омӯзиши пурраи нишонаҳои тарафи объективии таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ, мо ба мақсад мувофиқ аст, ки ба шарҳи илмии ҳам мафҳуми «муомилот» ва ҳам мафҳумҳои дигари дар боло зикршуда таваҷҷуҳ намоем.

Дар КҶ ҶТ, ҳамчунин дар КҶ ФР ва дигар давлатҳои ИДМ, мафҳуми «муомилот» аз ҷониби мақомоти қонунгузор бисёр вақт мавриди истифода қарор мегирад ва барои мисол, м. 284 КҶ ҶТ ягона мавриди истифодаи он нест. Ин мафҳумро дар моддаи «муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» низ пайдо кардан мумкин аст, ки дар он муомилот ҳамчун «истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд», маънидод карда мешавад. Дар моддаи «Вайрон намудани қоидаҳои муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекусорҳо, моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» низ дида мешавад, ки дар он муомилот ҳамчун «истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ

драгоценных металлов и природных драгоценных камней // Информационный бюллетень МВД РС (Я). – 1997. – №22. – С. 80.

доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, инчунин ҷараёни парвариши растаниҳо, «ки барои истеҳсоли он истифода мешаванд», фаҳмида мешавад; дар моддаҳои мазкур мафҳумҳои «муомилоти ғайриқонунӣ» ва «гардиши ғайриқонунӣ» аз ҷониби қонунгузорӣ ба таври аён ҳамчун муродифҳо истифода мешаванд, яъне истилоҳҳои «муомилот» ва «гардиш» тавассути калимаҳои «соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан ва ғайра» ифода шудаанд ва ин маънои онро дорад, ки қонунгузор дар шароити ҳолатҳои мухталиф тавассути истилоҳҳои (мафҳумҳои) нобаробар масъаларо баён мекунад, аммо онҳоро ҳамчун муродифҳо истифода мекунад. Ин ҳолат дар м. 284 КҶ ҶТ низ ҷой дорад.

Аз ин рӯ, қайд мекунем, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ба истифодаи ин категорияҳо афзалият додааст, ки онҳо «муомилот» ва «гардиш» мебошанд: аллакай дар муқаддима, вақте ки доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз тарафи қонун танзим карда мешаванд, муайян карда мешавад, сухан дар бораи «муносибатҳое, ки дар соҳаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард, истифода ва муомилоти онҳо (муомилоти граждани) ба миён меоянд», меравад.

Бояд тазакур дод, ки мавҷуд набудани ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба як қисми ин раванд дар м. 284 КҶ ҶТ ва вайрон намудани қисми дигари ин раванд дар м. 285 КҶ ҶТ бояд бо қатъ гардидани эътибори м. 285 КҶ ҶТ бартараф карда шаванд, зеро дар таҳрири нави м. 284 КҶ ҶТ доираи «ҳифзи ҳуқуқии» онро бо пуррагӣ фаро мегирад. Муқаррароти умумиятёфтаи меъёрии пешниҳодшуда, ки мо онро пешбарӣ менамоем (дар м. 284 КҶ ҶТ), бисёре аз камбудиҳо ва норасоиҳоеро, ки то имрӯз дар амал дучор мешаванд, бартараф хоҳад кард.

Инчунин бояд қайд намуд, ки муқаррароти меъёрии пешниҳодшуда низ характери холӣ хоҳад дошт ва самаранокии истифодаи он мустақиман аз сифати заминаҳои меъёрию ҳуқуқии аз тарафи мақомоти татбиқи ҳуқуқ

истифодашаванда вобастагӣ дорад. Дар айни замон санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифи ҶТ, ки ба таркиби қонунгузорӣ дар бораи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дохил мешаванд, бояд мукаммал гардонида шаванд.

Азбаски содир кардани як муомилаи (шартнома, қарордод, хариду фурӯши) ғайриқонунӣ, пеш аз ҳама, ба субъекти иҷрокунандаи он, яъне субъекти кирдори ҷиноятӣ дахл дорад, пас, мо ин масъаларо дар зербоби нишонаҳои субъективии кирдори ҷиноятии зикршуда, яъне дар зербоби навбатии ин боб ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард.

Нисбати кирдорҳои ғайриқонунӣ вобаста ба нигоҳдорӣ, интиқол ва кашонидани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, бо мақсади риояи қонунгузорӣ дар соҳаи ҷиноятии ҶТ, махсусан дар соҳаи «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо; истифодаи самараноки захираҳои табиии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ; инчунин бехатарии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, аз ҷумла, маҳсулоти онҳо, давлат ва мақомоти онро мебояд на фақат низоми махсуси нигоҳдорӣ, интиқол, ирсол ва дигар муомилоти вобаста ба сарватҳои номбаршударо муқаррар кунанд, балки такмили сиёсати кадрӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар ин соҳа, хусусан дар соҳаи назорат муҳим аст, зеро ғайриқонунӣ будани кирдорҳои баррасишаванда, пеш аз ҳама, аз рафтори ғайриқонунӣ, таҷрибаҳое, ки мустақиман ба вайронкуниҳои зикршуда вобастаанд, сарчашма мегиранд.

Азбаски металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, маҳсулоти онҳо, инчунин шикастапора ва партовҳои дорои ҳамин маҳсулот дар муассисаҳо ба таври нигоҳ дошта мешаванд, ки бехатарии онҳо ҳангоми истеҳсол, коркард, истифода ва интиқоли онҳо таъмин карда мешавад: дар ҳуҷраҳои аз рӯи муҷаҳҳаз будан бо воситаҳои техникии муҳофизатӣ аз сӯхтор (сигнализатсия) ва бо камераҳои босифати рақами муҷаҳҳаз намуда ба талаботи махсус ҷавобгӯ, ки мувофиқи муқаррароти мақомоти ҳокимияти иҷроия, мутобиқи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ нигоҳ дошта

мешаванд; дар ин самт нақш риояи тартибот ва шиддати ҳушёрӣ, муҳимтар аз ҳама, ростқавлӣ ва эътимоднокии ҳайати шахсии назорати давлатӣ афзоиш меёбад.

«Дастурамал доир ба тартиби баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, маҳсулоти онҳо ва ба роҳ мондани тартиби ҳисобот ҳангоми истеҳсол, истифода ва коркарди онҳо» қоидаҳои мазкурро мушаххас менамояд, масалан, бо роҳи илова намудаи чунин талаботе ба монанди утоқҳои анбор, ки дар онҳо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, шикастапораву партови онҳо нигоҳдорӣ карда мешаванд, инчунин ҷевонҳои ба оташ тобовар, қуттиҳои металӣ ва сейфҳо, ки пас аз анҷоми кор бояд бо тамға (пломба) ё муҳр маҳкам карда шуда ва ба муҳофизон супорида шаванд.

Далелҳои риоя накардани ин ва як қатор қоидаҳои дигари дастуроти муқаррарнамудаи талаботи меъёрӣ дар амал мавҷуданд, ки ба мо имкони дар бораи ҷавобгарӣ мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ сухан гуфтанро медиҳад. Ҳамин тавр, масалан, Б., «дар ҳолатҳои номуайян (шинохтанашуда)», дар моҳи ноябри соли 2001, пораҳои металии рангашон нуқрамонанди аз хӯлаҳои нуқра сохташударо ба хонаи худ овардааст, ки дар он ҷо, бо вайрон кардани қоидаҳои муқарраршуда онҳоро то 10-уми феврали соли 2015 дар хона нигоҳ доштааст. Дар натиҷа Б. аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дастгир шуда, бо кирдори мазкур мутобиқи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ маҳкум карда шуд[167].

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «ҳамлу нақли металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин маҳсулоти онҳо бо нақлиёти ҳавоӣ, обӣ, роҳи оҳан ва автомобилии махсусе, ки бо воситаҳои дахлдори техникӣ ҷиҳозонида шудаанд ва онҳоро муҳофизони мусаллаҳ ҳамроҳӣ мекунанд, ба амал бароварда мешавад. Таҷҳизоти нақлиёти махсуси автомобилӣ бояд бехатарии бори мазкурро таъмин намояд». Чунин ифодаро амалан муқаррароти «Дастурамал доир ба тартиби баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металҳои қиматбаҳо, сангҳои

[167] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-92/15 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

қиматбаҳои табиӣ», ки дар боло зикр карда шуд, низ такрор мекунад, яъне дар он қайд шудааст, ки «маҳсулоти онҳо ва тартиби ба роҳ мондани ҳисобот ҳангоми истеҳсол, истифода ва коркарди онҳо» – ҳангоми интиқоли металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва маснуоти онҳо аз ҷониби ташкилотҳои махсусгардонидашуда ё ташкилотҳои молики ин сарватҳо бо воситаҳои нақлиёти махсусе, ки бо воситаҳои дахлдори техникӣ ҷиҳозонида шудааанду онҳоро муҳофизони мусаллаҳ ҳамроҳӣ мекунанд, амалӣ карда мешаванд.

Вобаста ба ин, ба назари мо, қарори суд нисбати Б., ки 10-уми феврали соли 2015 бо вайронкунии қоидаҳои муқарраршуда тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ аз ноҳияи Ҳисор ба кӯчаи Ҳисорак шаҳри Душанбе пораҳои металии аз хӯлаҳои нукра сохташударо бо вазни умумии 149,92 грамм, бо мақсади фурӯхтан онҳоро интиқол додааст, асоснок мебошад. Умуман, Б. мутобиқи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ маҳкум карда шуд[168]. Ёдовар мешавем, ки чунин ҳолатҳо дар дигар парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда низ ба назар мерасад[169]

Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почта»[170] металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва маҳсулоти онҳоро ба гуруҳи предметҳои ирсолашон тавассути шабакаҳои алоқаи почта маҳдуд дохил намуда, муайян мекунанд, ки «қабул аз шахсони ҳуқуқие, ки тибқи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ фаъолият мекунанд, захролудкунии почта, предмет ва маълумотҳои ба сирри давлатӣ тааллуқдошта, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин маҳсулоти онҳо, аломатҳои пулии ҶТ ва асъори хориҷӣ, ҳамлу нақл ва таҳвили онҳо аз тарафи нерӯҳо ва воситаҳои алоқаи махсуси мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки идоракунии фаъолият дар соҳаи алоқаро анҷом медиҳанд, амалӣ карда мешавад.

Инчунин, шаҳрванд З. дар моҳи июли соли 2016, пораи металии рангашон зардмонанди аз хӯлаҳои тилло сохташударо ба хонаи худ оварда,

---

[168] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-92/15 // Бойгониии Суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.
[169] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-38/15 // Бойгониии Суди ноҳияи Синои ш. Душанбе.
[170] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» аз 1-уми августи соли 2003, таҳти №39 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли. – 2003. – №8. – М. 462; – 2004. – №5. – М. 341; – 2007. – №7. – М. 684; – 2014. – №7. – қ. 2. – М. 412; – М. 413; – 2016. – №11. – М. 886.

бо мақсади ба Ҷумҳурии Ҳиндустон интиқол додани, хӯлаҳои тилло онҳоро ғайриқонунӣ нигоҳ доштааст. Сипас З. бо маслиҳати пешакӣ бо шаҳрванд М. бо мақсади барои фурӯш интиқол додани хӯллаҳои тилло барои рӯзи 15-уми июли соли 2016 чиптаи ҳавопаймоии хатсайри №117 самти «Душанбе – Деҳли»-ро харидорӣ намуда, худи ҳамон рӯз ин хӯллаҳои тиллоро тариқи қочоқ, ба шаҳри Деҳлии Ҷумҳурии Ҳиндустон интиқол додаанд, ки дар шаҳри Деҳлии Ҷумҳурии Ҳиндустон аз тарафи кормандони гумрук шаҳрвандон З. ва М. дастгир карда шуда, миқдори 1723 грамм хӯлаҳои тиллоро ба тариқи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз онҳо гирифта, ба манфиати Ҷумҳурии Ҳиндустон мусодира гардидааст, ки гуноҳи онҳо аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ошкор гардида, баъди баргаштан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир шуда, бо кирдори мазкур мутобиқи банди «б» қ. 2 м. 284 ва қ.2 м. 289 КҶ ҶТ маҳкум карда шудаанд[171].

Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна фаъолияти шахс вобаста ба нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва интиқоли металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки талаботи дар боло муҳокимашударо вайрон мекунанд, дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои дигар, ҳамчун ҷинояте, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифта шавад. Мо қайд намудем, ки дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар марҳилаи кунунӣ на фақат ҳамоҳангӣ дар ошкор кардани моҳият ва фаҳмиши истилоҳҳои нигоҳдорӣ, интиқол, супоридани металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳои табиӣ вуҷуд надорад, аммо муҳимтар аз ҳама, дарки амиқи мазмун ва моҳияти онҳо вуҷуд надорад[172]. Мо инчунин ба хулосае омадем, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ва таҳқиқоти илмии олимон, таърифи нисбатан мукаммали нигоҳдорӣ, интиқол, кашонидани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дода шудааст, ки таҳлили онҳо имкон медиҳад хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

---

[171] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1- 347/18 // Бойгониии Суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

[172] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 75–77, 83; Курс уголовного права. Особенная часть: Учебник для вузов. Т.4 / Под ред. д.ю.н., проф. Г.Н. Борзенкова и канд. юрид. наук, проф. В.С. Комисарова. – М.: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 101.

Нигоҳдорӣ, чунин амале мебошад, ки «бо воқеан соҳиби» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо будани ҷинояткор алоқамандӣ дорад, ҳангоме ки онҳо дар тасарруфи гунаҳгор мебошанд, ҳам бевосита ва ҳам дар бино ва дар ҷойҳои дигар, дар ҳоле ки ин кирдорҳо бо вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ содир карда шудаанд.

Интиқол, ин чунин амале мебошад, ки ҷинояткор бо интиқол додани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар фазо, бо ба таври ғайриқонунӣ «истифода бурдан аз ҳама гуна воситаҳои нақлиёт» ва бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ содир карда мешавад.

Кашонидан, ин чунин амале мебошад, ки аз ҷое ба ҷои дигар бурдани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ тавассути шабакаҳои почта, дар шакл ва намуди почта, ирсоли бағоҷ, қасдан ё ба тариқи дигар, агар аз ҷое ба ҷои дигар гузаронидани онҳо «бе иштироки ирсолкунанда» амалӣ карда шаванд ва ин кирдорҳо бо «вайрон кардани талаботи муқарраршуда» бо қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ба анҷом расонида мешаванд.

Нигоҳдории ғайриқонунӣ, интиқол ва кашонидани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бояд аз лаҳзаи содир шудани онҳо баанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

Мо дар ин боб мувофиқи мақсад шуморидем, ки ба баррасӣ намудани ин масъала гузарем, ки дар таҳрири кунунии м. 284 КҶ ҶТ, аз тарафи мақомоти қонунгузор меъёри ҳадди аққал пешбинӣ нашудааст, ки дар асоси он нигоҳдорӣ, интиқол ва ирсол ғайриқонунӣ дониста мешаванд, ки ин имкон медиҳад гунаҳкор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва ӯ аз ҷавобгарии маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии пешбиникардаи КҲМ ҶТ маҳдуд карда шавад.

Дар мавриди ҳадди болоии ин кирдорҳои ҷиноятӣ, ҳангоми баланд бардоштани ҳадди поёнӣ, аз сабаби он ки бандубаст мутобиқи банди «б» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ гузаронида шавад, мафҳуми «ба миқдори калон» истифода бурда мешавад, дар ин сурат мутобиқи эзоҳ ба м. 284 КҶ ҶТ бояд раҳнамоӣ

карда шавад, ки дар он «ба миқдори калон» пешбинӣ шудааст[173]. Мо боварӣ дорем, ки м. 284 КҶ ҶТ бояд бо чунин меъёрҳои кирдорҳои ҷиноятӣ пурра карда шаванд, чунончи ҳаҷми мушаххаси онҳо бо муайян кардани ҳудудҳои поёнӣ ва болоӣ фарқ карда шаванд, то ки доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ, масалан, аз маъмурӣ ҷудо карда шавад. Дар асоси мулоҳизаҳои зикршуда, арзиши сарватҳо ҳамчун предмети кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳангоми ноил шудан ба он барои фаъолияти муътадили иқтисодиёт хаф вуҷуд дорад, бояд дар ҶТ бо 64 000 сомонӣ (яъне, бо ҳаҷми мафҳуми «ба миқдори калон») мувофиқат кунад, ки дар асл яке аз меъёрҳои кирдори ҷиноятӣ хоҳад буд, ки ҳамчунон, ба ҳайси меъёри ҳудудгузории кирдори ҷиноятии мазкур аз қонуншиканиҳои маъмурӣ хизмат мекунад. Ҳамзамон, дар қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои содир намудани ин кирдори барои ҷамъият хафнок дар ҳаҷми махсусан калон дар КҶ ҶТ вуҷуд надорад, ки ба 128 000 сомонӣ дар ҶТ рост меояд, муқаррар карда шавад. Умуман, чунин равиш ба амалияи таҳияи меъёрҳои боби 27 КҶ ҶТ бояд мувофиқ бошад. Чунин илова, албатта, ба нисбатан самаранок тақсим намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ имкон медиҳад ва барои татбиқи принсипи адолат хизмат хоҳад кард.

Инчунин, ҳангоми таҳлили диспозитсияи ин моддаҳо маълум мешавад, ки дар онҳо нишонаҳои ғайришартии (факултативии) нишонаҳои тарафи объективӣ, махсусан «ҷой», «вақт», «тарз», «вазъият», «олот» ва «воситаи содир намудани ҷиноят» баромад мекунад, ки ин низ бояд дар м. 284 КҶ ҶТ пурра карда шавад.

Дар асоси муқаррароти назариявии дар боло зикргардида оид ба бандубасти таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ ва маълумоте, ки дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ба даст омадаанд, таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд таркиби расмӣ ҳисобида шавад ва кирдори ҷиноятӣ аз лаҳзаи содир шудани ҳама гуна кирдорҳои ҳамвазн, ки таркиби муҳтавои кирдори ҷиноятиро муайян мекунад, содиршуда ҳисобида шавад.

---

[173] Ниг.: Эзоҳи моддаи 284 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, таҳти №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – М. 68–69; – №22. – М. 306; Қонунҳои ҶТ соли 2020, таҳти №1. – М. 8–9; – 2020. – №7–9. – М. 607, 623; – 2020. – №12. – М. 904; – 2021. – №4. – М. 196.

Аз ҷамъбасти гуфтаҳои боло хулосаҳои зеринро бароварда метавонем:

1. Муҳтавои объекти бевоситаи м. 284 КҶ ҶТ, ки онро аз муҳтавои объекти бевоситаи м. 285 КҶ ҶТ фарқ мекунад, муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф карда мешаванд, ки моҳияти онҳо қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ мебошанд, ки тартиб ва шароити муомилоти вобаста бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворидро муайян мекунад, инчунин «тартиби нигоҳдорӣ, интиқол ва кашонидани онҳоро» муқаррар мекунанд.

2. Бартараф кардани ин камбудиҳо ва норасоиҳо метавонад, ворид кардани тағйиру иловаҳо ба м. 284 КҶ ҶТ бошад, ки барои илова намудани муомилот дар соҳаи «таҳқиқ ва ҷӯстуҷӯи геологии конҳои» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ мазкур, ҷой дода шавад, ки на танҳо дарки моҳият, балки фаҳмидан ва татбиқ кардани ин талаботи меъёриро хеле осон мекунад.

3. Моддаи 284 КҶ ҶТ бояд ба таври зайл номида шавад: «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ». Пас, ин ном мазмуни м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ айни замон амалкунандаро пурра фаро мегирад.

4. Моддаи 284 КҶ ҶТ «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

1) Додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо вайрон кардани қоидаҳои ҳатман ба давлат фурӯхтан ё супоридан, таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард ва истифодаи онҳо бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан, кашондан ё ба соҳибияти каси дигар додани ин сарватҳо дар ҳар намуди ҳолат, бо истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар

а) якчандкарата;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор, агар

а) ба миқдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз вазифаи хизматӣ содир шуда бошад,

– бо … ҷазо дода мешавад».

2.2. Аломатҳои субъективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид

Дар шароити нави хоҷагидорӣ ва тағйир ёфтани воқеиятҳои иқтисодӣ, нишонаҳои субъективии кирдори ҷиноятӣ, ки мавриди таҳлил мо қарор гирифтаанд, пеш аз ҳама, таркиби субъективии онҳо ба тағйиру иловаҳо дучор мешаванд. Истифода ва муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси тартибот ва шароитҳое, ки Қонуни ҶТ дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва қонунгузори ҶТ муқаррар кардаанд, ба амал бароварда мешавад[174].

Бояд тазакур дод, ки барои қонунӣ будани муомилот субъекти иҷрои он низ муҳим аст. Дар бораи риоя намудани қоидаҳо (дар сурати мавҷуд набудани қонуншиканиҳои дигар) субъекти иҷрокунандаи муомилот шаҳодат медиҳад, ки ба он ин ҳуқуқ аз тарафи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дода шудааст. Инҳо, пеш аз ҳама, субъектҳои зерин мебошанд:

– мақомоти ваколатдор дар соҳаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ;

– Бонки миллии ҶТ;

[174] Қисми 1 моддаи 21. Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

– бонкҳои дорои ваколати махсус – бонкҳои тиҷоратӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии ҶТ дар мувофиқа бо Вазорати молияи ҶТ барои муомилот бо металҳои қиматбаҳо бо тартиби муқарраргардида дорои ваколати махсус гардидаанд;

– истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ – корхонаҳои давлатӣ, кооперативӣ, муассисаҳои ҷамъиятӣ, ташкилоту муассисаҳо, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ сарфи назар аз шакли моликияташон шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлатҳои дигар истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ буда метавонанд, ки мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» иҷозати гузаронидани корҳои геологӣ ва истихроҷи маъданҳои фоиданокро доранд[175];

– ташкилотҳои (корхонаҳои) харидор – ташкилотҳое (корхонаҳое), ки аз шахсони воқеӣ тилло ва нуқраро дар шакли маснуоти заргарӣ ва дигар маҳсулоти маишӣ ва дар шакли шикастапораҳо харидорӣ мекунанд;

– ташкилотҳои (корхонаҳои) тайёркунанда – ташкилотҳо (корхонаҳо), инчунин шахсони воқеӣ, ки бе ташкили корхона ва ба ҳайси соҳибкор ба қайд гирифта шуданд, дар ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи ашёи хоми дуюмдараҷа фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд;

– ташкилотҳои (корхонаҳои) коркардкунанда – ташкилотҳо (корхонаҳо), инчунин шахсони воқеӣ, ки бе ташкили корхона ва ба ҳайси соҳибкор ба қайд гирифта шуданд фаъолияти соҳибкорӣ намуда, ба коркарди ашёи хом бо ба даст овардани маҳсулоти нимтайёр, ки минбаъд барои ба даст овардани тилло ва нуқраи холискоришуда дар шакли сабика пешниҳод карда мешавад, машғул мебошанд;

– корхонаҳои холискорӣ – ташкилотҳои давлатие (корхонаҳое), ки сабикаҳои миқдори метали аслиашон на камтар аз 99,5 % истеҳсол мекунанд;

– истеъмолкунандагони саноатӣ – ташкилотҳо (корхонаҳо), инчунин шахсони воқеие, ки бе ташкили корхона ва ба ҳайси соҳибкор ба қайд

---

[175] Моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20-уми июли соли 1994, таҳти №983 // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №15-16. – М. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №22. – М. 259; – 2008. – №1. – қ. 2. – М. 16. – №12. – қ. 2. – М. 1005; – 2010. – №12. – қ. 1. – М. 822; ҚҶТ аз 28.12.13. таҳти №1048.

гирифта шудаанд, тилло ва нуқраро барои истеҳсоли маҳсулоти худ (аз ҷумла маснуоти нимтайёр) истифода мебаранд;

– сармоягузорон: ташкилотҳо (корхонаҳо), муассисаҳо (аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ), ки ба ин категорияҳои мазкур мансуб набуда, барои хариди сабикаҳои нуқра ва тилло ва тангаҳо маблағҳои худро мегузоранд (сармоягузорӣ мекунанд).

Чи тавре ки мебинем, таркиби субъективӣ дар шароити нав якбора меафзояд. Илова бар ин, ба роҳ мондани муомилот бо металҳои қиматбаҳо аз ҷониби субъектҳои дигар, ки ба ин рӯйхат дохил нашудаанд, дар худ муомилотеро муаррифӣ мекунад, ки бо вайрон кардани қоидаҳо бо риоя накардани талаботҳои қонунгузор бо м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад.

Чи тавре ки аз рӯйхат бармеояд, ба ҳайси субъектҳои муомилот шахсони ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд ва шахсони воқеӣ метавонанд вазифаҳои баъзе субъектҳоро иҷро кунанд, аммо танҳо ба ҳайси соҳибкоре, ки бе ташкили корхона ва ба таври муносиб ба қайд гирифта шуданд, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд.

Мутобиқи гуфтаҳои боло, ба фикри мо, баровардани ҳукми айбдоркунӣ нисбати Н., ки моҳи августи соли 2015 хокаи рангаш зарди гирдшаклро, ки вазнаш 9,59 граммро, бо назардошти иёри миёнаи 90 фоиз, ки арзишаш 2021 (дуҳозору бисту як) сомониро ташкил мекард мехоҳад ба шаҳрванд Ҷ, фурушад, ки бо ин кирдораш аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дастгир шуда мутобиқи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ маҳкум карда шудааст, асоснок мебошад[176].

Муомилоти байни субъектҳо, ки аз тарафи санадҳои меъёрӣ муайян шудаанд, низ бояд ҳамчун кирдорҳои бар хилофи талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ карда шуда, баррасӣ карда мешавад, агар кирдорҳои анҷомдодаи онҳо аз доираи кирдорҳои иҷозатдодашуда баромада бошанд. Ҳудуди ҳуқуқҳо барои субъектҳои мухталифи муомилот гуногун мебошанд, ки аз як тараф, аз хусусиятҳои фаъолияти онҳо ва аз тарафи дигар,

[176] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-187/15 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

аз предмети муомилот, ки ба яке аз категорияҳои металҳои қиматбаҳо мансубанд, вобастагӣ доранд.

Содир намудани муомилот вобаста ба истихроҷ ва коркарди минералҳо ва ашёи хоми дуюми дорои тилло ва нуқра хусусиятҳои худро доранд. Масалан, мутобиқи тартиби амалиёт бо ашёи хоми минералии дорои металҳои қиматбаҳо то холискорӣ, ки аз 3-юми августи соли 2007, таҳти №415 бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст, ашёи хоми минералӣ мутобиқи шартномаҳои қаблӣ оид ба таҳвили металҳои холискоришуда аз уҳдадорӣ озод буда, метавонанд аз ҷониби субъектҳои истихроҷ ва шахсони ҳуқуқии истеҳсолкунандаи онҳо, аз ҷумла, тавассути биржаҳо ё дигар бозорҳои ба он баробарарзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ фурӯхта шаванд ва ё дар шакли гарав ё дигар «уҳдадориҳои молиявӣ» истифода бурда шаванд.

Инчунин, ҳангоми холискории ашёи хоми минералии дорои металҳои қиматбаҳо низ муомилоти ғайриқонунӣ содир шуданашон мумкин аст.

Мутобиқи қонунгузории мавҷуда, ба холискории ашёи хоми минералии дорои металҳои қиматбаҳо танҳо корхонаҳои холискории бақайдгирифташудае машғул шуда метавонанд, ки барои чунин фаъолият иҷозатномаи (литсензияи) Ҳукумати ҶТ ва мутобиқи он қарори дахлдор дошта бошанд (Тартиби кори ташкилотҳое, ки холискории металҳои қиматбаҳоро анҷом медиҳанд ва Номгӯи ташкилотҳое, ки ҳуқуқи холискории металҳои қиматбаҳоро доранд: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2003, таҳти №90). Ташкилотҳо наметавонанд хизматрасонии холискорӣ расонанд, агар онҳо шартномаи дахлдор (ки муҳтавои онро Ҳукумати ҶТ муайян кардааст) байни ин ташкилот, ки дар асоси қонун ҳамчун ташкилоти холискорӣ эътироф шудааст ва молики канданиҳои фоиданок надошта бошанд. Агар шартнома байни молики ашёи хоми минералӣ ва ташкилоте, ки ба рӯйхати ташкилотҳои холискорӣ шомил нашудааст, баста шавад, пас, чунин муомилотро бояд хилофи талаботи

қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ ҳисобид. Чунин мавқеъ дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ дастгирии худро ёфтааст[177].

Дар муносибат бо моликонии ашёи хоми дуюм, онҳо ҳуқуқ доранд, ки ин маводи хомро танҳо ба Мақомоти ваколатдор оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ, ташкилотҳои (корхонаҳои) тайёркунанда ва ташкилотҳои харидор фурӯшанд. Ташкилотҳои (корхонаҳои) тайёркунанда ва ташкилотҳои харидор, дар навбати худ, ашёи хоми дуюмро ба мақомоти ваколатдор оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ мефурӯшанд, ё ки ин моликон инчунин метавонанд бо корхонаҳои холискорӣ барои хизматрасонии коркарди такрории ашёи хоми дуюм шартнома банданд.

Фурӯш (таҳвил) аз тарафи ташкилотҳо (корхонаҳо) – ташкилотҳои тайёркунанда ва харидори ашёи хоми дуюм, ба шахсони дигар манъ карда шудааст.

Хизматрасоние, ки барои истеҳсоли сабикаҳо аз ягон намуди тангаҳои дорои металҳои қиматбаҳо (махсусан онҳое, ки аз гардиш дар ҶТ гирифта шудаанд, вале иваз карда намешавад, инчунин онҳое, ки аз гардиш дар кишварҳои хорӣҷӣ гирифта мешавад), аз ҷониби корхонаҳои холискорӣ ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси Вазорати фарҳанги ҶТ ва мақомоти ваколатдор оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ анҷом дода мешаванд.

Иҷрои ин хизматрасониҳо берун аз талаботи ҳатмии муқарраршуда муомилотро ғайриқонунӣ мекунад ва имкон медиҳад, ки масъалаи ҷавобгарӣ мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ ба миён гузошта шавад. Нисбати қонеъгардонии талаботи соҳиби гарав инро бояд қайд кард, ки он танҳо аз ҳисоби маблағҳое, ки дар натиҷаи фурӯши сабикаҳо, ки предмети гарав ба ҳисоб

[177] Ниг.: Арзамасцев М.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней: дис. ...канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – С. 98–102; Кузнецов А.Г. Ответственность за преступления, совершаемые в валютной и кредитно-финансовой сферах: учебное пособие. – Н. Новгород, 1999. – С. 32; Бессонов К.В. Нарушение правил сдачи государству драгоценных металлов и драгоценных камней (основания криминализации, состав преступления и вопросы квалификации): дис. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2003. – С. 111–114.

мерафтанд, тавассути бонки махсуси ваколатдор метавонад амалӣ карда шавад.

Дар мавриди ваколатҳои бонкҳое, ки аз ҷониби Бонки миллӣ махсус ваколатдор шудаанд, бояд гуфт, ки онҳоро дар се сархат баён кардан мумкин аст:

а) содир намудани муомилот, «харидуфурӯши тилло ва нуқра ҳам аз ҳисоби худ ва ҳам аз ҳисоби муштариён» (барои онҳо шартномаи комиссия ё дастурҳо дода мешаванд), бо бонкҳои махсус ваколатдоршуда, бо худи Бонки миллии ҶТ, инчунин, истеъмолкунандагони саноатӣ ва сармоягузорон;

б) содир намудани амалиёт бо сабикаҳои тилло ва нуқра бо суратҳисобҳои махсус, ки мувофиқи анъанаҳои (амалияи) байналмилалии бонкӣ барои онҳо кушода шудаанд;

в) анҷом додани амалиёти гарав бо сабикаҳои тилло ва нуқра, бо шарти фурӯхтани предмети гарав тавассути бонкҳои махсуси ваколатдор.

Мутобиқи қонунгузории амалкунадаи ҶТ, агар истифодаи сабикаҳои нуқра ва тилло ҳамчун воситаи пардохт аз ҷониби ташкилотҳои истихроҷкунанда, аз ҷумла, тавассути амалиёт бо суратҳисобҳои махсус дар бонкҳои ваколатдори кушодашуда, инчунин, барои пардохти қарзҳои аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ додашуда анҷом дода шавад, ин муомилот бо вайрон намудани қоидаҳо ҳисобида мешавад.

Агар тангаҳои дорои металҳои қиматбаҳо ҳамчун ашёи хоми дуюм ба ташкилотҳои харидор (корхонаҳо) фурӯхта шаванд ва ё ба ташкилотҳои (корхонаҳои) холискорӣ таҳвил дода шуда бошанд, пас, нисбати ин муомилаҳо муқаррароти дар боло зикргардидаи вобаста ба истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералӣ ва ашёи хоми дуюм татбиқ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳама гуна риоя накардани қоидаҳои дар боло зикршуда, ҳамчунон ҳама гуна муомилоти бо металҳои қиматбаҳо, берун аз ҳолатҳои зикршуда, кирдори ҷиноятӣ мебошад, ки мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ ҳамчун «муомилот бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷиноятии ҶТ», ки таркиби

кирдорҳои ҷиноятии дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо ташкил мекунанд, тавсиф карда мешавад.

Ҳангоми анҷом додани муомилот бо сангҳои қиматбаҳо хусусиятҳои муайяне мавҷуданд.

Санади асосии меъёрӣ, ки ин соҳаи муомилотро ба танзим медарорад, ғайр аз Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», Қоидаҳои муомилот бо металҳо қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар қаламрави ҶТ мувофиқи қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки металҳои қиматбаҳо ва ранга доранд: қарори Ҳукумати ҶТ аз 6-уми майи соли 2006, таҳти №215 мебошад[178].

Инчунин, монанди металҳои қиматбаҳо, мутобиқи Қоидаҳои мазкур, қонунӣ будани муомилот бо сангҳои қиматбаҳо мувофиқи предмети муомилот (алмос, зумуррад, ёқут, сапфир, лаъли асил, александрити табиӣ, ҳамчунин марвориди табии хом ва суфта, бо тартиби муқарраршуда ба сангҳои қиматбаҳои категорияи муқарраршудаи муайян баробар дониста шудаанд, аз ҷиҳати меъёрӣ муайян карда шудаанд. Умуман, қонунӣ будани муомилот бо сангҳои қиматбаҳо аз бисёр ҷиҳатҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузор бо маҳдуд кардани предмети муомилот алоқаманд карда мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи қонун, муомилот бо сангҳои қиматбаҳои шаҳодатнома кардашуда (сертификатсияшуда) бо тартиби муқарраргардида барои фурӯши маснуоти заргарӣ бо сангҳои қиматбаҳо анҷом дода мешаванд ва ин навъи сарватҳо мутобиқи «Қонун дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» умуман аз доираи ҳуқуқҳои махсус хориҷ карда мешавад ва ба ин васила ба соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии граждани рабт мегирад.

---

[178] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Қоидаҳои харидуфурӯш, содирот ва воридоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки металҳои қиматбаҳо ва ранга доранд» аз 6-уми майи соли 2006, таҳти №215.

Бар хилофи сангҳои қиматбаҳои сайқалдодаи сертификатсияшудаи табиӣ фурӯши сарватҳои сертификатсиянашуда аз ҷониби категорияи шахсони воқеӣ манъ карда шудааст. Мутаносибан, агар «чунин фаъолият сурат гирад» – ин кирдор, «ҳангоми мавҷуд будани нишонаҳои дигари» таркиби он, ҷиноят ҳисобида мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки бар хилофи танзими муомилот бо металҳои қиматбаҳо, тартиби анҷом додани муомилот бо сангҳои қиматбаҳо, ба истиснои баъзеҳо, вобаста ба таркиби иштирокчиён, иштироки ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам воқеиро иҷозат дода истода, маҳдудиятҳоро пешбинӣ намекунад.

Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ як қатор қоидаҳои махсусро муқаррар мекунад, ки онҳоро танҳо дар ҳолатҳои зерин татбиқ кардан мумкин аст:

Ҳамин тавр, ба муассисаҳои коркардкунанда барои хариду фурӯши зерин иҷозат дода мешавад:

– хариду фурӯши сангҳои қиматбаҳои табиии сайқалнадода, дар истеҳсолот истифоданашударо ба дигар ташкилотҳо, аз ҷумла, тавассути биржа ва амалиёти баробарвазн нисбати сангҳои қиматбаҳои табииро амалӣ намоянд;

– дар муносибат бо сангҳои табиии коркардшуда, онҳо метавонанд мустақиман бо ташкилотҳое, ки сангҳои табииро дар фаъолияташон истифода мебаранд, ё тавассути биржаи сангҳои табиӣ анҷом дода шаванд.

Аммо, бояд дар назар дошт, ки илова бар истифодаи ин сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳамчун воситаи пардохт, инчунин ҳангоми пардохт кардани қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дода мешавад, ки сангҳои табииро дар истеҳсоли маҳсулоти худ истифода мебаранд, иҷозат дода намешавад.

Қоидаҳои махсус бо назардошти аҳаммияти иқтисодии барои фурӯши алмосҳои дорои вижаги махсус дар бозори хориҷӣ танҳо бо қарори Президенти ҶТ амалӣ карда мешавад. Ҳаҷм, шароит ва тартиби фурӯши алмосҳои андозаашон махсус дар бозори хориҷӣ низ бо қарори алоҳидаи

Президенти ҶТ муайян карда мешаванд (Қоидаҳои харидуфурӯш, содирот ва воридоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки металҳои қиматбаҳо ва ранга доранд: Қарори Ҳукумати ҶТ аз 06.05.2006, таҳти №215). Анҷом додани чунин муомилот бо тартиби дигар имкон медиҳад, ки дар бораи вайрон кардани қоидаҳои иҷрои онҳо сухан кунем.

Фонди алмоси ҶТ қисми таркиби Фонди давлатии металҳо ва сангҳои қиматбаҳои Тоҷикистон, маҷмуи нодири сангҳои қиматбаҳои дорои аҳаммияти таърихию бадеӣ, инчунин маҷмуи маснуоти нодири заргарӣ ва ашёи дигар аз металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошад. Низомномаи Фонди алмоси ҶТ-ро Президенти ҶТ дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» тасдиқ мекунад[179].

Ташкилотҳои истихроҷкунанда дар анҷом додани муомилот оид ба фурӯши сангҳои табиӣ дар шакли хом ва суфта дар бозори дохилӣ ҳуқуқ доранд, ки онҳоро танҳо ба ташкилотҳои коркардкунандаи ватанӣ, дигар истеъмолкунандагони саноатии сангҳои қиматбаҳои табиии коркарднашуда ва дигар воҳидҳои маъмурие, ки дар қаламравашон сангҳои қиматбаҳои табиӣ истихроҷ карда мешаванд, инчунин ба Фонди давлатии металҳои қиматбаҳои ҶТ, Воҳидҳои ҳудудии ҶТ, ки дар қаламрави он сангҳои қиматбаҳои табиӣ истихроҷ карда мешаванд, фурӯшанд, инчунин, ҳуқуқ доранд, ки муомилот оид ба даст овардани сангҳои қиматбаҳои коркарднашудаи табиӣ аз ширкатҳои истихроҷкунандаро, ба миқдори муқарраршуда бо қарори Президенти ҶТ ва ё шартномаи байни ин ташкилотҳои мазкури ҶТ ва Ҳукумати ҶТ, бо нархе, ки аз тарафи Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад, амалӣ намоянд.

Инчунин, тартиби махсус барои анҷом додани муомилот низ вуҷуд дорад, ки ба харидуфурӯши сангҳои қиматбаҳои табиии коркарднашудаи андозаи махсусашон 10,8 карат ё бештар аз он дар бозори дохилӣ нигаронида шудааст».

---

[179] Қисми 1 моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

Хусусияти муомилот дар ин ҷо ба таври мустақим аз субъекти иҷрокунандаи он вобаста аст:

1) Агар фурӯши чунин сангҳои қиматбаҳо аз Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ҶТ амалӣ карда шавад, пас, ба ҳайси яке аз тарафҳо (фурӯшанда) бояд ҳатман мақомоти махсуси ҶТ баромад кунад. Харидуфурӯш бояд дар асоси қарори Вазорати молияи ҶТ мутобиқи нақшаи бароришӣ сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад, гузаронида шавад. Харидуфурӯши алмосҳои зикргардидаи ҳаҷми зиёд, ки дар нақшаи муқарраргардидаи фурӯши сангҳои қиматбаҳои табиӣ муқаррар шудааст, танҳо дар асоси қарори Президенти ҶТ амалӣ карда мешавад.

Ҳамаи ин фикрҳои баёнгардида барои баровардани баъзе хулосаҳо асос медиҳад, ки риоя накардани қоидаҳои дар боло зикршуда, инчунин содир намудани дигар муомилот бо металҳои қиматбаҳо, ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда, кирдори ҷиноятӣ ҳисобида мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ ҳамчун «муомилот ... бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷиноятии ҶТ», ки таркиби кирдори ҷиноятии пешбининамудаи ҳамин моддаро ташкил медиҳад, баён шудааст.

Дар хотир доштан зарур аст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» дар Тоҷикистон биржаҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоеро пешбинӣ мекунанд, ки ба амали доду гирифти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ машғул буда, бо амалиёти зерин алоқам�:

1) сабикаи стандартӣ ва ченакии металҳои қиматбаҳои холискардашуда;

2) сангҳои қиматбаҳои сайқалнахӯрда, ба навъҳо ҷудошуда;

3) сангҳои қиматбаҳои сайқалдодаи сертификатсияшуда;

4) металҳои қиматбаҳои худрӯй;

5) маснуоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба истиснои маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишӣ, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо доранд;

6) маснуоти нимтайёр, ки металҳои қиматбаҳо доранд;

7) тангаҳое, ки металҳои қиматбаҳо доранд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки айни замон дар ҶТ чунин намуди биржаҳо вуҷуд надорад, барои ҳамин «муомилоти категорияҳои номбаршудаи сарватҳо» мувофиқи қонунҳои амалкунандаи ҶТ, санадҳои меъёрии дар боло баррасинамудаи мо, бо назардошти қиёси ҳуқуқӣ ва қиёси қонунӣ, татбиқ карда мешавад.

Ба назари мо чунин мерасад, ки муомилот вобаста ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷиноятии ҶТ, ҳангоми аз ҷониби айбдоршаванда тамоми кирдорҳои зарурӣ, ки таркиби муомилоти муайянеро ташкил диҳанд, ба анҷом расонида шуда бошанд, бояд кирдори анҷомдодашуда ҳисобида шавад. Ҳамин гуна нуқтаи назар дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ низ инъикос ёфтааст[180].

Аллакай ин ҳамчун воқеияти исботшуда эътироф шудааст, ки нодида гирифтани аҳаммияти нишонаҳои тарафи субъективии мазмуни руҳии ба ҷамъият хафноки кирдорро дорад (дар муносибат бо гунаҳкории объективӣ), ҷавобгариро ҳангоми ҷой доштани гуноҳи субъект пешбинӣ мекунад. Қонунгузории ҷинояти принсипи гунаҳкориро дар м. 7 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст. Аломати тарафи объективӣ ҳангоми бандубаст ҷиноят истифода гардида, барои фарқгузории кирдор вобаста ба тарафи объективиашон монанд имконият медиҳад. Аломатҳои субективӣ ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хафнокии ҷиноят таъсир расонида, ҳангоми таъини ҷазо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳайҷон (эҳсосот) ошкор мегардад.

Гуноҳ ҳамчун нишонаи ҳатмии ҳама гуна кирдори ҷиноятӣ дар илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ, одатан «ҳамчун муносибати руҳии шахс нисбати кирдори ба ҷамъият хафноки содирнамудаи ӯ ва оқибатҳои барои ҷамъият хафноки он, ки аз тарафи КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст» шинохта мешавад.

---

[180] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 74–75.

Кирдорҳои ҷиноятии дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки таркибашон мутобиқи сохтори ҳуқуқӣ ва нишонаҳои тарафи объективӣ расман эътироф шудааст, танҳо қасдан буда метавонанд.

Дар навбати худ, чунин кирдорҳои ҷиноятие, ки мутобиқи қ. 1 м. 28 КҶ ҶТ содир карда шудаанд, кирдорҳое, ки бо қасди бевосита ва бавосита содир шудаанд – қ.қ. 2, 3 м. 28 КҶ ҶТ қасдан эътироф шудаанд. Эзоҳи навъи қасдҳои афроде, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир намудаанд ё мекунанду дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, моро ҳатман ба андешае водор карда, асос мешавад, ки содир кардани кирдорҳои ҷиноятии мавриди назари дорои таркиби расмиро, ки танҳо бо қасди бевосита имконпазир мебошанд, ҳисобем.

Дар таҳрири м. 284 КҶ ҶТ айни замон амалкунандаи нишонаҳои тарафи субъективӣ, аз ҷумла, ангеза ва мақсадро ҳамчун нишонаҳои ҳатмӣ дар таркиби зикршуда фарқ намекунад, бинобар ин, онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин, ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Ҳангоми тавсифи объекти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаи ҳуқуқшиносӣ мақом ва хусусиятҳои субъекти кирдори ҷиноятӣ аз нуқтаҳои назари гуногун таҳқиқ ва ба қадри кофӣ омӯхта шудаанд, ки дар навбати худ, «миқдори зиёди таърифҳои онро» муайян мекунад, ки аз рӯйи ҷузъиёти алоҳидаи муҳтаво, аммо асосан «аз ҷиҳати амиқии омӯзиш ва батафсилии тавсифи хусусиятҳо» фарқ мекунанд.

Ҳамин тавр, яке аз муаллифон менависад, ки субъекти кирдори ҷиноятӣ «шахсе мебошад, ки кирдори ҷиноятии (ҳаракат ё беҳаракатӣ) аз ҷониби КҶ манъшударо содир кардааст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад». Муаллифи дигар менависад, ки субъекти кирдор «шахси воқеии мукаллафе мебошад, ки ба синни муқаррарнамудаи КҶ расидааст ва дар содир кардани

кирдори барои ҷамъият хафнок, ки аз тарафи қонун ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шудааст, гунаҳгор ҳисобида мешавад»[181].

Мо дар ин кор мавқеи аз ҷониби профессор Ш.Т. Шарипов додашударо ҷонибдорӣ мекунем, ки «Субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шахси ҷиноят содирнамудае фаҳмида мешавад, ки шахси воқеии мукаллаф буда, ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расидааст, дар ҳолатҳои алоҳида бошад, дорои аломатҳои иловагӣ мебошад, ки барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд»[182].

Бояд қайд намуд, ки таърифҳои дар боло овардашуда то як дараҷа монанданд ва ин бештар ба таърифи субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар КҶ ҶТ нишон дода шудааст, алоқаманд аст: «Ашхосе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад», «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ расидааст» (м. 22 КҶ ҶТ).

Аз муҳтавои м.м. 14–16 КҶ ҶТ чунин бармеояд, ки таъсири қонуни ҷиноятӣ нисбати ҳам шаҳрвандони ҶТ ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ баробар татбиқ карда мешавад. Мутаносибан, ин мафҳумҳо ба категорияи «шахс» тааллуқ доранд, яъне имконият доранд, ки ба сифати субъекти кирдори ҷиноятӣ баромад кунанд ва аз ин рӯ, субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бо назардошти мавҷуд набудани манъ ё ягон маҳдудият, ба фикри мо, бояд ҳам шаҳрвандони ҶТ ва ҳам шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ ва «шахсони бешаҳрвандӣ» дониста шаванд.

Боз як фаҳмиши комилан сатҳии категорияи «шахс»-ро қайд кардан зарур аст, ки аз доираи танзими ҳуқуқии шаҳрвандӣ ба танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ мегузарад. Моҳияти ин хусусият дар он аст, ки таҳти мафҳуми «шахс» дар ҳуқуқи граждани одатан ба ду маъно баррасӣ карда мешавад:

а) ҳамчун «шахси воқеӣ» (боби 3 м.17 Кодекси граждании ҶТ) ва

---

[181] Гаухман Л.Д Квалификация преступлений: закон, теория, практика. 4-е изд., перераб. и дополн. – М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2010. – С. 121.

[182] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2019. – С. 95–96.

б) ҳамчун «шахси ҳуқуқӣ» (боби 4 м. 48 КГ ҶТ), ки аз як тараф, ҳамчун антиподи шахсият баромад мекунад ва аз тарафи дигар, ҳамчун «намудҳои гуногуни ташкилотҳо – шахси идеалӣ», номидан мумкин аст.

Дар муносибат бо нишонаҳои синнусолии субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ пешбинӣ шудааст, бояд ба м. 23 КҶ ҶТ муроҷиат намуд. Мувофиқи м. 23 КҶ ҶТ синну сол, ки «пас аз расидан ба он» имкон дорад ҷинояткор мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ «ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар он ҳолат, ки шахс синнаш ба 16 сол расида бошад».

Инчунин, бояд қайд намуд, ки ғайр аз «субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ, дар илм ва соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсус ҷудо карда шудааст, ки ба маънои «шахси ғайр аз нишонаҳои умумии субекти ҷиноят, дорои нишонаҳои иловагие мебошад, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ва КҶ ФР, ки барои таркиби мушаххаси кирдори ҷиноятии мавриди назар ҳатмӣ мебошанд»[183], «шахсе мебошад, ки дар баробари аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои аломатҳои махсусе мебошад, ки дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин аломатҳои махсус барои таркибҳои мушаххаси ҷиноят ҳатмӣ мебошад[184], фаҳмида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки ба хусусиятҳои хосси таркиби кирдори ҷиноятии мавриди таҳқиқи мо марбут аст, ин аст, ки муомилоти ғайриқонунӣ бо сангҳои қиматбаҳо ва (ё) металҳои қиматбаҳо, инчунин вобаста ба нигоҳдорӣ, интиқол ё кашонидани онҳоро, мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар баробари шахсоне, ки дорои «нишонаҳои субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ мебошанд, инчунин, шахсоне содир карда метавонанд, ки ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам «ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне шахсоне,

[183] Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. 4-е изд., перераб. и дополп. – М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2010. – С. 131.
[184] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 218.

ки «бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо доранд.

Ин ақидаро муаллифони таҳқиқоти вобаста ба «масъалаҳои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» борҳо таъкид кардаанд[185], аммо то ҳол инъикоси мувофиқи матлаби худро дар тавсифҳои аз тарафи мақомоти ҳокимияти қонунгузор ба субъекти кирдори ҷиноятӣ додашуда, ки предмети он дар м. 284 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, наёфтааст.

Асосҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, аз рӯйи боби 2-и кори мазкур хулоса ва пешниҳодҳои зеринро баровардан мумкин аст:

Пас аз барҳамхӯрии ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолият, дар ҳар як давлати аъзои ИДМ КҶ қабул карда шуд, ки он ҳама қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ-ро дар бар мегирад. Аммо на ҳар кадоме аз ин КҶ ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, то ин ё он андоза, пешбинӣ намекунад. Айни замон дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Украина ва Арманистон чунин манъкуниҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нишон дода нашудаанд. Дигар давлатҳои ИДМ (ФР, ҶТ, Ҷумҳурии Узбекистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Туркманистон), ҳарчанд ки онҳо дар кодексҳои ҷиноятии худ муносибатҳо дар бораи манъи муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё манъи вайрон кардани қоидаҳои супоридани ин сарватҳоро пешбинӣ намуданд, дар қонунгузории соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ кам ба назар мерасад, ки ҳам ину ҳам он дар як вақт пешбинӣ шуда бошанд.

Ҳангоми таҳлили КҶ ҶТ бояд қайд намуд, ки меъёрҳои шабеҳи ҳамин Кодекс дар ду модда мустақар шудааст. Масалан, парламенти мо–ҳамчун мақомоти ҳокимияти қонунгузор, онҳоро дар Фасли Х1 «Ҷиноятҳо дар соҳаи

[185] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 85–86; Курс уголовного права. Особенная часть: учебник для вузов. Т.3 / Под ред. д.ю.н., проф. Г.Н. Борзенкова и к.ю.н., проф. В.С. Кочисарова. – М.: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 79–82.

иқтисодиёт», боби 27 «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ ҷой додааст[186].

Мафҳуми «ҳаҷми калон» дар эзоҳи м.м. 284 ва 285 махсусан муайян шудааст, илова бар ин, ҳар ду қайдҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар эзоҳ ба м. 285 КҶ ҶТ омадааст, ки «Вайрон кардани қоидаҳои супоридан ё фурӯши фулузот ва сангҳои қиматбаҳо ба давлат вақте ба миқдори калон содиршуда шуморида мешавад, ки агар арзиши молу маҳсулоти дар ҳамин модда зикргардидаи ба давлат насупорида ё фурӯхтанашуда аз андозаи як ҳазор нишондиҳада барои ҳисобҳо зиёдтар бошад, дар ҳаҷми калон содиршуда ба ҳисоб меравад», яъне воҳиди «ҳадди ақали музди маош» ҳамчун асос гирифта мешавад. Дар эзоҳ ба м. 284 КҶ ҶТ қайд карда мешавад, ки «Кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда, агар арзиши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ гардидаанд, аз як ҳазор нишондиҳада барои ҳисобҳо зиёдтар бошад, дар ҳаҷми калон ҳисобида мешаванд»[187]. Яъне, мафҳуми «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ҳамчун асос гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо м. 285 айнан як чиз нест. Ба назари мо, ҳар ду воҳидҳои гирифташудаи «нишондиҳанда» ба таври кофӣ муносиб нестанд, зеро бо ин роҳ ҳисоб кардан хеле мушкил аст, онҳо хеле тағйирёбанда, инкишофёбанда мебошанд, ки аз ҷанбаи иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ, бахусус бо назардошти шароити иқтисодии кишвар ҳолати ноустуворро ба вуҷуд меоранд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳаҷмҳо ва мафҳумҳои мазкури «ба миқдори калон» ва «ба миқдори махсусан калон» (охирин дар КҶ ҶТ умуман вуҷуд надорад) бо ҳисоби пулии сомонӣ нисбатан муносибтар ва ҳатто боз ҳам устувортар мебуд, зеро дар тӯли 10 соли охир дар кишвар «нишондиҳандаҳо» хеле серҳаракат (тағйирёбанда) буданд, аммо қурби «сомонӣ» нисбат ба онҳо устувортар буд.

---

[186] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, таҳти №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – М. 68–69; – №22. – М. 306; Қонунҳои ҶТ соли 2020, таҳти №1. – М. 8–9; – 2020. – №7–9. – М. 607, 623; – 2020. – №12. – М. 904; – 2021. – №4. – М. 196.

[187] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, таҳти №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – М. 68–69; – №22. – М. 306; Қонунҳои ҶТ соли 2020, таҳти №1. – М. 8–9; – 2020. – №7–9. – М. 607, 623; – 2020. – №12. – М. 904; – 2021. – №4. – М. 196.

Ғайр аз ин, таҳлили гузаронидашудаи ин меъёрҳо нишон медиҳад, ки аввалан, сарлавҳаи предмети сӯиқасд дар м. 284 КҶ ҶТ (талаботи меъёрӣ) ибораи «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» нишон дода шудааст. Аммо, дар айни замон, аллакай дар матн ибора ба «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» мубаддал гаштааст, ки комилан ғайримантиқӣ ба назар мерасад. Марворид дар сарлавҳаи м. 284 КҶ ҶТ (талаботи меъёрӣ) дар шумораи танҳо дода шудааст, дар матн бошад аввал дар шумораи ҷамъ («... бо марворидҳо») ва пас боз дар шумори танҳо нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар м. 285 КҶ ҶТ, ба ҷуз худи металҳои қиматбаҳо ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ», минералҳои худрӯй низ ба доираи объектҳои кирдори ҷиноятӣ дохил карда мешаванд. Сабаби ба онҳо додани чунин мақоми ҳуқуқи ҷиноятӣ номуайян боқӣ мемонад. Ин ихтилофҳо бояд бартараф карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ба ҳайси субъекти муомилот чи тавре дида шуд, танҳо шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд, шахсони воқеӣ бошанд фақат баъзе вазифаҳои субъектҳоро иҷро карда метавонанд, аммо танҳо ба ҳайси соҳибкоре, ки бе ташкили корхона ва ба таври муносиб ба қайд гирифта шудан, фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд. Чи тавре ки баррасӣ намудем, муомилоти вобаста ба истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маъданӣ (минералӣ) ва ашёи хоми дуюм, ки дорои тилло ва нуқра мебошанд, хусусиятҳои худро доранд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар адабиёти таълимӣ, тарафи субъективии ҷиноят ҳамчун «ҳолати дохилӣ-руҳии шахси ҷиноятсодиркарда тавсиф мешавад»[188] дар лаҳзаи содир кардани кирдори ҷиноятӣ муайян мекунад. Чунин нуктаи назар бештар ба назар мерасад. Як қатор матлабҳои дигаре низ мавҷуданд, ки аллакай дар таҳқиқоти илмӣ ба дараҷаи кофӣ ва пурра равшан карда шудаанд[189].

Ин як воқеияти исботшуда эътироф шудааст, ки нодида гирифтани аҳаммияти нишонаҳои тарафи субъективӣ ба таври хафнок ба гунаҳкории объективӣ оварда мерасонад ва ҳамин тариқ, муқаррароти м. 7 КҶ ҶТ-ро

[188] Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ). – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 133.
[189] Ниг.: Солиев К.Ҳ. Таркиби ҷиноят. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 9–15.

вайрон мекунад, ки чунин як принсипи муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «принсипи ҷиноят»-ро танзим мекунад.

Гуноҳ ҳамчун нишонаи ҳатмии ҳама гуна кирдори ҷиноятӣ, дар илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ, одатан «ҳамчун муносибати руҳии шахс нисбати кирдори ба ҷамъият хафноки содирнамудаи ӯ ва оқибатҳои барои ҷамъият хафноки он, ки аз тарафи КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст», шинохта мешавад.

Дар робита бо муҳтавои гуноҳ аз тарафи КҶ ба воситаи нишондодҳои м. 27 КҶ ҶТ дар ду шакл: қасдан ё аз беэҳтиётӣ баён карда мешавад. Аммо дар ҳама таркибҳо, аз ҷумла, дар таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, шакли гуноҳ аз ибтидо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузор пешбинӣ нашудаанд, аз ин рӯ, савол ба миён меояд – чӣ гуна муайян карда мешавад, ки оё ин таркиб, яъне м. 284 КҶ ҶТ шаклҳои қасдона ё аз беэҳтиётӣ гуноҳро пешбинӣ мекунад, ё ин ки ба дилхоҳ намуди ин шаклҳо роҳ дода мешаванд?

Ин масъала дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ шудааст[190] ва дар шаклҳои гуногун баррасӣ шуда истодааст[191].

Аз байни афкори мухталиф, мо ақидаи Р.Ҳ. Раҳимзодаро дастгирӣ мекунем, ки менависад: «Гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субективии тамоми таркибҳои ҷиноят мебошад. Мақсад ва ангеза аломатҳои иловагии он буда, тарафи субъективии на ҳар таркиби ҷиноятро тавсиф медиҳад»[192].

Ҳамчунон, бояд қайд намуд, ки муқаррароти дар б.б. қ.қ. 1 ва 2 м. 284 КҶ ҶТ пешбинишудаи вариантҳои шарҳи «шакли гуноҳ» аз ҷиҳати татбиқи онҳо нисбати м. 284 КҶ ҶТ аз сабаби мавҷуд набудани истилоҳоте, ки ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мушаххас доданро иҷозат диҳанд, наметавонанд ба гирифтани натиҷаи зарурӣ ё қобили қабул оварда намерасонанд. Ба назари мо, дар ин ҳолат усули дар қ. 3 тавсияшуда самараноктар менамояд.

---

[190] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 94.

[191] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). –Душанбе, 2019. – С. 107.

[192] Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода.– Душанбе : «Эр-граф», 2019. – С. 233-234.

Дар асоси гуфтаҳои боло бармеояд, ки кирдори ҷиноятӣ мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ, ки таркиби он мутобиқи сохтори ҳуқуқӣ ва нишонаҳои тарафи объективӣ расмӣ эътироф шудааст, аз беэътиноӣ содир шуда наметавонанд, бинобар ин онҳо танҳо қасдан буда метавонанд.

Ғайр аз ин, таҳрири айни замон амалкунандаи м. 284 КҶ ҶТ нишонаҳои тарафи субъективӣ, аз ҷумла, ангеза ва мақсадро ҳамчун нишонаҳои ҳатмӣ дар таркиби зикршуда фарқ намекунад, бинобар ин, онҳо фақат нишонаҳои факултативие бояд ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани тарафи субъективии ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин, ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Бо назардошти объекти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаи ҳуқуқшиносӣ мақом ва хусусиятҳои субъекти кирдори ҷиноятӣ аз нуқтаҳои назари гуногун таҳқиқ карда шудаанд ва ба қадри кофӣ омӯхта шудаанд, ки дар навбати худ, «миқдори зиёди таърифҳои онро» муайян мекунад, ки аз рӯйи ҷузъиёти алоҳидаи муҳтаво, аммо асосан «аз ҷиҳати амиқии омӯзиш ва батафсилии тавсифи хусусиятҳо» фарқ мекунанд. Ба андешаи мо, «Субъекти ҷиноят, мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ, шахси воқеии мукаллаф буда метавонад, ки қасдан ё беэҳтиётона кирдори барои ҷамъият хафнокеро содир кардааст, ки дар КҶ пешбинӣ шудааст, ба синни муқарраркардаи қонуни ҷиноятӣ расида ва дар баъзе ҳолатҳо дорои баъзе хусусиятҳои махсуси дар меъёрҳои дахлдор зикршуда бошад».

Аз муҳтавои м.м. 14–16 КҶ ҶТ чунин бармеояд, ки таъсири қонуни ҷиноятӣ нисбати ҳам шаҳрвандони ҶТ ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ баробар татбиқ карда мешавад. Мутаносибан, ин мафҳумҳо ба категорияи «шахс» тааллуқ доранд, яъне имконият доранд, ки ба сифати субъекти кирдори ҷиноятӣ баромад кунанд ва аз ин рӯ, субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бо назардошти мавҷуд набудани манъ ё ягон маҳдудият, ба фикри мо, бояд ҳам шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дониста шаванд.

Дар асоси афкори иброзгардида, чунин хулосаҳоро манфиатпазир мешуморем:

1. Дар м. 284 КҶ ҶТ айни замон ангеза ва мақсад ҳамчун нишонаҳои ҳатмии тарафи субъективӣ ифода наёфтаанд, бинобар ин, онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

2. Дар муносибат бо нишонаҳои синнусолии субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ пешбинӣ шудааст, аз рӯйи м. 23 КҶ ҶТ синну сол, ки «пас аз расидан ба он» имкон дорад шахси гунаҳкор мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар он ҳолат, ки шахс синнаш ба 16 расида бошад.

3. Дар баробари шахсоне, ки дорои «нишонаҳои субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ мебошанд, инчунин, шахсоне ҷиноят содир карда метавонанд, ки ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам «ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо доранд.

4. Аммо то ҳол инъикоси мувофиқи матлаби худро дар тавсифҳои аз тарафи мақомоти ҳокимияти қонунгузор ба субъекти кирдори ҷиноятӣ додашуда, ки предмети он дар м. 284 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, наёфтааст.

2.3. Бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқ кардани он аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ

Масъалаҳои бандубастии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳамеша таваҷҷуҳи хосро ба худ ҷалб мекарданд, аммо дар солҳои охир онҳо боз ҳам мубрамтар гаштаанд. Бояд қайд намуд, ки бандубасти кирдори ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин мафҳумҳои

илм ва соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ васеъ истифода мешавад.

Вобаста ба бандубасти ҷиноятҳо олими тоҷик И.Ҳ. Бобоҷонов, бо назардошти мушкилоти амалявии бандубасти ҷиноятҳо китоби худро дар бораи «Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо» дар се қисм аз чоп баровардааст. Дар ин асарҳояш И.Ҳ. Бобоҷонов, масъалаҳои баҳснок ва исботалабро тавассути мисолҳои мушаххас амалявӣ ва асоснокунии он таҳлил намуда, пешкаши хонандагон намудааст.

И.Ҳ. Бобоҷонов бандубасти кирдори ҷиноятиро чунин шарҳ додааст: «Ин муқаррар кардани мувофиқати аломатҳои кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда ба аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар меъёрҳои қисмҳои умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд ва дар натиҷа баровардани хулоса оид ба татбиқи ин ё он моддаи (моддаҳои) КҶ ҶТ мебошад»[193].

Муҳаққиқи дигар дар муқарраркунии мафҳуми бандубасти ҷиноятҳо дур нарафта, аслан дар доираи мафҳуми мазкур таъриф додаанд[194]. В.Н. Кудрявтсев, чунин шарҳ медиҳад: «Муқарраркунӣ ва мустаҳкамкунии мувофиқати аниқ миёни аломатҳои кирдори содиршуда ва аломатҳои таркиби ҷиноят» мебошад. Бандубаст ҳамчун яке аз даврaҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии баррасӣ шудааст, ки аз қабули қарор оид ба он ки, маҳз кадом меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ содиршударо пешбинӣ мекунад ва дар мустаҳкамкунии ин қарор дар санади мурофиавии ҷиноятӣ иборат мебошад»[195].

В.В. Колосовский чунин қайд мекунад, ки мафҳуми бандубаст ба маънои ҳуқуқии ҷиноятиаш якчанд аломатҳоро дар бар мегирад. Аввалан, мафҳуми бандубаст ҳам раванд ва ҳам натиҷаи онро фаро мегирад, ки аз ҷониби субъекти махсуси ҳуқуқтатбиққунанда амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар ин ҷода натиҷаи бандубасти ҷиноят аҳаммиятнок аст,

---

[193] Ниг.: Бобоҷонов И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия): Қ.1. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2012. – С. 6.
[194] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2010.– С. 13.
[195] Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и дополн. – М.: Юристь, 2004. – С.5.

чунки то лаҳзае, ки бандубаст дар ягон шакли мурофиавӣ таҷассум наёбад, он боиси оқибати ҳуқуқӣ намегардад. Танҳо вақте бандубаст дар ягон ҳуҷҷати мурофиавӣ сабт мешавад, иштирокчиёни мурофиаи судӣ аз болои он шикоят карданро пайдо мекунанд. Дуюм, муайян кардани мувофиқати аломатҳои кирдори содиршуда бо аломатҳои таркиби ҷиноят, ки қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар кардааст, аломатҳои бандубасти ҷиноятро ба пуррагӣ фаро намегирад. Бандубасти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба гуфти В.В.Колосовский, зуҳуротест, ки набояд танҳо бо баҳодиҳии кирдори ба ҷамъият хафнок маҳдуд карда шавад[196].

Г.Н. Брозенкова вобаста ба мафҳуми бандубасти ҷиноят қайд намудааст, ки ин «муқаррар кардани мувофиқати таркиби як кирдори мушаххаси ба ҷамъият хафнок бо таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки нишонаҳои он дар диспозитсиҳои меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ҷамъбаст карда шудаанд, фаҳмида мешавад[197]. Илова бар ин, меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсус дар назар дошта мешаванд»[198].

Зиёда аз 65 сол пеш, А.А. Гертсензон, моҳияти категорияи бандубастро мавриди назар карда, ба таври дақиқ ва мухтасар инъикос намудааст: – «Бандубасти ҷиноятҳо аз муқарраркунии мувофиқати кирдори мушаххас ба аломатҳои ин ё он таркиби ҷиноят, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, иборат мебошад»[199].

Бояд қайд намуд, ки кирдори ҷиноятӣ бо таркибҳои бандубастшуда ва баҳодиҳии ҳуқуқи ҷиноятии он дар осори Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонов, К.Ҳ. Солиев ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд. Дар асари мазкур мафҳум ва хусусиятҳои кирдорҳои ҷиноятӣ, таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда, қоидаҳои мураттабгардонии он ва қоидаҳои баҳодиҳии ҳуқуқи ҷиноятии

---

[196] Ниг.: Колосовский В.В. Теоретические проблемы квалификации уголовно-правовых деяний. – М., 2011. – С. 16.
[197] Курс уголовного права. Особенная часть: Учебник для вузов. Т.3 / Под ред. д.ю н., проф. Г.Н. Борзенкова и к.ю.н., проф. В.С. Комисарова. – М.: ИКД Зерцало-М, 2002. – С. 44.
[198] Ҳамон ҷо. – С. 44.
[199] Ниг.: Герцензон А.А., Квалификация преступления. – М.,1947; Куриное Б.А. Научные основы квалификации преступлений. – М.,1984; Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. – М., 1957. – С. 6; Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. Т.1. – М., 1955. – С. 32.

кирдорҳои ҷиноятӣ бо таркибҳои вазнинкунанда аз ҷиҳати умуминазариявӣ ва амалӣ шарҳу эзоҳи ҳамаҷониба ва асосноки худро ёфтаанд[200].

А.В. Иванчин ба муайян кардани мафҳуми «бандубасти таркиби кирдори ҷиноятӣ ва робитаи он бо категорияҳои ба он алоқаманд» таносуби таркиби кирдори ҷиноятӣ ва сохтори ҳуқуқии кирдори ҷиноятӣ, қоидаҳои умумии бандубасти таркиби кирдори ҷиноятӣ аҳаммияти махсус дода истода, онҳоро ба қоидаҳои байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ барои бандубасти таркиби кирдори ҷиноятӣ ва ҳамчунон ба қоидаҳои криминологӣ–сохторӣ, мантиқӣ ва забонии бандубасти таркиби кирдори ҷиноятӣ ҷудо мекунад[201].

Ба як қатор масъалаҳои дар амалия дучоршавандаи ихтилофоти қонунгузорӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо А.Г. Иванов таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст[202].

О.Р. Степанов дар таҳқиқоти диссертатсионии худ[203], ки захираи электронии он дастрас мебошад[204], диққати ҷиддиро ба масъалаҳои муҳимми бандубаст ва татбиқи қонун нисбати таркиби муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва марворидҳои табиӣ равона кардааст.

Дар мақолаи В.И. Гладких[205] таҳлили таркиби муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ пешкаш шудааст, нуқтаҳои назари гуногун оид ба бандубасти он баррасӣ шудаанд, нуқтаи

---

[200] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе, 2019. – С. 83–122.

[201] Ниг.: Иванчин А.В. Конструирование состава преступления: теория и практика: монография / Отв. ред. Кругликов Л.Л. –М.: Проспект, 2014.– С 135–152.

[202] Ниг.: Иванов А.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / А.Г. Иванов // Современное право. – 2010. – №1. – С. 86–90; Иванов А.Г. Законодательные противоречия как проблема квалификации незаконного оборота драгоценных металлов / А.Г. Иванов // Законодательство. – 2010. – №9. – С. 77–80.

[203] Ниг.: Степанов О.Р. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – 187 с.

[204] Ниг.: Научная библиотека диссертаций и авторефератов disserCat [Захираи электрони]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.dissercat.com/content/ugolovnaya-otvetstvennost-za-nezakonnyi-oborot-dragotsennykh – metallov-prirodnykh-dragotsenny#ixzz55IjF9nTZ (санаи муроҷиат: 23.03. 2018).

[205] Ниг.: Гладких В.И. Уголовно-правовая квалификация незаконного оборота драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга (Ст. 191 УК РФ) / В.И. Гладких // Вестник МГОУ. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №3. – С. 112–119.

назари муаллиф оид ба назария ва амалияи истифодаи моддаҳо, аз ҷумла м. 284 КҶ ҶТ, пешниҳод шудааст.

Ба ақидаи А.Г. Иванов, «Аҳаммияти стратегии бозори муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ барои давлат, масалан, ки маркази истеҳсолии бузургтарини платина ва платиноидҳо, тилло, алмос, зумуррад, александрит дар ҷаҳон мебошад, аз онҳо устувории қабули андозҳо аз соҳаи ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт дар даромади буҷети давлатӣ, инчунин пур кардани захираҳои тилло ва асъори давлат, аз ҷумла, барои ФР, захираҳои тилло, Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин Фонди алмос вобастагии калон доранд[206]. Ҳеҷ кас ба ин шак надорад, ки дар марҳилаи кунунии рушди металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ «аҳаммияти бузурги иқтисодӣ» доранд, ва маҳз барои ҳамин, «давлат ва мақомоти он бояд муҳофизати сазовори сарватҳои мавриди назарро, пеш аз ҳама, дар сатҳи ҳуқуқӣ, таъмин намоянд»[207].

Инро низ дар боло қайд кардем, ки дар қонунгузории ҶТ, аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятӣ, ки ба танзими муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, мавҷудияти «шумораи зиёди қайду шартҳо ва ихтилофу камбудии истилоҳоте, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ истифода шудаанд, вуҷуд надоштани заминаи мукаммали меъёрию ҳуқуқиро, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ба он такя намуда, ин сарватҳоро аз сӯиқасдҳои хусусияти ҷиноятидошта ҳимоят кунад, бори дигар таъкид мекунад».

Бенизомии мазкур дар марҳилаи бандубасти кирдорҳои ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла, ҳангоми зарурати дақиқан муайян кардани предмети кирдори ҷиноятӣ, душворӣ, зиддият ва мушкилӣ эҷод мекунад.

Баъзе аз гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки меъёри асосии

---

[206] Ниг.: Иванов А.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / А.Г. Иванов // Современное право. – 2010. – №1. – С. 86.
[207] Иванов А.Г. Асари зикргардида. – С. 86.

марбут донистани сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба предмети муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо «мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои сабти ин сарватҳо ва шаҳодатнома (сертификат), новобаста аз суфта будан ё набудани онҳо» мебошад. Аммо, ба назари мо чунин менамояд, ки ин мавқеи мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ба таври кофӣ дақиқ ва муваффақ нест, зеро он ба «либерализатсияи (озодии) бозори сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва заиф шудани назорати давлатӣ бар муомилоти сарватҳо оварда мерасонад. Зиёда аз ин, чунин бенизомии ҳуқуқӣ кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар ошкор кардани кирдорҳои ҷиноятии иқтисодӣ мушкилтар мекунад».

А.Г. Иванов чунин пешниҳод мекунад, ки «дар натиҷаи бекор кардани муқаррароти мазкур»[208] «дар муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба муомилоти сангҳои қиматбаҳои табиӣ як рахнаи муайян ташаккул ёфтааст, ки барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми мансуб донистани ин сарватҳо ба предмети муомилоти ғайриқонунӣ, мушкилӣ эҷод мекунад»[209]. А.Г. Иванов баъдтар қайд мекунад, ки «бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии дар боло зикршуда ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ», махсусан ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» бояд тағйироте ворид карда шаванд, ки шахсони ҳуқуқи ва воқеӣ ба тасарруфи сангҳои қиматбаҳои табиии носуфта (коркарднашуда) ва сертификатсия нашударо маҳдуд намоянд, инчунин низоми содир кардани муомилот бо чунин сарватҳоро сахттар намоянд». Ва барои он ки нисбатан бомуваффақият, мутаносибан намудҳои мазкури кирдорҳои ҷиноятие, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дуруст бандубаст карда шаванд, «дар сатҳи қонунгузорӣ бояд меъёрҳои мансуб донистани сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба

[208] Об изменении и признании утратившими силу некоторых актов Правительства Российской Федерации в связи с Федеральным законом «О валютном регулировании и валютном контроле: Постановление Правительства РФ от 24.08.2004, №433.
[209] Иванов А.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / Иванов А.Г. // Современное право. – 2010. – №1. – С. 89.

шикастаи маснуоти заргарӣ ва маишӣ муқаррар карда шаванд»[210], ки бо ин ақида бояд мувофиқат кард.

Ҷинояти баррасишаванда вобаста ба фаъолияти нотамоми ҷиноятӣ хусусиятҳои хосси бандубастнамуданро дорад.

Мафҳуми «тайёрӣ ба ҷиноят» дар КҶ ҶТ дода шудааст, ки мутобиқи он «Тайёрӣ ба ҷиноят ин аз тарафи шахс қасдан ҷустуҷӯ, тайёр ё мувофиқ кардани восита ё олоти содир намудани ҷиноят, ёфтани шарикони ҷиноят, забоняккунӣ барои содир кардани ҷиноят ё қасдан фароҳам овардани шароити дигар барои содир кардани ҷиноят мебошад, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад» (қ. 1 м. 32 КҶ ҶТ).

Ҳангоми бандубасти ин ё он кирдори алоҳидаи гунаҳгор, дар чунин марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноят, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳолатҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд.

Кирдорҳое, ки аз ҷониби шахс ҳангоми тайёрӣ ба ҷинояти зикргардида содир карда мешаванд, бояд пеш аз содир намудани кирдори ҷиноятӣ қарор дошта, ягон аз аломатҳои ҳатмии тарафи объективии таркиби зикргардидаро иҷро накунад»[211].

Тайёрӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ, ки аз тарафи м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд «танҳо дар он ҳолатҳое чунин ҳисобида шаванд, ки то охири кирдори ҷиноятӣ бо сабабҳои аз гунаҳгор вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад». Агар шахс ҳаракатҳои тарафи объективии ба таркиби ҷинояти мазкур дохилшавандаро новобаста аз ҷой доштани имконият иҷро накарда бошад, пас, дар ин сурат мо метавонем дар бораи ихтиёран қатъ кардани кирдори ҷиноятӣ, ки аз тарафи Қисми умумии КҶ ҶТ ба танзим дароварда мешавад, сухан ронем.

Бояд дар хотир дошт, «ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои тайёрӣ ба ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин муқаррар карда мешавад» (қ. 2 м. 32 КҶ

---

[210] Иванов А.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / Иванов А.Г. // Современное право. – 2010. – №1. – С. 90.
[211] Иванов А.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / Иванов А.Г. // Современное право. – 2010. – №1. – С. 90.

ҶТ). Дар асоси муҳтавои муқаррароти меъёрии Қисми умумии КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ танҳо он шахсоне кашида мешаванд, ки тайёрӣ ба қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ содир намудаанд. Дар робита бо қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ, тайёрӣ ба кирдори ҷиноятӣ дар ин қисмат ҷавобгарии ҷиноятӣ надорад, зеро «он ба категорияи ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин дохил намешавад», ки ба андешаи мо, бо назардошти аҳаммияти дар боло зикргардидаи вайрон кардани муносибатҳо дар ин маврид, комилан қобили қабул нест. Пас, бояд бо роҳи ворид намудани тағйирот ба санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ, ки ба таҳвияти ҷавобгарӣ барои содир кардани ин кирдори ҷиноятӣ нигаронида шуда, имкони ба категорияи вазнин дохил кардани онро медиҳад, ҳал карда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми бандубасти кирдори гунаҳгор дар чунин шакл «ҳамчун тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят», ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд ба назар гирифта шавад, ки дар муқоиса бо омодагӣ ба сӯиқасд ба содир намудани чунин кирдори ҷиноятӣ – ин оғози мустақими содир намудани кирдори ҷиноятӣ, яъне, аллакай «қисман содир кардани нишонаҳои тарафи объективии кирдори ҷиноятӣ мебошад». Тайёрӣ то ба охир нарасонидани ҷиноят ва мавҷуд будани сабабҳои аз субъект вобастанабуда тавсиф мегардад[212].

Дар асоси гуфтаҳои боло, сӯиқасд ба ҷиноятии мавриди таҳлили мо, бояд аз оғози бевосита содир намудани ҳама гуна кирдорҳои дар диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда ва дар ҳолати ба анҷом нарасонидан, аз рӯйи сабабҳои аз шахс вобастанабуда ба ҳисоб гирифта шавад. Мафҳуми «сӯиқасди ҷиноят» бошад дар Қисми умумии КҶ ҶТ муайян карда шудааст, ки мутобиқи он «Сӯиқасди ҷиноят ҳаракати (беҳаракатии) қасдонаи шахс мебошад, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят равона гардидааст, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад» (қ. 3 м. 32 КҶ ҶТ).

---

[212] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2019 – С. 122.

Масалан, С. санаи 26-уми марти соли 2014, ҳангоми содир намудани муомилот – фурӯши металҳои қиматбаҳо – хӯлаи нуқра, бинобар сабабҳои новобаста аз худи ӯ, кирдори худро то ба охир нарасонида, аз ҷониби кормандони милитсия боздошт шуд. Кирдори С. аз ҷониби суд мутобиқи қ. 3 м. 32 ва қ. 1 м. 284 КҶ ба таври асоснок бандубаст карда шудааст.

Агар муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ «то нақшаи кашидаи гунаҳгор аз рӯйи иродаи худи ӯ (ҳангоми дарки он, ки ин кирдори ҷиноятиро ба охир расонида метавонад)» ба охир нарасонад, пас, кирдори ӯ, дар ин маврид, бояд ҳамчун амали ихтиёран даст кашидан аз кирдори ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад.

Инчунин, сӯиқасд метавонад нобоб бошад, яъне, онро ҳамчун «сӯиқасди номуваффақ вобаста ба хатогии шахс дар кирдори ҷиноятӣ» эътироф кардан мумкин аст ва ҳамин тариқ, ҳангоми сӯиқасди нобоб шахс «ҳама кирдорҳоро бидуни истисно»[213] иҷро мекунад, ки ба таркиби тарафи объективии кирдори ҷиноятии анҷомдодашуда дохил мешаванд, пас дар ин ҳолат фарқият аз мафҳуми зикргардидаи «сӯиқасд» дар он аст, ки нияти гунаҳгор, ки ба содир кардани кирдори ҷиноятӣ равона карда шуда буд, «дар натиҷаи хатогиҳои гуногуни гунаҳгор»[214] ва оқибат аз ҷониби ӯ дар амал татбиқ карда нашудааст.

Мутобиқи таркиби ҷиноятӣ баррасишаванда, сӯиқасди нобоб, масалан, дар ҳолати хатогии гунаҳгор дар предмети ҷиноятӣ, вақте ки ба сифати сангҳои қиматбаҳои табиӣ шахс ҳангоми муомилоти хуриду фурӯши ғайриқонунӣ ба шахси дигар сангҳои сунъӣ ё сангҳои қиматбаҳои сунъиро мефурӯшад, зоҳир мегардад. Дар ин ҳолат, кирдори содирнамудаи харидор, бояд сӯиқасди кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳамчун сӯиқасди нобоб бандубаст карда шавад.

Муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ низ, ки дар шарикӣ содир карда шудаанд, дорои хусусиятҳои муайяни бандубаст мебошанд.

---

[213] Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. 4-е изд., перераб. и дополн. – М.: АО «Центр ЮрИнфор», 2010. – С. 186.
[214] Гаухман Л.Д. Асари зикргардида. – С. 187.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҷанбаҳои мухталифи «ҷавобгарӣ барои шарикӣ» корҳои зиёде бахшида шудаанд[215], аз ин рӯ, мо бо хулоса кардани онҳо иктифо мекунем.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тамоми аломатҳои шарикӣ дар ҷиноят ба ду гуруҳ тақсим карда мешавад:

1) Аломатҳои объективӣ;

2) Аломатҳои субъективӣ.

Ба гуруҳи аломатҳои объективии шарикӣ дар ҷиноят иштироки ду ё зиёда шахсон ва амали якҷоя дохил мешаванд.

Ба гуруҳи аломатҳои субъективии шарикӣ дар ҷиноят хусусиятҳои қасдонаи он дохил мешаванд.

1) иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсон;

2) якҷоя содир намудани ҷинояти қасдона[216].

Барои эътироф кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар шарикӣ зарур аст, ки дар ин раванд ҳадди ақал ду нафар иштирок кунанд, илова бар ин, онҳо ба таври ҳатмӣ бо «ҳамаи нишонаҳои субъекти» кирдори ҷиноятӣ мувофиқат кунад. Инчунин, агар ҳангоми содир кардани ҷиноят як шахси мукаллаф ва як шахси номукаллаф иштирок карда бошанд, ё ҳангоми содир кардани ҷиноят як шарик ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошаду, шарикӣ дигар субъекти ҷиноят набошад, дар ин ҳолат низ шарикӣ вуҷуд надорад[217]. Ба ин нуқтаи назар мавқеи Пленуми Суди Олии ҶТ мувофиқат мекунад, ки масалан, дар қарори худ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25-уми июни соли 2004 нишон додааст, ки «...гуруҳи шахсони бо маслиҳати пешакиро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд,

---

[215] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе : «Эр- граф», 2019. – С. 295–309; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2019. – С. 126–127; Бобоҷонов И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия): Қ. 1. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2012. – С. 150.

[216] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе : «Эр-граф», 2019. – С. 295.

[217] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе : «Эр-граф», 2019. – С. 295.

ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номуккалаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст, аз лиҳози ҳуқуқӣ, яъне аз нуқтаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гуруҳ дохил шуда наметавонанд, гарчанде ки онҳо амалан дар ниҳоӣ гирифтани молу мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам» (б.13)[218].

Инро ҳам бояд қайд намуд, ки «фаъолияти ҳар яке аз шарикон мавҷудияти қасди якҷоя бо шахсони дигар содир намудани худи ҳамон як кирдори ҷиноятиро пешбинӣ кунад».

Якҷоягӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят аз чор аломатҳои зерин иборат аст:

1) ҷиноят тавассути кӯшиши якҷояи якчанд шахс содир мешавад;

2) натиҷаи ҷиноят барои ҳамаи шарикон умумӣ ва ягона мебошад;

3) ҳаракати ҳар як шарик дар ҳолатҳои мушаххас ҷинояти умумии онҳо мебошад ва шартҳои зарурии содир шудани ҷиноят аз тарафи дигар шарик ба шумор меравад;

4) натиҷаи ҷиноят ё факти содир шудани ҷиноят дар алоқамандӣ бо робитаи сабабӣ барои ҳар як ҳаракати шарик вуҷуд дорад[219].

Бо вуҷуди ин, ҳеҷ зарурат надорад, ки иҷрокунанда аз кирдорҳои ҳамаи шариконаш хабар дошта бошад. Барои бандубаст ва эътироф бо тасвияи мавҷуд будани огоҳии мутақобил, донистани ҳадди аққал кирдорҳои яке аз онҳо кифоят мекунад.

Ҳангоми бандубасти кирдори ҷиноятӣ, дар маҷмуъ ва муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар алоҳидагӣ, чунин як лаҳзаи муҳим ба монанди фарқ кардани байни шарикӣ ва алоқамандӣ дар кирдори ҷиноятиро ба назар гирифтан зарур аст. Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи ин масъала воқеъбинона қайд карда шудааст, ки «ба ҳайси лаҳзаи ҳудудгузоранда дар ин маврид набудани нишонаи якҷоягӣ баромад мекунад. Субъекти бо кирдори

[218] Ниг.: Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ (солҳои 2002-2011). – Душанбе: Қонуният, 2012. – С. 76.
[219] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Асари зикргардида. – С. 286.

ҷиноятӣ алоқамандидошта, амали худро бо иҷрокунанда ё шарикони дигар ҳамоҳанг намекунад. Фаъолияти ӯ бо розигии пешакӣ амалӣ карда нашудааст ва шарти зарурӣ барои содир кардани кирдори ҷиноятӣ намебошад»[220]. Агар субъект пешакӣ, қабл аз содир кардани кирдори ҷиноятӣ ё ҳангоми омодагӣ, сӯиқасд ваъда дода бошад, ки бо ягон роҳи муайян ба содир кардани кирдори ҷиноятӣ мусоидат мекунад, пас, дар ин ҳолат нақши шарикро «ҳамчун ёрдамчӣ ҳисобидан мумкин аст» ва ӯ мутобиқи моддае, ки иҷрокунандаро ҷавобгар мекунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар ҳолате ки чунин ваъда пас аз содир шудани сӯиқасд, яъне дар марҳилаи анҷом ёфтани кирдори ҷиноятӣ бошад, пас, аз сабаби вуҷуд надоштани робитаи мутақобила, ҳамчун нишонаи муҳимтарини шарикӣ, кирдорҳои шахс ҳамчун алоқамандӣ ба ҷиноят ҳисобида мешаванд[221]. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки бар хилофи КҶ ҶШС Тоҷикистон (1961 с.) мутобиқи КҶ амалкунандаи ҶТ дахлдори ба ҷиноят танҳо ҳангоми хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он (м.347 КҶ ҶТ) бар замми ин танҳо нисбати ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин сазовори ҷазо мебошад.

Вобаста ба м. 284 КҶ ҶТ танҳо хабар надодан ё пинҳон доштани он ки бо аломатҳои вазнинкунанда содир шудааст (қ.2 м. 284 КҶ ҶТ), боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи м. 347 КҶ ҶТ мегардад. Таркиби асосии м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгариро аз рӯйи м. 347 КҶ ҶТ истисно месозад, зеро он ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна дохил мебошад.

Мутобиқи м. 39 КҶ ҶТ қонунгузор чунин шаклҳои шарикӣ дар ҷиноятро фарқ намудааст: ҷиноят бе маслиҳати пешакӣ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда, ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гуруҳи шахсон содиршуда, гуруҳи муташаккил ва иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ).

---

[220] Уголовное право. Общая часть: учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М.: Новый Юрист, КноРус, 1997. – С. 363.

[221] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М.: Новый Юрист, КноРус, 1997. – С. 363–364.

Аз шаклҳои зикршудаи шарикӣ дар ҷиноят дар қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ танҳо аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир шудани ҷиноят ба сифати аломати вазнинкунанда муқаррар шудааст.

Ин ҷо, ба андешаи мо, ба сифати аломати вазнинкунандаи м. 284 КҶ ҶТ нишон дода нашудани содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хафнокии кирдор мувофиқ намебошад. Ғайр аз ин, дар чунин маврид саволе пайдо мешавад, ки барои чӣ қонунгузор дар аксарияти ҷиноятҳои дар моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда шакли мазкури шарикӣ дар ҷиноятро ба сифати аломати вазнинкунанда муқаррар сохтаасту вале дар м.284 КҶ ҶТ онро аз мадди назар дур кардааст. Бинобар ин, ба андешаи мо, агар содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ҳамчун аломати вазнинкунанда дар м. 284 КҶ ҶТ низ пешбинӣ мегардид, асоснок мебуд зеро содир шудани он бо чунин шакли шарикӣ дар ҷиноят дараҷаи ба ҷамъият хафнокии ҷинояти мазкурро зиёд менамояд ва он бояд сазовори ҷазои вазнинтар бошад.

Содир намудани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз ҷониби «гуруҳи муташаккил» яке аз аломатҳои вазнинкунандаи кирдори ҷиноятии дар қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда мебошад.

Барои муайян намудани аломати мазкур рӯй овардан ба қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ зарур мебошад, ки дар он аломатҳои гуруҳи муташаккил номбар шудаанд. Мутобиқи моддаи мазкур «Ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гуруҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад» (қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ).

Ҳангоми бандубасти бастани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид вобаста ба аломати мазкури вазнинкунанда бояд якчанд лаҳзаҳоро ба инобат гирифт.

Аввал, гуруҳи муташаккилро аломати миқдорӣ тавсиф медиҳад. Он бояд аз ду ё зиёда шахсон иборат бошад, ки мукаллаф ва ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан расида бошанд.

Дуюм, аъзоёни гуруҳ бояд пешакӣ барои содир намудани як ё якчанд амалҳои вобаста ба бастани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ муттаҳид шуда бошанд. Гуруҳи мутташаккил мумкин аст танҳо барои содир намудани ҷинояти мазкур ё дар баробари ин барои содир намудани ҷиноятҳои дигар низ муттаҳид гарданд.

Сеюм, гуруҳи мазкур дорои аломати устуворӣ мебошад[222].

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25-уми июни 2004 «Бар хилофи гуруҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гуруҳ муташаккил, аз ҷумла, аз рӯйи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашуда фаъолияти якҷояи ҷиноятқорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзоёни гуруҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷиноятқорона, тавсиф карда мешавад.

Дар бораи устувории гуруҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замонии мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гуруҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гуруҳи муташаккил барои ворид шудан ба амборхона барои гирифтани пул ё дигар сарватҳои моддӣ) шаҳодат дода метавонанд.

Ҳангоми аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир гардидани ҷиноят ҳаракатҳои ҳамаи иштирокчиён, новобаста аз нақши онҳо дар ҳаракатҳои

[222] Ниг.: Иванов А.Н.Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – С.109–110.

содиргардида, бояд чун ҳамиҷрокунанда, бе ҳавола ба м. 36 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Агар шахс дигар шахс ё гуруҳи шахсонро ба ташкил кардани гуруҳи муташаккил барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас таҳрик карда бошаду лекин дар интихоб карда гирифтани иштирокчиёни он, банақшагирӣ ва тайёрӣ ба содир кардани ҷиноятҳо (ҷиноят) ё ин ки амалӣ намудани онҳо, иштироки бевосита накарда бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд чун ҳамиштирокчӣ дар содир кардани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил, бо ҳавола ба қ. 4 м. 36 КҶ ҶТ, бандубаст карда шаванд» (б. 17)[223].

Бо назардошти сатҳи баланди ташкили дохилии шакли мазкури шарикӣ назар ба масалан, гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мутобиқи нишондоди қ. 6 м. 39 КҶ ҶТ талаботи нисбатан ҷиддӣ ба асос, шароит ва ҳадди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз ҷониби иштирокчиёни гуруҳи муташаккил содир гардидани ҷиноят муқаррар мешавад. Аз ҷумла, ташкилкунанда ё роҳбари гуруҳи муташаккил ҳангоми содир намудани ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ муқарраршуда, барои ҳама ҷиноятҳои аз ҷониби гуруҳ содиршуда ба сифати иҷрокунанда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, новобаста аз он ки ӯ дар содир намудани онҳо бевосита иштирок намудааст. Дигар иштирокчиёни гуруҳи муташаккил барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ, инчунин барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ метавонад аз ҷониби иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) сурат гирад. Мутобиқи қ.қ. 4 ва 5 м. 39 КҶ ҶТ «Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гуруҳи муташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба

[223] Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ (солҳои 2002-2011). – Душанбе: Қонуният, 2012. – С. 78.

тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад

Ҷиноят дар ҳолате аз ҷониби иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содиршуда эътироф мешавад, ки агар онро узви (аъзои) чунин иттиҳод ҷиҳати иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи он, инчунин бо супориши иттиҳоди ҷиноятӣ шахсе содир карда бошад, ки узви иттиҳоди ҷиноятӣ нест».

Дар ҳолати аз ҷониби иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир гаштани ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда ҷавобгарӣ мутобиқи қ. 2 м. 284 ва м. 187 КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ)) бандубаст карда мешавад.

Бандубасти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ҳангоми ҷой доштани чунин ҳолати вазнинкунанда, ба монадӣ содир намудани ҷинояти мазкур ба миқдори калон (б. «б» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ) хусусиятҳои худро доро аст.

Вобаста ба сохтори меъёр, ҳолати мазкури вазинкунанда ҳам нисбати содир кардани муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ҳам нисбати ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан ё кашондани онҳо баробар татбиқ карда мешавад. Мавҷудияти аломати мазкур бо назардошти арзиши металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят муқаррар карда мешавад. Арзиши предметҳои мазкур аз ҷониби мутахассисони Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи ҶТ дар ҷараёни гузаронидани экспертизаҳои дахлдор, муайян карда мешавад.

Мутобиқи эзоҳи м. 284 КҶ ҶТ «Кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҳамон вақт ба миқдори калон содиршуда эътироф карда мешаванд, ки агар арзиши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ гардидаанд, аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёдтар бошад».

Ҳангоми татбиқ намудани аломати вазнинкунандаи мазкур, чи тавре А.Н. Иванова[224] дуруст қайд месозад, бояд ба миқдори калон содир шудани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро қасди гунаҳкор дар бар гирад.

Дар акси ҳол, агар шахси гунаҳкор дарк накунад, ки ин кирдорро маҳз ба миқдори калон содир кардааст, пас, ин амал мутобиқи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ ҳамчун муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бидуни ҳолатҳои вазнинкунанда бандубаст карда мешавад.

Дар айни замон, чунин ба назар мерасад, ки агар на як, балки якчанд кирдорҳои ҷиноятии аз ҳамдигар ҷудо содир гардида шуда бошанд, ки дар диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд ва онҳо агар бо қасди алоҳида содир шуда бошанд, пас, бо мақсади истисно намудани гунаҳкории объективӣ набояд дар умум арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки предмети ҷиноятҳои алоҳида ҳисоб мешаванд ҷамъ карда шуда, кирдор аз рӯйи б «б» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Ба ақидаи мо, баръакс, дар чунин ҳолатҳо, агар ҷинояткор қасди содир намудани ҷиноят ба миқдори калонро дошта бошад, ҳангоме ки вай чунин қасдро қисм ба қисм, яъне ҳар дафъа бо содир кардани, масалан, муомилоти ғайриқонунӣ ба миқдори камтар анҷом дода бошад, кирдорҳои ӯ бояд мувофиқи банди «б» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад. Агарчи дар мисоли овардашуда, шахс қасди худро вобаста ба сабабҳои аз ӯ вобастанабуда то ба охир нарасонида бошад, пас, суиқасд барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ба миқдори калон ҷой дошта кирдор мутобиқан ба қ. 3 м. 32 ва б «б» қ.2 м. 284 КҶ ҶТ бандубаст мегардад.

Дар ҷамъбасти мухтасари гуфтаҳои боло, яъне таҳлили бандубаст ва масъалаҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ба охир расонида истода, пеш аз ҳама, бояд

[224] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 109.

қайд намуд, ки мушкилоти бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта, дар солҳои охир боз ҳам дучандон мубрамтар шудаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бандубасти кирдори ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин мафҳумҳои илм ва соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ васеъ истифода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар муқоиса бо таҳлили кирдорҳои ҷиноятӣ ва масоили марбут ба бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки воқеан масъалаи ҳам назариявӣ, ҳам методологӣ ва ҳам амалиро дар худ ифода мекунад, масъалаи марбут ба ҳудудгузории муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз таркибҳои ба он наздик дар маҷмуъ, он қадар мураккаб нест. Аввал ин ки, масъалаи мазкур аз нуқтаи назари дараҷаи омӯзиши масъала яке аз масоили бисёр коркардашуда мебошад, дуюм ин ки, айни замон, ин масъала дар амалия ҳамеша таваҷҷуҳи махсусро ба худ ҷалб кардааст ва сеюм ин ки, илм ва амалия ҳеҷ гоҳ дар якҷой намеистанд, аз ин рӯ, ҳамеша ҷиҳатҳои алоҳидаи масъала боқӣ мемонанд, вуҷуд доранд ва боз пайдо мешаванд, ки ба таври мухтасар бояд равшан карда шаванд.

Дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ баъзан зарурати аз ҳам ҷудо намудани ҷинояти баррасишаванда ва тасарруфи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо пайдо мешавад.

Бандубасти тасарруфи арзишҳои зикршуда бевосита аз муқаррар намудани мақоми онҳо вобаста мебошад, яъне онҳо арзишҳои моддӣ–молумулкӣ ба ҳисоб мераванд, ки дорои арзиши муайян ва дар ифодаи пулӣ нарх доранд ё ба сифати боигарии табиӣ баромад менамоянд, ки аз муҳити табиӣ ҷудо карда нашудаанд.

Металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиие, ки дар дохили минтақаи алоҳида ҷойгиранд, масалан, дар минтақаи саноатӣ, ки ба корхонаи (ташкилоти) истихроҷкунанда тааллуқ дорад, пешниҳод карда мешавад, на ҳамчун «сарвати табиӣ» ҳисобида шавад, зеро онҳо бевосита ба

раванди технологӣ ва истеҳсолии истихроҷи онҳо, ҳамчун маҳсулоти давраи нотамоми истеҳсолӣ, шомил карда мешаванд. Чунин ҳисобида мешавад, ки ҳатто ин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҳанӯз дар қаъри замин ҷой дошта истода, аллакай аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷудо шудаанд. Зиёда аз ин ҳамчун предмети меҳнати ташкилоти истихроҷкунандаи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ захираҳои назарраси пулию молиро дар худ нигоҳ медоранд, ки аз тарафи соҳиби моликият, масалан, ҳангоми гузаронидани корҳои таҳқиқу ҷустуҷӯӣ–геологӣ, барои омода кардани «бурриши конҳои зеризаминии канданиҳои фоиданок барои истифодаи саноатӣ» харҷ карда мешаванд, хароҷот вобаста ба пардохти музди меҳнати кормандони ташкилот (корхона) ва ғайра мебошанд. Ҳолатҳои мазкури комилан асоснок имкон медиҳанд, ки муомилоти ғаразнок ва манфиатхоҳонаи ин сарватҳо ба манфиати худ ё ба манфиати шахси сеюм, ки дар қаламрави ин ширкати истихроҷӣ (ташкилот, корхона) содир карда мешаванд, ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр ҳисобида шаванд.

Дар ҳама ҳолатҳои дигар, ҳангоми амалӣ намудани истихроҷ ва муомилоти худсаронаи (ғайриқонунии) металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки ҳанӯз «дар қаъри замин ва берун аз қаламрави истеҳсолии корхонаҳои истихроҷӣ» қарор доранд, ба манфиати худ ё ба манфиати шахси сеюм, набояд ҳамчун тасарруф бандубаст карда шаванд. Нуқтаи зикршуда, дар айни замон, дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ бартарӣ дорад[225].

Дар адабиёти илмӣ қайд шудааст ки, масалан, агар металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳои табиӣ аввал предмети дуздӣ қарор гирифта бошанду баъдан, боз предмети муомилоти ғайриқонунии шахси гунаҳгор бо ашхоси дигар шуда бошанд, пас, дар ин ҷо маҷмуи воқеии тасарруфи молу

[225] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 119-120; Королев А.Г. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия незаконному обороту драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2004. – С 113–114.

мулки ғайр ва муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҷой дорад[226].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзан дар мавриди ҷой доштан ё надоштани маҷмуи ҷиноятҳо ҳангоми тасарруф ва муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ақидаҳои дигар низ баён мешаванд. Масалан, ба андешаи А.Г.Королев маҷмуи тасарруф ва муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо на танҳо дар ҳолатҳои бастани аҳд бо арзишҳои тасарруфшуда ҷой дорад, зеро дар диспозитсияи м.191 КҶ ФР (м.284 КҶ ҶТ), инчунин, ҳаракатҳои дигар низ ба монандӣ ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан ё кашондани металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ пешбинӣ шудаанд. Бинобар ин, аз лаҳзаи тасарруфи арзишҳо шахс воқеан металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро доро мебошад, ӯ аллакай муомилоти ғайриқонунии онҳоро анҷом медиҳад[227], ки мо низ ба ин ақида комилан тарафдор мебошем.

Дар байни шаклҳои тасарруфи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мавқеи махсусро қаллобӣ ишғол менамояд.

Ҳолатҳое ба вуҷуд омада метавонад, ки шахс бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр (маблағи пулӣ) ҳангоми аҳдҳои ғайриқонунии хариду фурӯш қасдан бо роҳи фиреб ба шахси дигар гӯё ба сифати санги қиматбаҳо предметҳои дигари шабеҳ ба онҳоро медиҳад.

Дар ин ҳолат, кирдори шахси гунаҳгор бояд ба тариқи зерин бандубаст карда шавад: а) аз рӯйи хусусияти кирдор ва самти қасд, агар кирдори ҷиноят ба анҷом расонида шуда бошад, шахси ба сифати фурӯшанда баромад намоянда, бояд барои қаллобии хотимаёфта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Мувофиқи худи ҳамин асосҳо шахси харидор, дар ин ҳолат, барои содир кардани сӯиқасд ба ҷиноятӣ м. 284 КҶ ҶТ ҷавобгар дониста мешавад,

---

[226] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу РФ / Под ред. Скуратова Ю.И, Лебедева В.М. – М.: ИНФРА-М-НОРМА, 1996. – С. 158.

[227] Ниг.: Королев А.Г. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия незаконному обороту драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2004. – С. 114.

ки ба муқаррароти таълимот дар бораи суиқасди «нобоб» мувофиқ мебошад[228].

Таркиби ҷиноятӣ м. 284 КҶ ҶТ бо таркиби ҷиноятӣ дар м. 285 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ) муқарраршуда низ наздикӣ дорад.

Новобаста ба он ки таркиби ҳар ду ҷиноят дар як боби КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир шудаанд, амалан кирдорҳои ҷиноятии мазкур ба соҳаҳои гуногуни системаи ҳамон як муносибатҳо таҷовуз меоваранд, ки ҳифзи онҳо аз ҷониби қонунгузор ба таври сунъӣ ба меъёрҳои гуногун ҷудо карда шудааст.

Объекти бевоситаи муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки муҳтавои онҳоро қоидаҳои бо қонунгузорӣ муайяншудаи тартиби бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, тартиби нигоҳдоштан, интиқол ва кашондани онҳо ташкил медиҳад.

Объекти бевоситаи вайрон кардани қоидаҳои супоридани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба давлат низ ҳамон маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки муҳтавои онҳоро «уҳдадории супурдани металҳои қиматбаҳо барои холискорӣ ё риоя намудани талаботи фурӯши ҳатмии металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба давлат» ташкил мекунад, ки барои таъмини «фаъолияти мувофиқи матлаби низоми назорати давлатии сифати металҳои дар истеҳсолот истифодашаванда», баҳисобгирӣ ва истифодаи самараноки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиии истихроҷ ва истеҳсолшуда пешбинӣ шудааст, ки ҳамчунон дар қонеъ кардани эҳтиёҷоти давлат, бо мақсади ташаккули захираи давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ифода меёбад[229].

---

[228] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 118–119.

[229] Ниг.: Бессонов К.Б. Нарушение правил сдачи государству драгоценных металлов и драгоценных камней (основания криминализации, состав преступления и вопросы квалификации): дис. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2003. – С. 78–79.

Тарафи объективии таркиби ҷинояти баррасишаванда дар кирдор дар шакли ҳаракат – додугирифти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан ё кашондани онҳо ифода меёбад. Тарафи объективии таркиби ҷинояте, ки дар м. 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар кирдор дар шакли беҳаракатӣ ифода ёфтааст, яъне саркашӣ кардан аз ҳатман ба аффинаж супоридан ё ҳатман ба давлат фурӯхтани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои аз қаъри замин истихроҷшуда ё аз ашёи хоми муштақ ба даст овардашуда, ҳамчунин бардошташуда ё ёфташуда. Ба ҳайси аломати ҳатмии тарафи объективӣ дар м. 285 КҶ ҶТ содир намудани он ба миқдори калон нишон дода шудааст.

Фарқият дар аломатҳои субъектии ин ҷиноятҳо низ ба назар мерасад

Агар субъекти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид умумӣ ва ҳам махсус шуда тавонад, пас субъекти вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо ба ақидаи муҳаққиқони ин масъала танҳо махсус мебошад, яъне шахсе, ки ба зиммаи ӯ уҳдадории ҳатман ба аффинаж супоридан ё ҳатман ба давлат фурӯхтани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо гузошта шудааст[230].

Дар ҷараёни бандубасти ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда онро бояд ба инобат гирифт, ки вайрон намудани талабот оид ба ҳатман ба давлат супоридани (фурӯхтан) тилло, дигар металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои аз қаъри замин истихроҷшуда бо минбаъд бастани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо чунин арзишҳо ё ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан ё интиқол додани онҳо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки мумкин аст металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тавассути сарҳади давлатии ҶТ бо вайрон намудани қоидаҳои муқарраршуда гузаронида шаванд. Дар чунин мавридҳо масъалаи аз ҳам

---

[230] Ниг.: Бессонов К.В. Асари зикргардида. – С. 127–134; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общей редакцией д.ю.н., проф. Н Г. Кадникова. – М.: Книжный мир, 2004. – С. 504.

ҷудо намудани м.м. 284 ва 289 КҶ ҶТ ба вуҷуд меоянд. Ҷиноятҳои мазкур дар аввал вобаста ба объект фарқ мекунанд. Объекти ҷинояти дар м. 289 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими тартиби интиқоли молу маҳсулот тавассути ҳудуди гумрукӣ мебошад[231]. Фарқият дар аломатҳои тарафи объективӣ, аз ҷумла ҷойи содиршавии ҷиноят низ ба назар мерасад.

Ҳангоми аз сарҳади гумрукӣ бо роҳи қочоқ гузаронидани металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо кирдори шахс бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо, яъне м.м. 284 ва 289 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад[232]. Чунин тавзеҳот дар Қарори Пленуми Суди Олии собиқ ИҶШС аз 3-юми феврали соли 1978, таҳти №2 низ муқаррар шуда буд[233].

Бо вуҷуди ин, тавре ки ба назар мерасад, бояд дар хотир дошт, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ низ предметҳое мебошанд, ки аз сарҳади гумрукии ҶТ мегузаранд ва ин бо тартиб ва низоми махсусан муқарраршуда, ки аз ҷониби як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар ва амалӣ карда мешавад, аз ҷумла Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки металлҳои қиматбаҳо ва ранга доранд» аз 6-уми майи соли 2006, таҳти №215[234].

Ҳамин тавр, таҳлили масъалаҳои бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва ҳудудгузории ин таркиб аз таркибҳои кирдорҳои ҷиноятии ба он наздик, ба мо имконият медиҳад, ки ба хулосаҳои асосии зерин бирасем:

1. Мувофиқи қ. 2 м. 32 КҶ ҶТ ва вобаста ба мазмуни м.18 КҶ ҶТ барои содир намудани тайёрӣ ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид танҳо шахсеро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

---

[231] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С. 61.

[232] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 127.

[233] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 03.02.1978 «О судебной практике по делам о контрабанде» // Бюллетень Верховного Суда СССР. – 1978. – №2.

[234] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Қоидаҳои хариду фурӯш, воридот ва содироти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо ва ранга доранд» аз 06.05.2006, таҳти №215.

кашидан мумкин аст, ки агар тайёрӣ барои амалӣ намудани таркиби ин ҷиноят бо ҳолатҳои вазнинкунандаро, ки дар қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, анҷом дода бошад.

2. Ҷавобгарии гунаҳкорон барои бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, ки дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шудааст, мутобиқи қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ ва м.187 КҶ ҶТ фаро мерасад.

3. Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид бояд аз ҷиноятҳои дигар фарқ карда шавад:

Аз тасарруф. Бояд онро дар назар дошт, ки предмети тасарруф мумкин аст танҳо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое бошанд, ки боигарии табиӣ ба ҳисоб нараванд, яъне аз муҳити табиӣ ҷудо карда шуда бошанд. Тасарруфи чунин арзишҳо ва минбаъд нисбати онҳо содир намудани аҳди ғайриқонунӣ ё ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, кашонидан, интиқол додани онҳо маҷмуи ҷиноятҳои дар м. 284 КҶ ҶТ ва дар моддаҳои дахлдори ҷавобгариро барои тасарруф муқарраркунандаро ташкил медиҳад.

4. Ҳангоми зарурати фарқ кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва қаллобӣ, чи тавре ки дар боло қайд кардем, бояд ба назар гирифта шавад, ки агар предмети муомилоти ғайриқонунӣ металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ набошад, балки «ашёҳои ба онҳо монанд» бошанд, ки ҳаргиз ба қасди яке аз тарафҳо мувофиқат намекунанд, бандубасти кирдори гунаҳгорон мутобиқи м. 247 КҶ ҶТ (Қаллобӣ) ва бо қ. 3 м. 32 ва м. 284 КҶ ҶТ (тарафи харидор) амалӣ карда мешавад.

5. Аз м. 285 КҶ ҶТ, ки вобаста ба соҳаи ҳифзи муносибатҳо бо м. 284 КҶ ҶТ наздикӣ дорад, фарқият вобаста ба объекти бевоситаи таҷовуз ва тарафи объективӣ, инчунин вобаста ба субъекти ҷиноят ҷой дорад. Содир намудани саркашӣ аз уҳдадории ҳатман ба аффинаж супоридан ё ҳатман ба давлат фурӯхтани металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо ва минбаъд анҷом додани ҳаракати дилхоҳ, ки муомилоти ғайриқонунии онҳоро тавсиф

медиҳад, маҷмуи ҷиноятҳои дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинишударо ташкил менамояд.

6. Қочоқ. Барои гунаҳгор намудани шахс дар содир кардани қочоқи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бояд макони содир кардани кирдори ҷиноятӣ, соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вайрон карда шудааст ва хусусияти кирдори содиршуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Агар аломатҳои мазкур бо аломатҳои барои ҷиноятӣ м. 289 КҶ ҶТ хосбуда мувофиқат намоянд, кирдори гунаҳгор бояд мутобиқи маҷмуи ҷиноятҳо – бо м. 289 ва м. 284 КҶ бандубаст карда шавад.

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадем:

1. Ба ҳайси категорияи умумии таҷассумкунандаи мазмуни мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» «сарватҳо» баромад карда метавонад ва қонунгузор мафҳуми ин арзишҳоро пурра муайян намудааст Дар муносибат бо худи мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бошад, қонунгузорӣ таърифи онҳоро бо усули тартиб додани рӯйхати мукаммали намудҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ татбиқ кардааст [6–М].

2. Бо назардошти қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳлили бархӯрди усулии (доктриналии) олимон ва мутахассисон дар тафсири мафҳуми «металҳо ва сангҳои қиматбаҳо», таърифи пурраи дақиқ гардонидашудаи зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: «Металҳо ва сангҳои қиматбаҳо сарватҳое мебошанд, ки «арзиши баланди бозорӣ доранд» [7–М].

3. Бинобар характери холигӣ доштани диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ барои пурра фаҳмидани мазмуни мафҳумҳое, ки предмети ҷиноятро ташкил медиҳанд, ба қонунгузории махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа рӯй оварданро таҳлил мекунад. Пеш аз ҳама ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» [9–М].

4. Мазмуни объекти бевоситаи м. 284 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) эътироф карда шаванд, ки моҳияти онҳо қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ мебошанд, ки тартиб ва шартҳои муомилот (шартнома, қарордод) алоқаманд бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ё марворидро муайян мекунад, инчунин «тартиби нигоҳдорӣ, интиқол ва кашондани онҳоро» муқаррар мекунанд. Пурра намудан (бартараф кардани) камбудиҳо ва норасоиҳо, ба ақидаи мо, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба моддаи 284 КҶ ҶТ дар соҳаи «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои

қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад [4–М]. [10–М].

5. Нишонаи ҳатмии тарафи объективии таркиби кирдори ҷиноятии пешбинишуда, бо тавсифи кирдори ҷиноятии ба таври алтернативӣ содиршаванда ҷой дода шудааст. Мафҳуми умумие, ки ин кирдорро фаро мегирад, мафҳуми «муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» мебошад, ки дар сарлавҳаи моддаи мазкур (талаботи меъёрӣ) нишон дода шудааст. Бояд моддаи 284 КҶ ҶТ чунин номида шавад: «Муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ». Ва ин ном мазмуни моддаҳои айни замон амалкунандаи 284 ва 285 КҶ ҶТ пурра фаро мегирад [4–М].

6. Бинобар бо пуррагӣ мавҷуд набудани ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии сарватҳо ва як қисми ин раванд ифода ёфтан дар м. 284 КҶ ҶТ ва вайрон намудани қисми дигари ин раванд дар м. 285 КҶ ҶТ бояд бо қатъ гардидани эътибори м. 285 КҶ ҶТ бартараф карда шавад ва тамоми аломатҳои таркиби ин ҷиноят бояд дар доираи м. 284 КҶ ҶТ бо пуррагӣ фаро гирифта шавад.

7. Дар м. 284 КҶ ҶТ айни замон ангеза ва мақсад ҳамчун нишонаҳои ҳатмии тарафи субъективӣ ифода наёфтаанд, бинобар ин онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад [3–М]. [8–М].

8. Суннусолии субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ пешбинӣ шудааст, мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар он ҳолат, ки шахс синнаш ба шонздаҳсолагӣ расида бошад [2–М].

9. Дар баробари шахсоне, ки дорои «нишонаҳои субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ мебошанд, инчунин шахсоне ҷиноят содир карда метавонанд, ки ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам

«ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо доранд [2–М]. [11–М].

10. Ба назари мо бандубасти кирдори ҷиноятӣ ҳамчун «мутобиқати комили муқарраршуда ва аз ҷиҳати қонунӣ вобаста кардашудаи байни нишонаҳои кирдори содиршуда ва унсурҳои таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки аз тарафи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст» фаҳмида шавад. Кирдорҳое, ки аз ҷониби шахс ҳангоми тайёрӣ ба ҷинояти баррасишаванда содир карда мешаванд, бояд пеш аз содир намудани ҷиноят қарор дошта, ягон аз нишонаҳои ҳатмии тарафи объективии таркиби ҷиноятӣ зикргардидаро надиҳад [5–М].

11. Ҷазои ҷиноятӣ барои тайёрӣ ва суиқасд ба ҷиноят танҳо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин пешбинӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, тибқи талаботи Қисми умумии КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ танҳо он шахсоне кашида мешаванд, ки тайёриро бо қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ содир намудаанд. Дар қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ, тайёрӣ ба кирдори ҷиноятӣ ҷазо дода намешавад, зеро «он ба категорияи вазнин ё махсусан вазнин» дохил намешавад [5–М].

12. Дар мавриди мафҳуми «суиқасд ба кирдори ҷиноятӣ» бояд гуфт, ки он дар Қисми умумии КҶ ҶТ муайян карда шудааст. Дар ҳолати бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии амали гунаҳгор дар чунин шакли «суиқасд ба кирдори ҷиноятӣ», ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд ба назар гирифта шавад, ки дар муқоиса бо омодагӣ ба кирдори ҷиноятӣ, суиқасд ба содир намудани чунин як кирдори ҷиноятӣ оғози иҷрои бевоситаи кирдори ҷиноятӣ – «қисман иҷро кардани нишонаҳои тарафи объективии кирдори ҷиноятӣ мебошад» [5–М].

13. Таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мо мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аз рӯйи сохтораш расмӣ муайян карда шудааст. Агар муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз рӯйи иродаи худи ӯ (ҳангоми дарки он, ки ин кирдори ҷиноятиро ба охир расонида

метавонад) ба анҷом расонида нашавад, пас ин кирдори ӯ, дар ин маврид, бояд ҳамчун амали ихтиёран даст кашидан аз кирдори ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад. Ин кӯшиш метавонад нобарор (номуваффақ) бошад, яъне он метавонад ҳамчун «суиқасди номуваффақ бо иштибоҳи шахс дар объекти кирдори ҷиноятӣ эътироф карда шавад» [5–М].

14. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, мутобиқи қайдҳои м. 284 ва 285 КҶ ҶТ дар ҳаҷми калон содиршуда эътироф карда мешавад. Ба назари мо чунин мерасад, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба маблағи зиёда аз 64 ҳазор сомонӣ, яъне дар ҳаҷми калон ифодашуда, бояд суиқасди ҷиноятқорро низ фаро гирад. Дар акси ҳол, агар шахси гунаҳкор иқрор нашавад, ки ин кирдорро маҳз дар ҳаҷми калон содир кардааст, пас ин амал ҳамчун муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бидуни нишонаҳои вазнинкунанда – мутобиқи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ муқаррар карда мешавад. Ба ақидаи мо, баръакс, дар ҳолатҳое, ки агар ҷиноятқор қасди содир намудани ҷиноятро ба маблағи беш аз 64 ҳазор сомонӣ дошта бошад, аммо вай нияташро қисман иҷро кардааст, яъне ҳар дафъа (маротиба), масалан, муомилоти ғайриқонунӣ дар ҳаҷми камтар, кирдорҳои вай бояд мувофиқи банди «б» қ. 2, м. 284 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Агар дар мисоли овардашуда, суиқасди ҷиноят, бо вазъиятҳои новобаста аз иродаи худи ҷиноятқор ба анҷом нарасидааст, аммо суиқасд ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҳаҷми калон баръало равшан мебошад – қ. 3 м. 32 ва қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷинояти ҷалб карда мешавад. [5–М].

ТАВСИЯҲО

Дар заминаи таҳқиқоти илми чунин тавсияҳои илмӣ барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт манфиатпазир мебошанд.

1. Дар ном ва диспозитсияи моддаи 284 КҶ ҶТ «марворид» ба ҳайси предмети ҷиноят зикр ёфтааст, аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» мафҳуми «марворид» инъикос нашудааст. Ҳамчунин, дар канданиҳои фоиданоки ҶТ марворид вуҷуд надорад. Аз ин рӯ таклиф карда мешавад, ки калимаи «марворид» аз ном ва диспозитсия м.284 бардошта шавад.

2. Пешниҳод мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноят на фақат барои бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, ва ашъёи хоми дори металҳои қиматбаҳо муқаррар карда шавад [7–М].

3. Бо ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, м. 285 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад [4–М].

а). Номи м. 284 КҶ ҶТ бастани аҳди ғайриқонунии бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид мебошад. Бинобар ин, номи м. 284 ба «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» иваз карда шавад.

4. Дар б. «а» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ таклиф карда мешавад, ки калимаи «такроран», ба калимаи «якчандкарата» иваз карда шавад.

5. Бо мақсади ҳар чӣ пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар мебуд, агар ба санксияи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона

(гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ омадааст мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда» (б. 26)–ро тақозо менамоя [6–М].

6. Пешниҳод мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои вазнинкунанда дохил карда шаванд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гуруҳи муташаккил. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир мешаванд, бештар буда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҷудо намудани онҳо ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад [5–М].

Ҳамин тавр, таҳлил ва омӯзиши ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ҷамъбаст карда, пешниҳод менамоем, ки дар ном ва диспозитсия м. 284 ҚҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

Моддаи 284. Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ

1) Додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо вайрон кардани қоидаҳои ҳатман ба давлат фурӯхтан ё супоридан, таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард ва истифодаи онҳо бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан, кашондан ё ба соҳибияти каси дигар додани ин сарватҳо дар ҳар намуди ҳолат, бо истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар

а) якчандкарата;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор, агар

а) ба миқдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз вазифаи хизматӣ содир шуда бошад,

– бо … ҷазо дода мешавад».

Эзоҳ:

1. Зери мафҳуми «сарватҳо» дар диспозитсияи моддаи мазкур – ин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фаҳмида мешавад.

2. Зери мафҳуми «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо» дар диспозитсия моддаи мазкур – шахсоне, ки барои вайронкардани тартиботи муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо айбдоранд ва маблаге, ки аз муомилоти ғайриқонуни ба даст оварда мешавад, тибқи қонунгузории ҶТ ба қисми даромади буҷети давлат ворид карда мешавад.

Инчунин, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки ба нобудшавии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо оварда расонидаанд, фаҳмида мешавад.

3. Зери мафҳуми «ба миқдори махсусан калон» кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҳамон вақт ба миқдори махсусан калон содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ қарор гирифтаанд, аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

2. Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20-уми июли соли 1994, таҳти №983 // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №15-16. – М. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №22. – М. 259; – 2008. – №1. – қ. 2. – М. 16. – №12. – қ. 2. – М. 1005; – 2010. – №12. – қ. 1. – М. 822; ҚҶТ аз 28.12.13. таҳти №1048.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, таҳти №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – М. 68–69; – №22. – М. 306; Қонунҳои ҶТ соли 2020, таҳти №1. – М. 8–9; – 2020. – №7–9. – М. 607, 623; – 2020. – №12. – М. 904; – 2021. – №4. – М. 196.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми июни с. 2011, таҳти №722 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №6. – М. 435; – 2014. – №7. – қ. 2. – М. 409–410; – 2018. – №7–8. – М. 531; – 2019. – №7. – М. 474 (Қонуни ҶТ аз 26.07.2014, таҳти №1112–1113; аз 3.08.2018, таҳти №1548; аз 19.07.2019, таҳти №1645; аз 07.08.2020, таҳти №1721).

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби кори ташкилотҳое, ки холискории металлҳои қиматбаҳоро анҷом медиҳанд ва Номгӯйи ташкилотҳое, ки ҳуқуқи холискории металлҳои қиматбаҳоро

доранд» аз 3-юми марти соли 2003, таҳти №90 / Бонки мутамарказонидаи иттилоотии ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Версия 7.0.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои харидуфурӯш, воридот ва содироти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоме, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо ва ранга доранд» аз 6-уми майи соли 2006, таҳти №215 / Бонки мутамарказонидаи иттилоотии ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Версия 7.0.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдоштии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин, тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо» аз 3-юми августи соли 2007, таҳти №415 // Бонки мутамарказонидаи иттилоотии ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Версия 7.0.

9. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 // Бонки мутамарказонидаи иттилоотии ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Версия 7.0.

10. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус аз 9-уми июли соли 1999, таҳти №275-З [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// pravo. By /document /?guid=3871&p0=Hk9900275 (санаи мурочиат: 13.10.2021).

11. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, №63–ФЗ (ред. от 01.07.2021) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.12.2021) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Справочная правовая система КонсультантПлюсhttp://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи мурочиат: 13.10.2021).

12. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.04.2022) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz//Document (санаи мурочиат: 18.01.2022).

13. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2012–XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110 (санаи мурочиат: 26.09.2021).

14. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года, №2341–III [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon. kz/Document /?doc_id=30418109 (санаи мурочиат: 01.11.2021).

15. Федеральный закон «О драгоценных металлах и драгоценных камнях» 31.03.1999, №66–ФЗ (Собрание законодательства Российской Федерации, 1998, №13, ст. 1463) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Справочная правовая система КонсультантПлюс http://www.consultant.ru /document/cons_doc_LAW_18254/ (санаи мурочиат: 23.10.2021).

16. Федеральный закон «О почтовой связи» от 17.07.1999, №176–ФЗ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru/acts/bank /14140 (санаи мурочиат: 10.10.2021).

17. Федеральный Закон РФ от 10.12.2003, №173–ФЗ «О валютном регулировании и валютном контроле» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Справочная правовая система КонсультантПлюс http://www consultant.ru/document/cons_doc_LAW_45458/ (санаи мурочиат: 01.10.2021).

18. Положение о совершении сделок с природными драгоценными камнями на территории Российской Федерации // Собрание законодательства Российской Федерации. – 1996. – №27. – Ст. 3286.

19. Приказ Министерства финансов Российской Федерации от 29 августа 2001 года, №68н «Об утверждении Инструкции о порядке учета и хранения драгоценных металлов, драгоценных камней, продукции из них и ведения отчетности при их производстве, использовании и обращении» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Справочная правовая система Гарант: https://base.garant.ru/183863/ (санаи мурочиат: 23.10.2021).

II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ, курси лексияҳо

20. Аламшозода, А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дастури илмӣ-методӣ / А.А. Аламшозода. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 204 с.

21. Арзамасцев, М.В., Базаров, Р.А., Михайлов, К.В. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов и драгоценных камней [Текст]: монография / М.В. Арзамасцев, Р.А. Базаров, К.В. Михайлов. – Челябинск, 2001. – 230 с.

22. Бавсун, М.В. Целесообразность в уголовном праве: монография [Текст] / Бавсун М.В.; Науч. ред. Марцев А.И. – Омск: Изд-во Омск. акад. МВД России, 2004. – 172 с.

23. Бантышев, А.Ф. Борьба органов внутренних дел с нарушениями правил о валютных операциях [Текст]: учебное пособие / А.Ф. Бантышев. – Киев: НИиРИО КВШ МВД СССР, 1990. – 71 с.

24. Бобоҷонов, И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия) [Матн]: васоити таълимӣ-амалӣ. Дар се қисм. Қисми 1 / И.Ҳ. Бобоҷонов. – Душанбе: «ЭР–граф», 2012. – 152 с.

25. Бобоҷонов, И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия) [Матн]: васоити таълимӣ-амалӣ. Дар се қисм. Қисми 2 / И.Ҳ. Бобоҷонов. – Душанбе: «Ямини содиқ», 2014. – 244 с.

26. Борзенков, Г.Н. Курс уголовного права [Текст]. Особенная часть. Том 3: учебник для вузов / Под ред. доктора юридических наук, профессора Г.Н. Борзенкова и кандидата юридических наук, профессора В.С. Комиссарова. – М.: Зерцало-М, 2002. – 470 с.

27. Волженкин, Б.В. Экономические преступления [Текст]: монография / Б.В. Волженкин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 1999. – 312 с.

